## *Мундарича*

Боби 1 ........................................................ 5
Боби 2 ........................................................ 18
Боби 3 ........................................................ 28
Боби 4 ........................................................ 37
Боби 5 ........................................................ 45
Боби 6 ........................................................ 52
Боби 7 ........................................................ 59
Боби 8 ........................................................ 74
Боби 9 ........................................................ 89
Боби 10 .................................................. 103
Боби 11 .................................................. 110
Боби 12 .................................................. 117
Боби 13 .................................................. 124
Боби 14 .................................................. 134
Боби 15 .................................................. 145
Боби 16 .................................................. 151



Боби 17.................................................... 175
Боби 18 .................................................. 183
Боби 19 .................................................. 188
Боби 20 .................................................. 203
Боби 21 .................................................. 210
Боби 22 .................................................. 218
Боби 23 .................................................. 227
Боби 24 .................................................. 234
Боби 25 .................................................. 245
Боби 26 .................................................. 253
Боби 27 .................................................. 259

# БОБИ 1
## “Нони худро ба об парто, чунки пас аз рӯзҳои бисёр онро хоҳӣ ёфт” Воиз 11:1

Субҳи хеле зебои моҳи июл буд. Ин пагоҳӣ толори калони мактаби якшанбегӣ назар ба дигар рӯзҳои одатӣ серодам менамуд. Кӯдакони синну солашон гуногун, аз хурдакакон сар карда, то ҷавонони қариб калонсол дар курсиҳо ҷой гирифта буданд. Онҳо навакак якҷоя суруди дӯстдоштаашонро хонданд: “Хонаи осмон олию дурахшон”. Директор аз гузаргоҳҳои назди курсиҳо гузашта, талабагони бе муаллим мондаро қайд мекард ва онҳоро ба ёрдамчиёни ихтиёрӣ, ки дар як тарафи саҳни толор меистоданд, месупурд. Ин ёрдамчиён аз қатори масеҳиёни оддие буданд, ки ҳангоми наомадани ягон муаллим ӯро иваз мекарданд.

Назди даромадгоҳи толор як хараки



дароз диққати касро беихтиёр ҷалб менамуд. Дар он якчанд бачагони пойлучу чиркин бо либосҳои даридагӣ нишаста буданд. Ҷои муаллим холӣ буд. Аз намуди ин талабагон аниқ фаҳмидан мумкин буд, ки онҳо бо нияти қатъии ҳарчи бехтар дилхушӣ кардан омадаанд.

Ин шунавандагони хурдсол то чӣ андоза шӯх, чолок ва ҳилагар буданд! Аз рӯи камзӯлҳои даридагӣ, мӯйҳои пахмоқ ва чашмони маккорашон як гурӯҳи овораву дайду будани онҳо дарҳол шинохта мешуд. Лақаби “гурӯҳи дайду” аз ҳама бештар ба онҳо мувофиқ буд. Дар ин толори равшан нурҳои офтоб духтарону баччаҳои тозаву оросета либос пӯшидаро хуррамона равшан мекарданд. Гиребонҳои сап-сафед ва галстукҳои эҳтиёткорона басташудаи онҳо аз дастҳои ғамхоронаи модар шаҳодат медоданд; ва дар ин толор, дар чунин муҳит дидани ин гуна дайдуҳо то як андоза аҷиб менамуд. Дар ин гурӯҳ рӯҳияи хушҳолонатарин ҳукмфармо буд: бачаҳо механдиданд, ҳуштак

мекашиданд, якдигарро аз мӯйҳояшон мекашиданд, ва пойҳои лучашон доимо дар ҷунбиш буд. Директор назди онҳо истода, бо меҳрубонӣ гуфт:

– Салом, дӯстон, ман хеле хурсандам, ки шумо имрӯз ин қадар бисёр ҳастед. Муаллимаатон дар куҷост?

– Вай нест, – гуфт яке аз онҳо

– Вай ба Калифорния рафтааст, – илова кард дуюмин.

– Вай аз мо тарсид, – қайд кард сеюмӣ.

– Ин ҳайратовар нест! Рӯзи якшанбеи гузашта Тим чини куртаи вайро даронд. Охир ӯ дар байни мо бачаи хеле чаққон аст-ку...

Пас аз ин суханон хандаҳои баланд садо доданд, ки ҳатто бачаҳои гурӯҳи ҳамсоя ба ақиб нигоҳ карданд, то бинанд, ки чӣ рӯй дод. Тим даст ба мӯйи сараш бурда бо ҳамагон шодӣ мекард.

– Ман барои шумо муаллимаи дигареро даъват мекунам ва шумо ҳамаатон аз вай розӣ хоҳед буд. Вале умед дорам, ки шумо бо вай боадабона муносибат мекунед.

Дар хараки ёрдамчиёни ихтиёрӣ боз



як духтари ҷавони зоҳиран шармгин монда буд.

– Оҳ, ҷаноби Паркер! – ҳаросон хитоб кард ӯ, вақте ки директор ба вай бо дархости худ муроҷиат намуд. – Ман ин гурӯҳро гирифта наметавонам, ман ҳоло ягон бор дар мактаби якшанбегӣ дарс надодаам; илова бар он, ман ин бачаҳоро аз вақти ба ин ҷо даромаданам мушоҳида карда истодаам. Онҳо шӯхию хандаро бас накарда истодаанд, ва аз афташ ин дилхушиашонро бас карданӣ ҳам нестанд.

– Маҳз аз ҳамин сабаб, барои қатъ кардани ин бадахлоқиашон ман аз шумо хоҳиш дорам, ки бо онҳо сӯҳбат кунед.

– Оҳ, не, барои онҳо ягон каси таҷрибанок лозим аст... ё касе ки онҳоро шавқманд карда метавонад.

– Лекин мо интихоби дигар надоремку, ва агар шумо бо ин гурӯҳ машғулият нагузаронед, он бе муаллима мемонад.

Духтари ҷавон ҳоло ҳам ба қарор намеомад.

Он гоҳ ҷаноби Паркер хам шуда, ба гӯшаш гуфт: “Он чи ба яке аз ин баро-

дарони хурдтарини Ман накардаед, ба Ман накардаед”.

Духтар дарҳол аз ҷояш хест; ҳама шаку шубҳа аз дилаш гум шуд.

– Хуб, ҷаноби Паркер, азбаски шумо мегӯед, ки ягон каси дигар нест, ман розиям.

Ӯ аз пеши кӯдакони бодиққат ва сару либоси хуб пӯшида, ки ба гурӯҳҳои зиёд тақсим шуда буданд, гузашта, сӯи хараки назди даромадгоҳ равон шуд.

– Ана, дӯстони ман, – гуфт директор, – ба шумо муаллимаатон Перриро муаррифӣ мекунам. Умед дорам, ки шумо бо ӯ ҳамчун бачаҳои хуштарбия муносибат мекунед.

Духтари ҷавон ҷои худро гирифт. Вай дар дил аз Худо зорӣ намуд, ки ин таҷрибаи аввалини кории ӯро, ки барои Ӯ буд, баракат диҳад. Вай дарсро оғоз намуд, зеро шаш ҷуфт чашмони айёру шӯх дар интизории хомӯшона ба ӯ дӯхта шуда буданд.

– Оё шумо оятеро, ки ба шумо супориш дода шуда буд, ба ман аз ёд гуфта метавонед? – дӯстона пурсид ӯ.



– Имрӯз наметавонем! – ҷавоб дод Боб Тёрнер, ки ҳамеша якум шуда ҷавоб медод.

– Мо одати аз ёд кардани оятҳоро надорем, – илова намуд шарикаш.

– Мо ба ин ҷо танҳо вақте меоем, ки ҳаво барои моҳӣ қапидан ё чормағз чиндан беҳад гарм мешавад.

– Тим бошад, –давом дод сеюмӣ, – ба ин ҷо танҳо ба он сабаб даромад, ки аз давом додани роҳаш танбалӣ кард.

– Ин дурӯғ аст! – дод зад Тим, – ман барои он омадам, ки дар хона бо ман фақат ҷанҷол мекунанд.

Аз ин суханон ҳамаи шаш нафар баланд хандиданд.

Ин ҳамааш он қадар аҳамият надорад, дӯстонам! – гуфт муаллима, – ба фикрам, шумо ҳикоя гӯш карданро дӯст медоред? Мехоҳед, ман ба шумо ягон ҳикоя нақл кунам?

Шунавандагони сермағал розӣ шуданд.

– Ман ба шумо воқеаеро нақл мекунам. Ин воқеа бофта нашудааст, балки бо падари ман рӯй додааст. Пас, гӯш ку-

нед!

Шунавандагон ба ҳам зич шуданд ва бо диққат ба ӯ менигаристанд.

– Касе ки дар ин маҳал зода шудааст, албатта, кони оҳанро дидааст. Ва, бешубҳа, шумо медонед, ки ҳар як конкан ҳатман бояд бо худ чароғ дошта бошад, то дар зери замин, дар торикӣ роҳ ёфта тавонад. Падари ман ҳам конкан буд. Ҳар пагоҳӣ вай ҳамроҳи дигар конканҳо чуқур ба зери замин мефаромад. Дар зери замин ҳар кас бояд чароғи худро эҳтиёт мекард. Падарам бисёр вақт ба ман нақл мекард, ки вақте дар нақби пасти кон пуштнокӣ хобида кор кардан лозим меомад, ин оташаки чароғдон ягона тасаллои вай буд. Ва боре, дар як рӯзи гарму тафсони тобистон, пеш аз он ки конканҳо ба зери замин фароянд, дар ғарб абрҳои сиёҳ ҷамъ шуданд. Конканҳо чун ҳарвқта пеш аз фаромадан барои дуо ҷамъ шуданд. Якбора раъду барқ сар шуд. Ва дар боло обу ҳаво ҳар қадар бад бошад ҳам, дар кон, ки онҳо ба он ҷо фаромаданд, хомӯшии том ҳукмфармо



буд.

Мардон ба якдигар рӯзи кории нек орзу намуда, аз пайи кор шуданд. Онҳо ба қисмҳои гуногуни кон тақсим шуданд, ва ҳар кас дар ҷои худ бо ғайрат кор мекард. Чароғҳои онҳо дар тасмаи васеашон часпонда шуда буд, ва оташаки хурди чароғҳояшон ба онҳо равшанӣ мекард.

Ногоҳ падарам гулдурроси даҳшатнокеро шунид: дар якчанд сония тахтабанди нақби кон фурӯ рехт.

Доду фарёди воҳиманоки конканҳо шунида мешуд, ва танҳо овози гӯшкаркунандаи падарам аз дигар овозҳо баландтар садо дод: “Чароғҳоятонро эҳтиёт кунед! – гуфт ӯ. – Танҳо онҳо метавонанд дар куҷо будани моро ба халоскунандаҳо нишон дода, моро наҷот диҳанд!”

Бесарусомонии сахт сар зад. Ҳама кӯшиш мекарданд кӯр-кӯрона ба даромадгоҳи нақби кон гузаранд, вале он пӯшида шуда буд. Ҳамаро ноумедӣ фаро гирифт. “Мо нобуд мешавем! Ҳама кӯшишҳо бефоидаанд! То вақте ки моро

меёбанд, мо аз гуруснагӣ мемурем!” Вале падарам кӯшиш мекард дар онҳо мардонагиро бедор кунад: “Мо набояд рӯҳафтода гардем! Худованд ҳар касеро, ки ба Ӯ муроҷиат мекунад, дар рӯзи тангиаш тарк накардааст! Гӯш кунед! Рафиқони мо албатта кӯшиш мекунанд моро ёфта бароранд. Мо бояд хӯрокӣ ва ҳамчунин равғани чароғҳоямонро дуруст тақсим кунем. Бинобар ин ба ғайр аз якто чароғ дигар ҳамаашро хомӯш кунед, то ки фақат як чароғ доимо фурӯзон бошад.

Конканҳо мувофиқи дастури падарам амал карданд. Ҳар як бурдаи нон аз рӯи инсоф тақсим карда мешуд, ва танҳо як чароғ даргирон буд. Вақт оҳиста, соат ба соат мегузашт. Аз рӯи ҳисоби онҳо, аз вақте ки онҳо зинда ба зинда гӯр шуданд, аллакай чор рӯз гузашт. Охирин бурдаи нон хӯрда шуда буд, ва охирин қулти об нӯшида шуда буд. Одамони рӯҳафтодаву мондашуда дар гирди чароғе ки оташаш ба охир расида истода буд, менишастанд. Онҳо бо чашмони барангехта ба шӯълаи хомӯш шудаистода бехаёл нигоҳ



мекарданд, чунки дар пилтаи чароғ охирин чакраҳои равған месӯхтанд.

Ва боз шиквае бо овози паст садо дод: “Чаро мо худамонро бо умеди бемаъно азоб медиҳем? Хоҳ-нохоҳ мо мемурем!” Вале падарам ба онҳо эътироз мекард: “Не, мо набояд таслим шавем! Оё шумо оташаки ин чароғро мебинед? Пас, чӣ тавре ки он торикиро равшан мекунад, ҳамон тавр Худо бо сухани Худ дилҳои моро равшан менамояд. Сухани Ӯ чароғ аст барои пойҳоямон, ҳатто агар ҳама чароғҳо дар атроф хомӯш шаванд. Охир Ӯ гуфтааст: «Маро дар мӯҳтоҷият бихон, ва Ман туро наҷот медиҳам, ва ту Маро ҷалол медиҳӣ!» Ин ваъдаи Ӯ моро имрӯз дастгирӣ карда истодааст. Биёед дуо мекунем!”

Пас аз дуо хомӯшии том фаро расид. Дере нагузашта, оташаки охирон низ хомӯш гашт. Баъзеҳо гиря карданро сар карданд. Онҳо сусту нотавон гаштанд.

Ногаҳон, чӣ тавре ки баъзе вақт дар хоб мешавад, падарам, мисли аз дур, садои тирпаррониро шунид. Баъд аз якчанд вақт садо такрор шуд; сипас аниқтару

наздиктар, ва онро дигарон низ мешуниданд. Одамони хасташуда зиндадил шуданд. Онҳо ҳар муддат якҷоя баланд фарёд мезаданд, то ки халоскунандагон дар кучо будани онҳоро муайян карда тавонанд. Садои корҳои наҷотдиҳӣ ҳарчи бештар наздик мешуд. Ва, ниҳоят, ҷои чун қабр маҳкамшудаи онҳо нимкоф шуд, ва дар болои сарашон чароғи даргирифтаистода чун офтоб намудор гашт. Онҳо пур аз ҳаяҷон ва миннатдорӣ ба он дастҳои харобгаштаи худро дароз карданд. Онҳо наҷот ёфтанд!

Нақли воқеа ба охир расид. Рухсораҳои сафедтоби муаллима Перри сурх шуданд. Хиҷолати ӯ аз байн рафт: бачаҳо нақли ӯро бо диққат ва бо чашмони дӯхта гӯш намуданд. Вақте ӯ хомӯш шуд, Тим аз вай пурсид:

– Оё ин воқеа дар ҳақиқат руй додааст?

– Бале, додарам. Падарам чандин бор онро ба ман нақл карда буд.

– Ва онҳо аз он сабаб наҷот ёфтанд, ки дуо карда буданд?

– Бале, бешубҳа! Охир, Худо ба мо ваъда додааст, ки агар аз Ӯ илтимос



кунем, Ӯ ба мо ёрӣ медиҳад.

Тим аз ҷояш хеста, каме ба пеш ҳам шуд.

– Ва он чизе ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, дар ҳақиқат чун чароғ дар торикӣ аст? Оё метавонад он ба одамони бад ҳам дурахшад, ба онҳое ки ҳеҷ гоҳ инро хоҳиш накарда буданд?

– Бале, Тим. Он чун нури чароғест, ки чуқур  дар зери замин медурахшад. Бе ин нур дар ҳаёт роҳ ёфтан тамоман имкон надорад.

Тим ба фикр фурӯ рафт. Баъд сар ҷунбонда, мӯйҳои сиёҳи ҷингилаашро афшонд.

– Ман ҳама вақт фикр мекардам, ки чунин воқеаҳоро барои мо барин одамон мебофанд, то ки мо  боадабона рафтор намоем. Вале намедонистам, ки чунин воқеа ҳақиқатан ҳам ба амал омадааст.

Ӯ чунон ба андешаҳо ғарқ шуд, ки ба ғалоғулаи умумӣ шарик нашуда, оҳиста, бо фикру хаёл мактаби якшанбегиро тарк намуд.

Перри бошад аз ақиби бачаҳо нигоҳ

карда, фикр менамуд, ки оё ягон донаи тухмӣ ба дили онҳо афтода бошад? Оё он мерӯида бошад, ё дар зери таъсири ин зиндагӣ нобуд мегардад?



# БОБИ 2
## “Қадаре дар хоки нағз афтод ва бор овард” Матто 13:8

Пагоҳии рӯзи душанбе, вақте Тим Левӣ чашмонашро кушод, офтоб аллакай баромада буд.

– Чӣ гуна дилгиркунанда! – хамёз кашида ба худ гуфт ӯ. – Агар ҳар саҳар хестан лозим бошад, оё бегоҳ хоб кардан меарзад?

Бо ин суханон ӯ танбалона аз ҷогаҳаш бархост ва дар якчанд дақиқа дирӯза либосҳои даридаи худро аллакай пӯшида буд. Вай ҳатто шона кардани мӯйҳои ҷингилаи парешони худро фаромӯш кард. Ҷогаҳи ӯ, мисли худаш, чиркину бетартиб буд, ва тамоми ҳуҷрааш ба ин афту намуд мувофиқат мекард. Ифлосӣ, чангу ғубор ва қашшоқӣ дар ин истиқоматгоҳ ҳукмрон буданд.

Тим аз зинапояи шикаста поён ба ошхона фуромад. Танҳо як намуди ин ҳуҷра касро дилгир менамуд. Дар кунҷи

ошхона мизи ба девор такяшуда ҷойгир шуда буд, ки бар се пояи худ базӯр меистод; дар болои он миз дастпоккунаке буд, ки шояд вақте сафед буд, вале ҳоло шубҳа кардан мумкин буд, ки ранги аввалааш сафед буд. Дар сари миз барои Тим ва хоҳараш хӯроки саҳарӣ гузошта шуда буд. Мизро галаи пашшаҳо иҳота мекарданд. Ҳавои ҳуҷра аз офтоби сӯзони моҳи июл ва тафси оташдон бениҳоят гарм шуда буд.

– Охир хестӣ, – бо чунин суханон пешвоз гирифт ӯро модараш, ки дар назди дег чизе мепухт. – Ту аз хобат дер мехезӣ! Чӣ тавр ту, чунин бачаи калон, шарм надошта то ба дерӣ дар ҷогаҳат ғел мезанӣ, ва модаратро маҷбур мекунӣ, ки ҳезум майда карда, барои хӯроки пагоҳии ту об кашад?

– Лекин ту барои дигарон низ хӯрок мепазӣ-ку, рост не? – ҳилаомез пурсид Тим. – Падарам дар куҷост?

– Дар ҳамон ҷое ки ту то ҳоло будӣ. Рости гап, ман аз чунин зиндагӣ ва аз ҳамаи шумо монда шудаам.

Модараш аз назди дег дур шуд ва бо



пешбандаш ба рӯи худ шамол медод.

Зани бечора ба назар азобдида ва хашмгин менамуд, вале дар асл тамоман зани бадқаҳр набуд. Кошки Тим медонист, ки ин саҳар модари бечорааш дар дил то чӣ андоза ғам дошт. Вай дар даруни дил шавҳарашро, ки дар ин бевақтии рӯз хоб мерафт, маҳкум намекард. Баръакс, вай хурсанд буд, ки шавҳараш баъд аз чунин шаби дароз, ки бо азоб гузаронд, ором гирифта, хобаш бурд. Худи вай аз субҳидам аллакай бедор буд; мунтазам ба пешонии шавҳараш латтаи тар гузошта, болишташро дуруст мекард, ва гаҳвораи кӯдаки ширмакаш-ро меҷунбонд, то вай бо гиряи худ ба бемор халал нарасонад. Бе ягон шубҳа, хонум Левӣ занаки бад ё модари бад набуд, лекин ин пагоҳӣ вай хеле хаста шуда буд. Вай дар бораи бачаи шӯху танбалаш, духтари густоху гапнодарояш, кӯдаки ширмаки тансиҳату боқувваташ, ки вақти бисёри ӯро мегирифт, ва ниҳоят дар бораи шавҳараш, ки рӯз то рӯз суст мешуду, вале дар ин бора гап намезад, фикр ме-

кард.

Ва барои тамоми ин оила танҳо вай бояд кор мекард. Илова ба ҳамаи ин вай дар хонаи одамони дигар бо меҳнати ҳаррӯза пул кор мекард. Ӯ аз ҳеҷ куҷо умеди кӯмак гирифтанро надошт. Ва ҷои тааҷҷуб нест, ки овозаш сахт ва суханонаш на он қадар одилона буданд.

Доди кӯдак аз ҳуҷраи дигар андешаҳои ӯро қатъ намуд. Ин гӯшаи хурдакак ҳамроҳи ҳуҷраи бемор ва хоначаи Тим, ба ғайр аз ошхона, манзили зисти онҳоро ташкил медод. Хонум Леви даррав ба ҳуҷраи шавҳараш назар кард, вале дар баста буд.

– Мария, – фарёд зад ӯ, – оё гаҳвораи кӯдакро ҷунбонда наметавонӣ?

– Ҳа, инро танҳо гуфтан осон аст, – ғур-ғур кард Мария, – канӣ худат вайро ором карда бин.

Гӯё ҳамчун исботи суханони вай, гиряи кӯдак баландар шуда ба доди сахт мубаддал гашт, ки ба воситаи он кӯдак тавонист модарашро маҷбур кунад, ки ба наздаш давида ояд.

– Чӣ хел ту духтараки дилсахт



ҳастӣ, – гуфт ӯ ба духтараш, – барои чӣ гаҳвораашро намеҷунбонӣ? Падарат шаби дароз азоб кашид ва танҳо навакак хобаш бурд, вале ба ту тамоман фарқ надорад!

– Ман гаҳвораашро ҷунбонда будам, – хашмгинона ҷавоб дод Мария, – вале ӯро маҷбур кардан намешавад, ки чашмонашро пӯшад.

Ҳамин лаҳза дар ошхона чизе тарақҷос зада афтод, ва хонум Леви бо кӯдак дар даст он ҷо шитофт. Вақти набудани ӯ Тим вақтро беҳуда сарф накард: вай пораи калони нонро бурид, вале вақте ки дасташро сӯи равғани маска дароз кард, нохост зарфи қаҳваҷӯшониро бо оринҷаш тела дод. Зарф ба замин ғалтида ба садҳо пора тақсим шуд, ки дар кӯлмаки қаҳва шино мекарданд. Модари бечора тамоман бетоқат шуда сӯи Тим дод зад “Тезтар ба мактабат дафъ шав! Аз ту танҳо нохушӣ бармеояд! Ва тамоми рӯз ба назарам натоб!”

Вале Тим тавонист боз ба нонаш равған молад, ва кулоҳашро гирифта

дарҳол аз ошхона ҷаҳида барояд. То кушода шудани мактаб як соат монда буд. Аммо вай метавонист тамоми рӯзро бо ихтиёри худ гузаронад, зеро ҳар вақте ки хоҳад, ҳамон вақт ба мактаб мерафт.

Вай ба паноҳгоҳи дӯстдоштаи худ равон шуд, ки дар назди соҳили ҳавзи калону чуқур воқеъ буд. Вай дар он ҷо бозӣ кардан ва орзу намуданро дӯст медошт. Вақте ки вай ба дарахти афтида нишастан хост, ногаҳон овози қадамзаниҳои сустро дар пайраҳа шунид. Вай бо кунҷковӣ сарашро он сӯ гардонд, ва ногаҳон аз хурсандӣ ҷаста хест.

– Апаи Перри, шумо чӣ тавр шуда ба ин ҷо афтода омадед?

– Ҳаминро низ ман аз ту пурсиданӣ будам! – табассум намуда гуфт ӯ.

– Ман ба мактаб рафта истодаам, ва ҳоло боз вақт дорам.

– Ман бошам як беморро, ки берун аз шаҳр зиндагӣ мекунад, хабар гирифтам. Дар назди ин ҳавз хеле хуб ва салқин аст. Ту барои худ ҷои хуберо интихоб кардаӣ, Тим. Мумкин аст, ки ман каме



наздат нишаста, дам гирам?

Тим аз хурсандӣ сурх шуд, ва онсӯтар нишаста ба ӯ дар танаи дарахти афтода ҷо дод. Ин аҷоиб буд, ки Перри аз нишастан дар назди ӯ шарм намекард – назди ӯ, Тими чиркин бо либосҳои дарида; ва боз назди роҳе ки вайро ҳама метавонанд бинанд!

– Тим, оё ту ҳама вазифаҳои хонагиатро иҷро кардӣ? Дар омади гап, мӯйсарат despite онҷунон наменамояд, ки ту онро шона карда бошӣ.

Тим хиҷолатмандона ангуштонашро бо ҳам соида, хомӯш меистод, ки ин одатан ба ӯ хос набуд. Ниҳоят, ӯ шитобкорона гуфт:

– Апаи Перри, ман аз шумо дар бораи як чиз пурсидан мехоҳам!

– Марҳамат, додарам.

Тим андешакунон мавҷҳои хурди обро, ки зери шохаҳои хамшуда аз шӯлаҳои офтоб ҷило медоданд, назора мекард. Аз болои қамишзор сӯзанакҳои кабудранг парида мегузаштанд. Фароштурукҳо ҳангоми парвоз чунон ба об наздик мешуданд, ки қариб бо

нӯги қаноташон рӯи оби дурахшандаро мерасиданд. Аз шаҳр садои занги зангӯлаҳо мерасид. Вуҷуди Тимро ҳолати тантанок фаро гирифт, ва вай оҳиста пурсид:

– Он воқеаи нақлкардаи шумо дар бораи конканҳо ҳақиқатан рост аст?

– Бале Тим, рост. Падарам онро худаш аз сар гузарондааст.

– Он одамони наҷотёфта ҳамаашон одамони хуб ва боинсоф буданд? Онҳо ягон айб надоштанд?

– Барои чӣ ту чунин фикр мекунӣ? Дар байни онҳо ҳам бадмастон, ҳам бадон буданд. Вале баъд аз чунин наҷоти аҷоиб бисёре аз онҳо дигаргун шуданд. Дар лаҳзаҳои пурдаҳшати интизорӣ онҳо ягона нуреро дарк намуданд, ки бе он торикӣ равшан намешавад. Шояд ту ҷаноби Миллерро мешиносӣ? Вай соҳиби он хонаи калони сафед мебошад, ки дар атрофаш боғ аст? Ана, ӯ ҳам он вақт дар байни конканҳо буд. Вай он вақтҳо шахси бадмаст буд.

– Ҷаноби Миллер?

Тим аз ҳайрат даҳонашро кушод.



– Ман ҳама вақт фикр мекардам, ки Худо танҳо одамони хубро пуштибонӣ мекунад. Оё одами бадмаст ва нобакор метавонад ба шахси мӯҳтарам мубаддал гардад?

– Албатта, агар вай аз зиндагии пештара даст кашад ва ҳаёташро пурра ба Худованд супорад. Барои аксари одамони сабукфикр, ки дар зери замин маҳкам шуда буданд, ин вақти аз роҳи бад бозгаштан буд, ва онҳо ба роҳи росткорӣ қадам гузоштанд.

Чашмони Тим дурахшиданд.

– Оҳ, апаи Перри, эҳтимол бениҳоят хушу форам аст, вақте туро дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд, хусусан, агар пеш аз ин ту бекорхӯҷа будӣ. Вале қуввати ҳар кас ба ин намерасад. Ба фикрам, ман ҳеҷ гоҳ соҳиби эҳтиром шуда наметавонам!

– Бале, Тим. Дигарон низ инро карда наметавонистанд. Барои чунин тағйирёбии моҳияти худ қуввати одам намерасад. Барои ин мадади Худо зарур аст. Танҳо Худо ба одам мадад расонда метавонад, вақте ки одам хоксорона аз

Ӯ илтимос менамояд.

Тим бо тааҷҷуб китфҳояшро дарҳам кашид.

– Ва ҳатто ба ман барин одам?

Ногаҳон Тим аз ҷояш тез хест:

– Ман бояд ба мактаб равам, аллакай занг садо дод. Хайр апаи Перри, то боздид!

Вай бо пойҳои лучаш рост сӯи мактаб вошитофт.



# БОБИ 3
## “Он чи ба яке аз ин бародарони хурдтарини Ман кардаед, ба Ман кардаед”
## Матто 25:40

Дар аввали кӯчае ки Тим дар он зиндагӣ мекард, хонаи калони сафеде воқеъ буд, ки ҳама онро хонаи беҳтарини шаҳр меҳисобиданд. Тим низ бо ин ақида ҳамфикр буд, ва мунтазам пеши панҷараи он хона истода, бо ҳавас сабзазор ва фонтани онро тамошо мекард. Тим, новобаста ба феъли худсаронааш, ҳама гуна зебоиро дӯст медошт, ва фақат орзу мекард, ки ягон рӯз ин фонтани зеборо, ки аз дурӣ ба ӯ чунин дилкаш менамуд, аз наздикӣ бинад.

Ин ҳодиса 4-уми июл, рӯзи иди умумихалқӣ, ки дар ин маҳал қайд мешуд, рӯй дод. Тим аз соати чори саҳар аллакай бедор буд, то дар дилхушии оммавӣ ягон дақиқаро беҳуда аз даст надиҳад. Бахташ чунон омад кард, ки

вай як аспи аз садои тир тарсидаро аз лаҷомаш гирифта нигоҳ дошт, ва барои ин ба ӯ тангае доданд. Сипас ӯ ба ин танга пистон харид, то аспи дигареро тарсонад. Вай дар назди тӯпи оташфишон давуғеҷ мекард, ва чӣ қадаре ки метавонист, ба ҳама халал мерасонд. Баъд дар байни тӯдаи калони бачагоне, ки дар гирди бинои ҷамоат буданд, аз ҳама бисёртар ҳаёҳуй мекард ва дод мезад. Хулласи гап, ӯ тавонист дар ҳама ҷо шумӣ карда, ҳар қадаре ки имкон дошт, аз вазъият истифода барад.

Тим то соати даҳ чӣ қадаре ки метавонист бозиву шӯхӣ кард, ҳама пулҳояшро сарф намуд, ва барои боз бо ягон роҳ пул пайдо кардан, ё аз ягон имконият истифода бурдан дигар умед набуд. Вай аз саҳар то ҳол ҳеҷ чиз нахӯрда буд, ва медонист, ки ин соат дар хона ба ӯ хӯроки саҳарӣ намедиҳанд. Илова бар ин вай рафиқонашро дар байни издиҳоми одамон гум кард. Табъи вай хира мешуд – ба ӯ чунин намуд, ки ин ид, ки ӯ онро ин қадар бесаброна интизор буд, нобарор шуд.



Вай болои як қуттии кӯҳнаи чӯбин нишаст ва дар бораи ҳамаи ин ғамгинона андеша мекард, ва аз ин сабаб намуди рӯяш бештар турш мегашт. Вале чунин вазъият наметавонист то абад давом кунад. Тим ба ин хотима дода, аз ҷояш хест. Ӯ дастҳояшро ба кисаҳояш андохт, ва сурудеро ҳуштаккашӣ карда, аз пайи ёфтани моҷароҳои (рӯйдодҳои) нав шуд. Ҳамин вакт ӯ ҷаноби Миллер, соҳиби хонаи сафеди калонро дид, ки бо пакетҳои гуногун дар даст саросема аз кӯча мегузашт. Барои ӯ хеле ҳайратовар буд, вакте ки ҷаноби Миллер истод ва ба ӯ нигоҳ карда пурсид:

– Номи падарат чист?

– Ҷон Левӣ.

– Ту дар куҷо зиндагӣ мекунӣ?

– Дар он тарафи ҳавз, назди осиёб.

– Ҳа! Пас, падари ту дуредгар аст?! Акнун ба хотирам омад. Номат чист?

– Тим.

– Тим? Чӣ гуна номи хандаовар. Оё номи дигаре низ дорӣ?

– Шояд дорам, чунки маро Эдуард ном гузоштаанд, лекин ҳеҷ кас маро бо

ин ном наменомад.

– Ин тавр бошад, бигӯ, ки ин бегоҳ чӣ кор дорӣ?

– Ман ҳатто худам намедонам. Эҳтимол, дар шаҳр сайру гашт мекунам, то барои баровардани ғубори дил ягон машғулият ёбам.

– Ман ба ту чизи дигаре пешниҳод карданиям: бегоҳирӯзӣ ба боғи хонаи мо биё. Дар он ҷо фейерверк, сурудхонӣ ва боз баъзе дигар чизҳо мешаванд, ки метавонӣ худат бинӣ.

Тим тамоман шармгин набуд, ва худашро тез гум намекард, вале аз чунин даъвати ногаҳонӣ дилаш қариб аз ҷояш мебаромад. Оё ӯ дуруст фаҳмид? Наход ки ҷаноби Миллер ӯро ба боғи худ даъват карда истодааст ва ӯ метавонад чунон ба фонтан наздик шавад, ки қатраҳои об ба рӯяш пош хӯранд? Вай аз хурсандӣ мехост ҷаҳад, вале вақте ҷаноби Миллер илова намуд:

– Пас ту меоӣ?

Тим, шояд бори аввал дар ҳаёташ беҷуръатона, мисли забонгирифта ҷавоб дод:



– Ман... ман... ман намедонам... ман сарулибоси дигар надорам.

– Ҳоло дар танат чист? Магар ин сарулибос нест?

– Ин ҷанда аст, ҷаноб, – бо дилпурии одатиаш ҷавоб дод Тим ва чашмонаш айёрона ҷило доданд.

Ҷаноби Миллер ханда кард, ва ба андоми чиркини бача назар карда, қайд намуд:

– Номи хеле мувофиқ, вале дар хонаатон об будагист, ҳамин тавр не?

– Бале! Ҳар қадаре ки лозим бошад.

– Пас, дасту рӯятро шӯй, ҳамин тариқ ақаллан бо рӯи тоза назди мо мебиёӣ. Ман бошам ба ту ваъда медиҳам, ки ту дар он ҷо зиқ намешавӣ.

Ҷаноби Миллер, ки саросема буд, ин суханонро гуфта, роҳашро давом дод, вале бори дигар ба ақиб рӯ гардонда баланд гуфт:

– Агар дигар рафиқонат низ бошанд, метавонӣ онҳоро ҳамроҳат биёрӣ: ҳам бачагону духтаронеро, ки имконияти ҷашн гирифтани ин рӯзро надоранд.

“Оҳо, – фикр намуд Тим, – ана ин

омади кор! Фейерверк дар боғи ҷаноби Миллер, назди фонтан! Ман ӯро водор намекунам, ки аз ман такроран хоҳиш намояд! Боз вай ба ман гуфт, ки ҳар касеро хоҳам, метавонам даъват кунам. Пас ман пеши Боб Тёрнер меравам: курткаи вай ҳам мисли курткаи ман даридагӣ аст, – мо айнан мисли як ҷуфт мӯза хоҳем намуд... Ана, бахтам омад кард!” Тим бо дастонаш чапак зада ба тамоми кӯча баланд ҳуштак кашид ва “ура” гуфта фарёд зад.

Дар ин бегоҳ боғи боҳашамати ҷаноби Миллер аз кӯдакони сайру гашт кардаистода пур шуда буд. Онҳо ба он кӯдаконе ки ӯ одатан медид, тамоман монанд набуданд. Ҳам бойҳо ва ҳам камбағалон мисли як оилаи хушбахт якҷоя шуда буданд. Вақте ситораҳои гуногунранги оташии фейерверк боло мепариданд, вақте як даста шуоъ фонтанро равшан мекард, шавқу завқ канор надошт, ва садои бонги хурсандӣ ҳамаро фаро мегирифт.

Вале ин бегоҳ низ мисли дигар чизҳои хурсандибахш ба охир расид. Охирин



дастаи боҳашамати ракетаҳо ин идро тантанок ба охир расонд. Сипас ҷаноби Миллер ҳама меҳмононашро назди даромадгоҳ ҷамъ карда гуфт:

– Кӯдакони азиз, ҷаноби Ҳоуп ба шумо якчанд сухан гуфтанӣ аст, сипас мо як суруд хонда, хона ба хона меравем.

Ҷаноби Ҳоуп роҳбари ҷамоат буд, ва аксари кӯдакон ӯро мешинохтанд, бинобар ин ҳама бо завқ ба гӯш кардан тайёр шуданд. Аммо Тим ба чунин рӯҳияи онҳо шарик намешуд, ва бо таассуф охирин шарораҳои ракетаҳоро назорат мекард.

– Мо бе мавъизаи шумо ҳам қаноат мекардем, – зери лаб ғур-ғур намуд ӯ.

– Кӯдакон, оё вақтатон бо хурсандӣ гузашт? – пурсид ҷаноби Ҳоуп.

Ҳама якҷоя бо овози баланд “ҳа” гуфтанд. Роҳбар меҳрубонона табассум намуд:

– Ман медонам, ки чӣ ба шумо бисёр-тар маъқул шуд, – шарораҳои бисёри дурахшандаро дар назар дошта, гуфт роҳбар. Вале ӯ аз мавзӯи шарораҳои дурахшандаи фейерверк, ки ин бегоҳ

кӯдакон бо ҳавас тамошо мекарданд, ба дигар мавзӯъ гузашт. Ин дар бораи дигар Нур буд, ки Худо ба одамон дод, то онҳо дигар роҳҳоеро, ки бояд интихоб намоянд, ёфта тавонанд.

Ин ҳама он суханоне буд, ки гуфта шуд. Сухани насиҳат чунон кӯтоҳ ва содда буд, ки аз байни ҳузурдоштагон ҳатто кӯдаки аз ҳама хурд онро такрор карда метавонист. Вале то чӣ андоза он маънии бузург дошт!

Дар ҳақиқат, шояд Тим боз бо шавқу ҳавас гӯш мекард. Ва эҳтимол, ҳикояи апаи Перри дар бораи чароғ дар кон ба ин суханони насиҳат монанд буд. Дар бораи ин чароғ вай бештар фаҳмидан мехост. Магар апаи Перри нагуфта буд, ки ба шарофати ин чароғ одам метавонад беҳтар шавад? Ва ин чароғ аллакай ба баъзе касон роҳи тангро ба сӯи ҳаёти абадӣ нишон дод?

Тим ба фикрҳояш фурӯ рафта буд, ва вақте кӯдакон хондани сурудро сар карданд, ногаҳон як қад парид.



Худо дӯстдору наҷоти ҷонам,
Худо дӯстдору роҳнамоям.
Пас бояд сароям, Худоям некӯст,
Худоям некӯст, дӯстам дорад.

Баъд аз хондани суруд кӯдакон боғро тарк карда, ба хонаҳояшон рафтанд. Тим ғарқи андешаҳо роҳ мерафт. Барояш ин дар ҳақиқат шоми хеле хуш буд. Ва ин суруд дар охир, ки дар он ҳам дар бораи нур суруда мешуд! Шояд ҷаноби Ҳоуп ин сурудро махсус барои ӯ интихоб кард? Не, охир ҷаноби Ҳоуп фикрҳои ӯро хонда наметавонист-ку. Тим қарор дод, ки агар апаи Перриро бинад, албатта аз ӯ дар бораи ҳамаи ин пурсупос мекунад. Вале ана нобарории кор: вақте касе ба ту барои сӯҳбати ҷиддӣ зарур аст, вай дар пешат нест.

# БОБИ 4
## “Толибони Ман Маро хоҳанд ёфт” Масалҳо 8:17

Аз байн якчанд рӯз гузашт. Имрӯз ошхонаи хонум Левӣ тоза ва ба тартиб даровварда шуда буд: фаршаш рӯфташуда, чангу ғубораш пок кардашуда, ва аз кунҷу гӯшаҳояш ҳама гуна латтапутта ғундошта шуда буд; пардаи сабзи тиреза фуровварда шуда буд ва ошхона як намуди тантананок дошт.

Мария назди дар менишаст. Дасту рӯяш шустагӣ, мӯйҳояш шона кардагӣ ва куртааш поргӣ карда шуда буд. Рангу рӯяш ҷиддӣ ва андӯҳгин буд.

Падараш назди миз дар ягона курсии соз, вале кӯҳна ғамгин менишаст. Ғам, дарду алам ва азоби дилхароши ҳам ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳӣ, ки то ба беумедӣ мерасид, дар тамоми андоми вай дида мешуд. Дар ошхона на Тим буд, на модараш. Якчанд ҳамсояҳо оҳиста курсиҳоро аз дигар ҳуҷра оварда ҷо ба



ҷо мегузоштанд.

Ҳамаи ин тайёриҳо аз кадом сабаб буд? Барои чӣ хона чунин тоза ва ба тартиб оварда шуда буд? Барои чӣ чеҳраи ҳамагон чунин ғамгин буданд? Барои он ки дар болои миз тобути кӯдакона меистод, ва дар дарунаш додари хурдакаки Тим хобида буд. Касе ба дасташ садбарги нимшукуфтаро гузошта буд, ва тифли беҷон ба фариштаи хобидае монандӣ мекард. Бечора кӯдак! Вай дар ҳаёти кӯтоҳи худ ягон хурсандӣ надида буд. Апааш ӯро на бо нигоҳубин нозпарварӣ мекард, на бо навозиш. Модарашро лозим меомад, ки ноилоҷ ӯро дар хона монда, меҳнат кунад, то барои оила ризқу рӯзӣ пайдо намояд. Ва ҳатто бемор шудани ӯро ҳеҷ кас пай набурд, чунки вай ҳама вақт нооромва гирёнчак буд. Вале акнун ҳамааш тамом шуд. Вай дигар ҳеҷ касро бо фарёду гиряи худ ташвиш намедиҳад. Худованд ӯро ба қатори гӯсфандони рамаи Худ қабул намуд.

Тим аз дигар ҳуҷра пайдо шуд ва оҳиста пеши тобут наздик омад. Ӯ низ

аз намуди ҳаррӯзаи одатиаш тозатар менамуд. Ҳангоми дидани додараш дилаш аз ғаму андӯҳ ба танг омад ва чашмонаш аз ашк пур шуданд. Вай додарашро аз таҳти дил дӯст медошт. Муҳаббати вай ба ин тифли хурдакак ба таври махсус зоҳир нашуда бошад ҳам, вале ӯ ба худ гуфта метавонист, ки ҳамеша бо вай меҳрубон буд. Афсӯс, лекин Мария худро чунин тасалло дода наметавонист. Вай назди дар нишаста, гӯё овози аламноки тифли хурдакакро мешунид; ё ба хотир меовард, ки чӣ тавр ӯ ба ҷои он ки кӯшиш намояд вайро ором намояд, ӯро дағалона такон медод. Оҳ! Агар додари хурдакакаш ба ӯ баргардонида мешуд, ӯ бо хурсандӣ тамоми шаб вайро дар дастонаш ҷунбонда ором менамуд, ва ягон бор аз тақдири худ шикоят намекард! Лекин имрӯз вай қатъӣ ва ногузир будани суханони зеринро фаҳмид: “Аллакай дер шуд!”

Ҳамсояҳо хомӯшона паси ҳамдигар медаромаданд, ва дере нагузашта, ошхона аз одамон пур шуд. Хонум Левӣ низ



аз ҳуҷраи худ баромад, ва аз паси курсии шавҳараш, дар кунҷи торик нишаст, то ки чашмони гиряолуди худро нишон надиҳад. Вақте ҳама ҷамъ омаданд, ҷаноби Ҳоуп хеста, ба хондани Инҷил шурӯъ намуд.

Вақте Тим овози ӯро шунид, сарашро бардошт, то ки суханонашро бо диққат гӯш кунад. Ҷаноби Ҳоуп ҷои зерини Инҷилро мехонд: “Ва мурдагонро, хурдон ва бузургонро дидам, ки дар пеши Худо истодаанд... ва марг дигар нахоҳад буд; ва гиря ва фиғон ва дард дигар нахоҳад буд; зеро он чи пештар буд, гузашт”.

Роҳбари ҷамоат бо суханони оддӣ дар бораи ин истиқоматгоҳи зебои осмонӣ гап мезад. Тим низ оиди ин дар давоми чанд рӯзи охир бисёр андеша менамуд.

Аз ҳамон рӯзе ки апаи Перри дар мактаби якшанбегӣ дар бораи конканҳои зинда ба зинда гӯр кардашуда нақл намуд, Тим хаёлан ғарқи ин масъалаҳо мегашт. Чӣ тавр ба ин истиқоматгоҳи осмонӣ дохил шудан мумкин аст? Оё додараки хурдаш ба он ҷо дохил шуда

бошад? Оё Тим – бачаи камбағали ҷандапӯш ва кӯчагард низ инчунин умеди ба он ҷо дохил шуданро карда метавонад? Оё барои ин мубориза бурдан меарзад? Ӯ худаш чӣ мехоҳад? Тим ҳис кард, ки вай дигар ин хел зиндагӣ карда наметавонад. Вай бояд ҳаёташро дигаргун кунад.

Роҳбар дар бораи кишвари аҷоибе сухан мегуфт, ки ин тифли хурдакак ба он ҷо дохил шуд. Ӯ инчунин дар бораи Наҷотдиҳанда гап мезад, ки вайро қабул намуд, ва ин оилаи гиря кардаистодаро даъват менамояд, то худро ба ихтиёри Ӯ супоранд ва оянда дар осмон ба ин фариштаи хурдакакашон ҳамроҳ шаванд. Тим бо чашмони пур аз ашк гӯш мекард, ва хоҳиши номуайяне ки ба қарибӣ дар дили ӯ пайдо шуда буд, бештар намудор мегашт. “Ман мехоҳам, мехоҳам дигар шавам, ва худи ҳамин рӯз аз пайи ин кор мешавам!” – мегуфт ӯ ба худ.

Баъд аз панду насиҳат ва дуогӯӣ ҳама барои хайру хуши охирин пеши тифл наздик шуданд. Сипас ин гурӯҳи одамони оддӣ ғамгинона тобутро бардошта, аз кӯча сӯи қабристон равона шуданд. Дар гирди қабри кандашуда алафҳои баланд хамида буданд, ва дар шохаҳои бедҳои пир парандагон месароиданд. Дар осмон бошад, эҳтимол, фариштагон суруд мехонданд ва хурсандӣ менамуданд, ки шумораи онҳо назди тахти Худо афзуд. Баъди маросим одамон хона ба хона рафтанд, вале Тим ҳоло ҳам меистод ва додари дафншудаашро тарк кардан намехост. Вай мехост аз пайи додараки хурдаш равад, вале чӣ тавр? Ҷаноби Ҳоуп дасташро ба китфи ӯ гузошта, меҳрубонона гуфт: “Вақташ ки расид, ту ӯро мебинӣ, фақат агар худат инро хоҳӣ”.

Тим чашмонашро боло кард, лекин дарҳол боз поён намуд. Вай пурсидан мехост, ки чӣ бояд кунад, то ба вай ҳамроҳ шавад, вале аз ҳаяҷон ба ин ҷуръат накард.

– Худо туро баракат диҳад, дӯстам, ва бигзор туро ба Худаш наздик намояд! – илова намуд роҳбар ва рафт.

Тим барои гаштугузор кардан ба

ҷангали дар наздикӣ воқеъбуда рафт. Вақте ӯ ба сари қабр баргашт, дар он ҷо аллакай ҳеҷ кас набуд. Ӯ фикран бародарашро на дар ин ҷо, зери замин, балки дар он кишвари аҷоиби осмонӣ тасаввур мекард, ки худаш низ мехост ба он ҷо дохил шавад.

Тим дар ин зиндагии кӯтоҳи худ бисёр дуоҳоро шунида буд, хусусан дар мактаби якшанбегӣ. Ӯ дар бораи Худо то як андоза тасаввуроти аниқ дошт. Ӯ медонист, ки шахсе ки хоҳиши ба осмон дохил шуданро дорад, бояд барои мадад ба Худо муроҷиат намояд. Лекин оё Худо, ӯ – Тим Левиро мешунида бошад? Ӯ каме дудила истод, сипас тез ба гирду атроф назар намуд. Вақте дид ки ба ғайр аз Худо, ки ӯро аз осмон дида истодааст, ва додари дар замин гӯр кардашудааш дигар ҳеҷ кас нест, сари зону истода, бо овози ларзон оғоз намуд: “Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! Номи Ту муқаддас бод; подшоҳии Ту биёяд... ” Ин ҷо ӯ ист кард. Ин калимаҳо ба ӯ пурра фаҳмо буданд, вале ҳақиқати андешаҳои ӯро ифода намекарданд. Тим каме истода, сипас бо суханони зерин дуояшро давом



дод: “Оҳ, Исо, ман мехостам, ки... – Ин ҷо вай боз хомӯш шуд. Хоҳиши худро чӣ тавр баён кардан мумкин аст? – Ман мехоҳам беҳтар шавам,.. ман бачаи бад ҳастам, лекин хеле мехоҳам, ки пас аз маргам ҳамроҳи додарам бошам. Ба ман нишон деҳ, ки чӣ тавр инро амалӣ кардан мумкин аст”.

Тим ҳеҷ гоҳ ба танҳоӣ дуо накарда буд. Вай дар мактаби якшанбегӣ ҳамроҳи дигар кӯдакон дуо карда буд, вале ин танҳо дуоҳои аз ёд кардашуда буданд. Аммо акнун бори аввал дуояш аз таҳти дил мебаромад. Лекин ба Худи Исои Масеҳ муроҷиат кардани ӯ, Тим Левӣ, оё амали худсарона нест? Оё Вай ӯро шунидан мехоҳад?

# БОБИ 5
# “Каломи Ту чароғ аст барои поям ва нур аст барои роҳам” Забур 118:105

Пагоҳии рӯзи якшанбе Тим аз хоби сахт бо як ҳиссиёти норавшане бедор шуд, ки ӯ тамоман мисли пештара нест. Як рӯз пеш чӣ рӯй дода буд? Оҳиста-оҳиста ба хотираш омад, ки вай дигар он Тим Левии пештара, бачаи кӯчагарди ҷандапӯш нест, балки касест, ки ба ҳаёти нав, ба ҷамъияти Пуштибони тавоно қадам ниҳодааст.

Тим ният кард, ки ба мактаби якшанбегӣ равад. Баъд аз он ҳикояи апаи Перри, ки ба ҳаёташ чунин сахт таъсир намуд, вай ба он ҷо нарафта буд. Аз он рӯз ду ҳафта гузашта буд. Тим аз таҳти дил вайро дидан мехост, вале медонист, ки апаи Перри аз шаҳраки онҳо набуд, ва он рӯз тасодуфӣ дар мактаби якшанбегӣ буд.

Офтоб аллакай баромада буд. Тим медонист, ки дер шуда истодааст, лекин бо вуҷуди ин ӯ либосҳояшро оҳиста



мепӯшид. Ӯ дар сари ҷогаҳаш нишаста, ғамгинона ба курткааш назар медӯхт. “Шояд онро чаппа пӯшам?” – андеша намуд ӯ, ва дар ҳақиқат кӯшиш ҳам намуд, лекин дарҳол фаҳмид ки фоида надорад. Сипас вай орзу намуд, ки чӣ хел хуб мебуд, агар вай мисли дигар бачаҳо куртае бо гиребони сафеду тоза медошт. Вале ин барояш имконнопазир буд, чунки дар ҳаёти Тими камбағал ҳеҷ гоҳ чунин бойигариву ҳашамат насиб нагашта буд. Шикофҳои мӯзаҳои кӯҳнаву каҷшудааш ӯро маҷбур сохтанд, ки ба фикр фурӯ равад. Тим бо хиҷолат ба ангуштони пойҳояш, ки аз ин шикофҳо метофтанд, нигоҳ кард. Шояд хубтар мебуд, ки ӯ пойлуч равад. Бо вуҷуди ин фикри хубе ӯро илҳом бахшид: агар пойҳояш топ-тоза бошанд, андоми ӯ беҳтар хоҳад намуд! Ӯ дарҳол сӯи ҳавлӣ, назди ҷумаки об шитофта, сару рӯй ва дасту пойҳояшро пайи ҳам шуст. Сипас вай ба ҳуҷрааш даромад ва ба дастони бетаҷрибааш шикастапораи шонаи кӯҳнаро гирифта, ҳар қадар ки метавонист, мӯи сарашро хубтар шона кард. Ягон бор ӯ барои нигоҳубини худ

ин қадар вақт сарф накарда буд, вале имрӯз вай мехост то ҳдди имкон намуди тозаву озода дошта бошад. Рӯи тоза шустагӣ ва мӯйсари хуб шона намуда, - ана ҳама он чизе ки вай ба он комёб шуд, ва ин барои шинохта шудани дигаргун шуданаш кифоят кард. Вақте ки Тим дар мактаби якшанбегӣ ба гурӯҳи худ ҳамроҳ шуд, хеле хиҷолатманд гашт. Вай метарсид, ки ӯро барои чунин намудаш масхара мекунанд. Вале ҳеҷ кас аз рафиқонаш нахандид, зеро онҳо хайру хуши ӯро бо додари вафоткардааш дида буданд, ва ҳис намуданд, ки чӣ хел ӯ барои вай андӯҳгин аст.

Дарсҳо сар шуданд, лекин муаллимаи ҷавон наомад. Ҳама ба ҳаяҷон омаданд. Вале ногаҳон ҳама ноором она ба пичир-пичир шурӯъ карданд.

– Худи роҳбари ҷамоат ба ин ҷо омада истодааст! Биёед тезтар мегурезем! Имрӯз имконияти шӯхиву бозӣ кардан намешавад!

Вале ҷаноби Ҳоуп аллакай дар пеши онҳо меистод. Танҳо Тим хушҳол менамуд.

– Салом дӯстон! – гуфт ӯ. Сипас ба Тим рӯ оварда, илова намуд: – Салом Эдуард! Ман хурсандам, ки имрӯз туро дар ин ҷо мебинам, – ва дасташро барои салом ба ӯ дароз кард.

Ҷаноби Ҳоуп ҳеҷ гоҳ ӯро Тим номенo-мид. Вай боре номи ҳақиқии ӯро пурсида буд ва доим дар хотир дошт. Дарси имрӯза ором гузашт. Шояд ин аз сабаби он буд, ки дарсро роҳбари ҷамоат гузаронд, ё, асосан, барои он ки сабабгори ҳама гуна шӯхиҳо – Тим, ором нишаста, аз муаллим чашм намеканд. Аз назари роҳбар рафтори тағйирёфтаи шогирди хурдаш ниҳон намонд. Муаллим пур аз ҳисси хурсандӣ яке аз саргузаштҳои Исои Масеҳро шавқовар нақл намуд. Баъд аз дарс шогирдон пайи якдигар аз пеши ӯ мегузаштанд, ва Тим охирин буд. Роҳбар дасташро болои китфи бача гузошта гуфт:

– Ту имрӯз хуб гӯш кардӣ, Эдуард. Оё он чизеро, ки нақл кардам, фаҳмидӣ?

Тим дар ҷавоб бо ғайрат сар ҷунбонд.

– Ҳа. Ҳамаи мо бояд ба якдигар ёрӣ расонем.

– Бале. Дар ҳар ҷое ки имкон дорад: дар хона, дар кӯча, дар мактаб, мо бояд

ба якдигар мадад расонем.

– Лекин ман намедонам чӣ тавр ёрӣ расонам, ҷаноби роҳбар!

– О, агар одам чашмону гӯшҳояшро кушода нигоҳ дорад, барои ёрӣ расондан ҳама вақт имконият фароҳам мегардад. Ана, мисол, модари ту. Намудаш дар маросими дафн тамоман рӯҳафтодаву бемадор буд. Инак, оё ту метавонӣ як қисми кори хонаро ба зиммаи худ гирӣ? Лекин, агар одам надонад, ки чӣ тавр бояд рафтор кунад, хуб мешуд, ки чароғе медошт, то ба ӯ роҳи дурустро нишон диҳад.

Тим ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Апаи Перри дар бораи ин ба мо нақл карда буд: мисли он чароғи конканҳо, то дар зери замин кор карда тавонанд. Вале ман чӣ гуна чароғ дошта метавонам? Апаи Перри гуфта буд, ки чароғи мо Китоби Муқаддас аст. Лекин ман Китоби Муқаддас надорам!

Роҳбар ба бача бо диққат нигоҳ карда пурсид:

– Ту ягон бор Китоби Муқаддасро хондаӣ?

– Ҳа, баъзан дар мактаб мехондам.



– Пас ту медонӣ, ки Худо одамонро барои навиштани ҳар як калимаи он илҳом бахшидааст. Ана барои чӣ мо онро сухани Худо меномем. Акнун бошад ман ба ту чизеро нишон медиҳам.

Роҳбар аз кисааш китобчаеро баровард, ки ҷилди сиёҳ дошт. Баъд онро варақ зада, бо ангушташ ба ояте ишора намуд. Тим онро баланд хонд: “Каломи Ту чароғ аст барои поям”.

– Ҳа! Ман акнун фаҳмидам! Ана дар бораи кадом чароғ шумо гап мезанед! – бо хурсандӣ нидо кард ӯ. – Дар бораи ҳамин чароғ ба қарибӣ Апаи Перри низ гуфта буд.

– Ҳа, албатта, дӯсти азиз, ва ман ҳам мехоҳам, ки ту ҳоло аз он истифода бурданро сар кунӣ. Дар ин ҳаёт ягон гузаргоҳи торике нест, ки бо ин чароғ равшан нагардад. Агар ту ягон чизро аз ин китоб нафаҳмӣ, аз Худо хоҳиш кун, ки ба ту фаҳмонад.

Ҷаноби Ҳоуп ин суханонро гуфта, аз кисааш қаламро баровард ва дар саҳифаи аввали китоб бо ҳарфҳои калон “Эдуард Левӣ” навишт, ва баъд китобро ба кӯдак дода, рафт.

Тим ганҷи худро маҳкам дар досташ дошта, ба кӯча баромад. Ба вай чунин менамуд, ки ӯ хоб дида истодааст. Наход ки ҳаёташ ҳақиқатан дигаргун мешавад? Навакак роҳбар бо вай сӯҳбат кард, досташро фишурд, Китоби Муқаддас тӯҳфа намуд, ва ӯ акнун ба ҷои бо тӯдаи бачагон дар кӯча беҳудагардӣ кардан, оромона ба хона рафта истодааст.

– Оҳ, Тим Левӣ, – мегуфт ӯ худ ба худ, – оё рост нест, ки ту қарори қатъӣ намудӣ, ки барои одами хуб шудан ҳама чизи аз ту вобастаро мекунӣ?... Акнун ҳамааш хуб мешавад, чунки ту Чароғе дорӣ, ки туро роҳнамоӣ мекунад".



# БОБИ 6

## "Ман туро таълим хоҳам дод ва ба роҳе ки бояд биравӣ, ҳидоят хоҳам кард: туро насиҳат хоҳам дод; чашмам бар туст"

## Забур 31:8

Тим дар болои ҷогаҳаш нишаста, Китоби Муқаддасашро варақ мезад. Ҳангоми хондан чашмаш ба суханони зерин афтод: "Ман туро таълим хоҳам дод ва ба роҳе ки бояд биравӣ, ҳидоят хоҳам кард..."

– Ҳа, ин айнан ҳамон чизест, ки ба ман лозим аст... – фикр кард ӯ. – Ман акнун қарори қатъӣ намудам, ки назар ба пештара тамоман одами дигар шавам, ончунон ки ҳеҷ кас маро шинохта натавонад. Фикр мекунам, ки ман ба ин муяссар шуда метавонам, фақат агар Ӯ ба ман мадад намояд... Кӯшиш мекунам ин оятро аз ёд кунам!

Ба вай лозим омад, ки оятро борҳо такрор кунад, то ин ки дар хотираш

монад, зеро ӯ ба аз ёд кардан одат накарда буд. “Ман аз Худо илтимос мекунам, ки ба ман ёрӣ диҳад”, – гуфт ӯ ба худ, ва ба зону истода, ба таври содда ҳама эҳтиёҷашро дар дуо ба Худо баён кард. Ҳамин тариқ Тим ба рӯзи навбатӣ тайёрӣ дид, ва баъд ба ошхона фаромада, дар он ҷо Марияро дид, ки бадқаҳрона дар оташдон оташ дармегиронд.

– Ба ту чӣ шуд Мария? – асабонияти ӯро дида, пурсид ӯ.

– Корат чӣ? – ҷавоб дод вай ва бо оҳанги нешдор илова намуд: – Чӣ гап шуд ки имрӯз ин хел барвақт хестӣ?

Тим ба ин ҷавоб надод, ва аз чунин рафтори ӯ Мария аз ҳайрат сарашро боло кард.

– Ман намедонам барои чӣ ин ҳезум намесӯзад! – давом дод Мария. – шояд ҳоло ҳам тар мебошад! Ин чӣ ҷазо аст! Илова ба ин модарам касал аст; мегӯяд, ки хеста наметавонад, ва ман бояд барои падарам чой дам кунам. Ба фикрам ин чой баъд аз як ҳафта ҳам тайёр намешавад, – ва Мария сахт гиря кард.

Мария дувоздаҳсола буд. Вале чӣ тавре ки мунтазам бо кӯдакони ба



ихтиёри худ гузоштташуда мешавад, вай низ бештар ба кампире монанд буд, ки дар ҳар як фурсати қулай аз рӯи одат ғур-ғур мекард, баҳс менамуд ва сарзаниш мекард.

Тим дар васвасаи сахт буд: ӯ мехост хоҳарашро шӯронад ва барои ноӯҳдабароияш вайро масхара намояд. Лекин ногаҳон дирӯза суханони ҷаноби Ҳоупро, ки дар бораи кӯмаки одамон ба якдигар ва чароғи худовандӣ гуфта буд, ба хотир овард. Ӯ бо андак хиҷолатмандӣ ба оташдон наздик шуд.

– Биё, ман як кӯшиш кунам! Ту мебинӣ, ки чӣ тавр ман оташро хуб даргиронда метавонам. Ту бошӣ, ҳоло ба чойник об пур кун. Лекин мағал набардор, то ки падарамон бедор нашавад. Пас аз даҳ дақиқа чой тайёр мешавад.

Боварии Мария ба ин суханони шунидааш намеомад. Дар ин вақт Тим аз рӯи фаҳмиши худ ҳезумро дар оташдон чинд, коғаз ва шохчаҳоро даргиронд, ва дар як дақиқа алангаи равшан бо қасарқусури баланд тамоми ҳезумҳоро фаро гирифт.

Ҳайрати Мария ҳадду канор надошт. Наход ки ин ҳамон Тим аст, ки ҳамеша танбал ва номеҳрубон буд, вале ҳоло якбора моҳирона аз ӯҳдаи коре баромад, ки ӯ аз анҷом додани он умедашро канда буд?

Рости гап, Тим низ худашро намешинохт. Ӯ ҳолати сабук ва хурсандибахшеро ҳис менамуд. Вақте ӯ дар чашмони Мария ҳайрати бузургеро дид, хиҷолаташ аз байн рафт. Вай хурсандона чанги кафҳои дасташро афшонд.

– Ана, оташ ҳам даргирифт, – хушнудона гуфт ӯ. – Биё акнун барои падару модарамон хӯроки пагоҳиро тайёр мекунем. Ту нонро гарм карда метавонӣ-ку?

– Гумон мекунам, ки метавонам! – тунд ҷавоб дод Мария. – Агар ту ҳам мисли ман ҳангоми гарм кардан ин қадар бисёр дастонатро месӯзондӣ, ёд мегирифтӣ.

– Хайр, биё ба онҳо ду бурда нон гарм карда, ду пиёла чой дам мекунем. Дар ҳақиқат, мо на он қадар ошпазони бад будаем!



– Махсусан ту! Таҳқиромез ҷавоб дод Мария.

Бечора Мария! Рӯҳияи хуб доштан ба ӯ хос набуд, аз ин сабаб вай аксар вақт бо суханони тунд ҷавоб медод. Вале чаққонии аҷоиби Тим ба ӯ низ беихтиёр таъсир намуд. Вай ду бурдаи нонро баробар бурид, то ки дар лахчаи оташ гарм кунад. Тим бошад, ҷевонро (шкаф) кушод ва аз байни косаву табақҳои чиркину бетартиб хобида ду пиёларо гирифта, шуста тоза кард.

– Ба фикрам, ту имрӯз шайдои тозагӣ шудаӣ! – бо истеҳзо гуфт Мария.

Тим қариб аз ғазаб аланга мегирифт. Вақте ӯро писханд менамуданд, ин вайро сахт асабонӣ мекард. Ӯ хост ба писханди Мария ҷавоби сахт гӯяд, вале ногаҳон бо шарм ваъдаи ба худ додаашро ба ёд овард, ки одами хуб мешавад. Вай якчанд бор чуқур нафас кашид, ва хомӯш монд. Баъд нармдилона ҷавоб дод:

– Медонӣ, ман мехоҳам бинам, ки вақте хона тоза мешавад, он ба чӣ монанд мешавад.

Ниҳоят ҳама чиз тайёр шуд. Бародару хоҳар бо шавқ ба лаълии ороста нигоҳ

мекарданд: чой ва нони бомаза дар табақчаи тоза. Онҳо ба дари ҳуҷраи падару модарашон наздик омаданд, то фаҳманд, ки оё онҳо бедор шудаанд, ё не. Аз дарун овози сусти падараш шунида шуд:

– Агар сарат ин хел сахт дард карда истода бошад, чаро мехезӣ?

– Чаро ман мехезам? Охир, чӣ тавр ман метавонам хоб кунам, вақте кӯдакон аллакай хестаанд?! Ман умуман ҳайронам, ки чӣ тавр боми хона дар болои сарамон то ҳол бутун аст, чунки ҳар дуи онҳоро панҷ дақиқа ҳам танҳо гузоштан намешавад.

Агар Мария ин суханонро ягон вақти дигар мешунид, шояд ба хашм меомад, вале ҳоло тамоми диққату ҳуши ӯ ба он равона буд, ки чойро болои нон нарезонад, ва аз ин сабаб ба ин суханон аҳамият надод.

Тим бо фахр дарро кушода, эълон намуд: – Нахезед, модар, мо ба шумо чой овардем; нӯшед ва ба шумо сабуктар мешавад.

Хонум Леви бо чашмони калон кушода гоҳ ба лаълӣ, гоҳ ба кӯдакон



нигоҳ мекард, ва ниҳоят пурсид:

– Кӣ инро тайёр кард?

– Мария ва ман, – аз хурсандӣ дурахшида, ҷавоб дод Тим.

– Кӯдакон, ман ҳатто намедонам чӣ гӯям! Шумо маро дар ҳайрат гузоштед, зеро инро ман ҳатто орзу карда наметавонистам! – гуфт модар ва дар рӯи хастаи ӯ табассум намудор шуд.

Кӯдакон ба ошхона баргаштанд. Лекин он чизеро, ки бо Тим рӯй дода буд, Мария ҳеҷ фаҳмида наметавонист. Тим табарро ёфта, ба кафондани ҳезум шурӯъ кард. Баъд аз ним соат қуттӣ аз ҳезуммайдаи ботартиб чидашуда пур гардид. Мария зери таъсири бародараш, ки чунин рафтори ғайриоддӣ мекард, ҳама косаву табақҳоро шуст, ва ҳатто фарши ошхонаро рӯфт.

Баъд Тим тамоми умр меҳнати дар ин пагоҳӣ кардаашонро ба хотир меовард, чунки ин ба ҳаёти нав дохил шудани ӯро нишон дод.

# БОБИ 7
## “Натарс, зеро ки Ман туро раҳонидаам”
## Ишаъё 43:1

Соат қариб ҳашт шуда буд, ва талабагон назди дари мактаб истода, занги даромадро интизор буданд, то ки ба синф дароянд.

– Эҳтимол, имрӯз дар оилаи Левиҳо ягон чизи ғайриоддӣ рӯй додааст! – ногаҳон фарёд зада гуфт яке аз бачагон. – Нигоҳ кунед, Тим дар пайраҳа пеш аз садо додани занги аввал пайдо шуд!

Тим ҷасурона ва устувор қадам зада меомад. Таътил ба охир расид ва имрӯз даври зимистонаи омӯзиш оғоз гардид. Ба ин муносибат Тим қарори муҳим намуд, ки он чиро, ки пеш намекард, акнун ба ҷо биёрад, яъне ҳама вақт ба мактаб дар соати муқарраршуда биёяд. Мактабе ки ӯ дар он таҳсил мекард, ягона мактаб дар шаҳраки онҳо буд. Аз ҳамин сабаб дар қатори рафиқони ӯ ҳам кӯдакон аз оилаҳои некӯаҳвол, ва низ якчанд кӯдакони тамоман бетарбия



буданд.

– А.., салом дӯсти дерини ман! Аҳволат чӣ хел? – ба наздаш омада, хитоб намуд Боб Тёрнер. Ҳангоми таътил Боб дар шаҳр набуд, бинобар ин вай дар бораи тағйиротҳое ки дар дили Тим ба амал омада буданд, ҳеҷ чиз намедонист.

Тим ин саломи дӯсташро шунида, ботинан ларзид. Оё ӯ ба он васвасаҳое, ки аз дӯстии вай бо Боб бармеомаданд, муқобилат карда метавонад? Оё қувваташ ба ин мерасида бошад? То ҳол Тим ва Боб дӯстони қарин буданд, ва онҳоро хоҳиши умумии бадахлоқӣ кардан сахт мепайваст. Лекин чанд ҳафта боз Тим он ҷариеро, ки онҳоро акнун аз ҳам ҷудо мекард, ҳис менамуд.

Садои занг шунида шуд, ва тӯдаи сермағали талабагон якбора ба синф даромаданд. Боб аз рӯи одат назди Тим нишаст. Тим ба ӯ бо як тарси ниҳонӣ нигарист, вале вақте ба ёд овард, ки Боб фақат гоҳ-гоҳ ба мактаб меояд, ором шуд.

Дарсҳо ҳама вақт бо хондани Китоби Муқаддас сар мешуданд. Тим сурх ва дудила шуд, вақте фикр менамуд, ки

оё Китоби Муқаддасашро аз кисааш барорад ё не? Пеш ӯ Китоби Меқаддаси шахсӣ надошт, лекин ҳоло вазъият дигаргун шуда буд. Агар бачаҳо дар дасташ Китоби Муқаддасро бинанд, чӣ фикр мекарда бошанд? Онҳо чӣ мегуфта бошанд, ва ӯ чӣ ҷавоб медода бошад? Охир, албатта онҳо ӯро масхара мекунанд, хусусан дӯсти деринааш Боб.

Як лаҳза ӯ фикр кард, ки шояд пагоҳ китобашро мебарорад, ва дигарон инро мебинанд? Наход вай Байрақи худро аз аввалин рӯзи таҳсил пинҳон кунад? Аз кай боз ӯ – Тим Левӣ тарсончак шудааст? Не, ин раво нест! Ва Тим дарҳол китобашро аз кисааш бароварда, саросема онро варақ зад.

Боб садои варақзании ӯро шунида, даррав ба Тим назар дӯхт, ва фаҳмид, ки кадом китоб дар дасташ аст. Вай бо ҳайрати бузург ба ӯ назар карда, оҳиста, паст ҳуштак кашид. Сипас аз дасташ китобро кашида гирифт ва номеро, ки роҳбари ҷамоат дар он навишта буд, хонд.

– Ҳоло ҳамин тавр! Ин боз чӣ маъно дорад? – пичиррос зад ӯ. – Чӣ, ту акнун



одами рӯҳонӣ шудаӣ?

Тим ҳеҷ ҷавоб нагуфт, фақат бештар сурх шуд ва китобашро гирифт. Вай ҳис намуд, ки вақти он расидааст, то ба дигарон сиррашро ошкор кунад. Охир, то ҳол қарори ӯ, ки пайрави Исои Масеҳ мешавад, сирр буд. Ӯ бояд ҷои даркории Китоби Муқаддасро ёфта, ҷасурона ба чил нафар талабаи дигар, ки бо овози баланд оятҳоро мехонданд, ҳамроҳ мешуд. Ба ӯ чунин менамуд, ки овози ӯ дар байни ин гурӯҳи овозҳо баландтар шунида мешавад, бинобар ин пеш аз талаффузи калимаи аввал якчанд бор сулфид. Ниҳоят, ӯ ба хондан шурӯъ кард ва аз даҳонаш калимаҳои зерин баромаданд: “Пас, ҳар кӣ Маро дар назди мардум эътироф кунад, Ман низ ӯро дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, эътироф хоҳам кард; Лекин ҳар кӣ Маро дар назди мардум инкор кунад, Ман низ ӯро дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, инкор хоҳам кард”.

Дар пешаш Боб бо овози паст суруди шӯхиомез месароид, ва то вақте ки талабагон боби Китоби Муқаддасро хонда тамом накарданд, бас накард. Ин

суруд, бешубҳа, махсус ба Тим сароида мешуд. Тим кӯшиш мекард, ки ҳарчи бештар ғарқи хондан шавад, вале бо вуҷуди ин ҳар як калимаааашро мешунид.

Новобаста ба ин муборизаи ботинӣ, дили Тим пур аз миннатдорӣ буд ва ҳамаи ин калимаҳои хуши хондаистодаашро бо хурсандӣ қабул мекард. Вай мефаҳмид, ки Наҷотдиҳанда барои ӯ азоб кашид ва мурд, ва ин Шахси пок, ки вақте дар сар тоҷи аз хор бофта дошт, баъд бо ҷалолу шукӯҳ сарафроз гашт. Вақте муаллим ба дуо кардан шурӯъ намуд, Тим аз таҳти дил ба ин дуо ҳамроҳ шуд. Боб гоҳ пои ӯро зер мекард, гоҳ қитиқ менамуд, гоҳ аз мӯи сараш мекашид, вале ба ҳама кӯшишҳои вай нигоҳ накарда, Тим сарашро набардошт ва рӯҳияи дуогӯиро гум накард.

Тим тамоми умр ин рӯзро бо санҷишу васвасаҳояш аз хотир намебаровард. Боб, аз рӯи одаташ, ягон имконияти шӯхиву найранг карданро аз даст намедод. Ба ӯ алам мекард, ки дӯсти вафодорашро, ки бо вай ҳар гуна шӯхиҳоро ҳамроҳ фикр



карда мебароварданд, аз даст дод. Акнун ӯ вайро нишони масхараҳои худ интихоб намуда, аз вай қасос мегирифт, ва амалҳояшро хуб андеша карда мебаромад, то ки тоқати Тими бечораро тоқ намуда, ӯро ба қаҳр оварад.

Ниҳоят, косаи сабри Тим лабрез шуд. Боб аллакай сеюм бор луғати кӯҳнаи ӯро ба замин партофт. Вай ба Боб рӯ оварда гуфт:

– Гӯш кун, агар ту боз як бор чунин кунӣ, ман борхалтаатро аз тиреза мепартоям! Фаҳмидӣ?

– Эдуард Леви, ман туро барои дар дарс лаққиданат дар журнал қайд мекунам, – гуфт муаллим. – Охир, чаро ту нимсолаи нави хонишро бо одатҳои бадат сар мекунӣ? Ва боз ту дар синф аввалин шуда огоҳӣ гирифтӣ!

Тим сахт оташин шуд. Ин сарзаниш бениҳоят беадолатона буд. Оё ниятҳои ӯ дигаргун нашуда буданд? Бале, лекин танҳо Худо дар ин бора медонист. Сарфи назар аз ҳама кӯшишҳо, вай ҳоло инро бо ягон амал тасдиқ накарда буд. Аз чунин фикр чашмони вай аз ашк пур шуданд. Ӯ сарашро болои дастонаш монда,

ғарқи андӯҳи гарон шуд. Ҳамин вақт Боб пеши гӯшаш хам шуда, оҳиста замзама кард: “Давидани гӯсола то каҳдон...”

Пеш аксар шӯхиҳои вай Тимро хурсанд мекарданд, вале ҳоло онҳо бемаънӣ ва сахт менамуданд. Дили ӯро ноумедӣ фаро мегирифт.

Вақте Тим сарашро бардошт, нигоҳаш ба Том Миллер ва Фред Ҳоуп афтод. Диққати онҳо пурра ба иҷрои машқи алгебра равона шуда буд, ва ҳеҷ кас фикри ба онҳо халал расонданро ҳам намекард. Тим инро дида, оҳи чуқур кашид. Агар вай ҳам дар синф ба чунин обрӯву номи нек ноил мешуд, дарс хонданаш то чӣ андоза осон мебуд! Ин талабаҳо аз вай калон набуданд, вале аллакай фанни алгебраро меомӯхтанд. Ӯ бошад, ҳоло ҳам тарҳу ҷамъро меомӯхт, ва душворӣ кашида, аз ӯҳдаи ин ҳеҷ чиз намебаромад. Вай розӣ буд ҳар чизе ки дорад диҳад, то ин ки ба сатҳи дониши онҳо расад, ва баробари онҳо таҳсил карда тавонад!

Вале чунин орзу барояш иҷронашаванда менамуд, ва ин китоби луғат боз ҳам даҳшатовар метофт.



Вақти аз ёд гуфтани калимаҳо расид. Тим хеле ғамгин шуд, чунки он чизеро ки бо ғайрат аз ёд карда буд, такрор карда натавонист. Бинобар ин ҷояш боз, чун ҳарвақта, дар қатори охири талабагони сустхон буд. Лекин ҳеҷ кас аз ин ҳайрон намешуд, зеро намедонистанд, ки чӣ тавр ӯ кӯшиш намуда буд.

Ниҳоят, ин субҳи мушкил, ки барои Тим чунин тӯл кашида буд, ба охир расид. Нисфирӯзӣ вақти танаффус расид, ва ӯ бо тамоми қувват кӯшиш намуд он ваъдаҳоеро, ки ба худ дода буд, дубора зинда кунад. Саҳарӣ ин ваъдаҳо барояш хеле хуш менамуданд, вале ҳоло дили бачаи бечора пур аз андӯҳ буд.

Бо вуҷуди ин, нохушиҳои рӯзи якуми таҳсил бо ин тамом нашуд. Боб андеша намуд, ки барои вақтгузаронии хуш, коғазпораҳоро кулӯла карда, ба пушти рафиқонаш партояд. Ҳамин ки муаллим пушташро мегардонд, коғазпораи кулӯлашуда партофта мешуд.

Дере нагузашта қисми зиёди талабагони хурдсол ба Боб ҳамроҳ шуда, ба дигарон ҳуҷуми умумӣ оғоз намуданд. Дар натиҷа баъзе талабагон ба муал-

лим шикоят карданд, ва ӯ айбдорони номаълумро сахт сарзаниш намуд.

Вале талотум давом мекард. Он гоҳ муаллим таъкид кард, ки агар ягон кас чизе партоят, сахт ҷазо мегирад. Ҳатто панҷ дақиқа нагузашта буд, ки вай боз садои парвози чизеро шунид, ва як кулӯлачаи калони коғазие, ки ноӯҳдабароёна партофта шуда буд, ба сари муаллим бархӯрд. Ҳама талабагонро тарс фаро гирифт, вале новобаста ба ин, онҳо якбора баланд хандиданд. Бо вуҷуди ин ҳама хуб медонистанд, ки муаллим сахтгир аст ва гуфтагияшро мекунад.

Вай оҳиста сарашро бардошта, бо назари хунук пурсид:

– Ягон кас медонад, ки ин лӯндаи коғазиро кӣ партофт?

Ҳеҷ кас ҷавоб надод.

– Фред Ҳоуп, ту медонӣ кӣ партофт?

– Ҳа, медонам.

– Ман талаб мекунам гӯй, ки кӣ буд!

– Тим Левӣ!

Ду маротиба ноҳақ айбдор шудан, ва маҳз дар ҳамин рӯзи аввали хониш, ки вай ягонто ҳам коғаз напартофта буд!



Ин беадолатии аз ҳад зиёд буд! Дар як лаҳза ӯ ба по хест ва бо овози баланд гуфт:

– Ин рост нест, ин рост нест! Фред дурӯғ мегӯяд ва худаш низ инро медонад!

– Ба ҷоят шин, – гуфт муаллим. – Ҳоуп, ту коғаз партофтани ӯро дидӣ?

– Ҳа, дидам!

– Эдуард, ба наздам биё.

Тим аз ҷо наҷунбида, хомӯш меистод. “Гӯй ки намеравӣ. Умедворам, ки ту духтарча барин ба ӯ итоат намекунӣ. Бигзор худаш пешат ояд, ва он гоҳ мо ба ӯ нишон медиҳем, ки кӣ зӯртар аст!” – ба гӯшаш пичиррос зад Боб.

Муаллим фармонашро такрор намуд. Тим ба назди мизи муаллим омад, ва рост ба чашмонаш нигоҳ карда, бо овози устувор гуфт:

– Муалим, ба ростӣ мегӯям, ки ман напартофтаам.

Вай ин суханонро устувор ва тантананок гуфт, вале медонист, ки ба ӯ бовар намекунанд. Чандин бор вай дар худи ҳамин ҷо боисрор он чиро ки дурӯғ буд, исбот мекард, ва худаш

низ инро медонист! Ҳам дар мактаб, ва ҳам берун аз он, суханони Тим арзиш надоштанд, чунки ӯ бо рафтори худ ҳамчун дурӯғчӣ шӯҳрат пайдо карда буд, бинобар ин ҳоло низ аз чунин ақидаи дигарон тааҷҷуб намекард.

Ҳангоме ки ба дастони дароз кардаи Тим бо ҷадвал мезаданд, вай наҷунбида, зарбаҳои сахтро аз сар мегузаронд. Ӯ ягон садо ҳам набаровард, ва ягон қатраи ашк аз чашмонаш нарехт. Муаллим боварии комил дошт, ки Тим айбдор аст. Фред Ҳоуп ҳеҷ вақт дурӯғ намегуфт. Он ҳақиқат, ки Тим дар айби худ иқрор намешуд, барояш ягон аҳамият надошт, зеро ҳар боре ки ӯ ба даст меафтод, худро мисли ҳозира сафед мекард. Аммо ҳар бор баъди ҷазо гирифтанаш ӯ дар айби худ иқрор мешуд.

Вале ин дафъа вай айбдоркуниро бо исрор рад мекард. Дастонаш аз зарбаҳои ҷадвал суп-сурх шуда, варам карда буданд. Лекин ӯро бештар на дарди зарбаҳо, балки он чи азоб медод, ки ӯро ноҳақ айбдор карданд. Тим бо дарду алам ба ҷои худ баргашт. Баъди дарс вай аз мактаб бо дили пур аз дард



баромад. Ба назараш чунин менамуд, ки вай аз ҳама рафиқонаш нафрат дорад. Ба ҳар ҳол, ӯ бо тамоми вуҷудаш аз Фред Ҳоуп нафрат дошт. Муаллим рӯи турши Тимро пай бурда, ба ёрдамчии дар наздаш истода гуфт:

– Чунин менамояд, ки ин бача ягона хислати хубаш – хушҳолиро аз даст дода истодааст. Бинед, ки то чӣ андоза вай туршрӯй аст!

Тим ин суханонро шунида, бо ин розӣ шуд. То ҳол ҷазоҳо барояш ҳамчун як нони хӯрданӣ буданд, ва ӯ ҳама вақт онҳоро бо як намуд хурсандӣ аз сар мегузаронд. Вале имрӯз ӯ бори аввал дар ҳаёташ ноҳақ ҷазо гирифт, ва ин ҳам вақте ки кӯшиш мекард хуб рафтор кунад. Ана фарқият дар чӣ буд.

– Барои чӣ ту роҳ додӣ ки туро заnанд? Чунин амали ту беақлона буд! – писханд карда гуфт Боб.

– Ту чаро нагуфтӣ, ки на ман, балки ту коғазро партофтӣ? Ту оромона нигоҳ мекардӣ, ки чӣ тавр маро ба ҷои ту ҷазо медиҳанд! Эҳ ту! Тарсончак! – дастонашро мушт карда ҷавоб дод Тим.

– Хайр бас кун! Магар ту онро

напартофтӣ? Ман он вақт дигар коғазро ба сари Фред Ҳоуп партофта истода будам, бинобар ин надидам, ки дар атроф чӣ шуда истодааст.

– Не, ман не! Агар ту боз як бори дигар чунин кунӣ, ман туро мекӯбам.

Тим бо ғазаб тоб хӯрда, тез аз он ҷо рафт. Тамоми вуҷуди ӯ дар ҳаяҷон буд. "Эҳ, – хаставу танҳо бо сустиродагӣ мегуфт ӯ ба худ, – ҳама кӯшишҳои ту бемаъноянд. Хоҳ-нохоҳ ҳама туро ҳамчун бачаи нобакор ҳисоб мекунанд. Агар Исо туро ҳақиқатан дӯст медошт, ба ту мадад мекард, ва адолат ғолиб мебаромад. Ӯ медонист, ки ту ҳеҷ вақт мисли имрӯз чунин кӯшиш накарда будӣ, вале ин рӯз аз ҳама рӯзҳои бадтарини ҳаётат шуд. Охир ту ба Вай дуо карда будӣ-ку, лекин Ӯ ба ту ёрӣ надод. Барои чӣ?"

Тим ба кундаи дарахти дӯстдоштааш нишаст. Кошки ӯ ягон касе медошт, ки ба вай рози дил кунад, касе ки ба вай дилашро кушода тавонад, касе ки ба дурӯғгӯ набудани ӯ бовар кунад.

Вале ин овози андӯҳгин пасттар мешуд, ва овози дигари устувортар



онро пахш мекард: "Далер бош, Тим! Ин санҷиш буд. Танҳо дар ёд дор, ки Исо ҳамеша Дӯсти ту буд ва мемонад – ҳатто агар баъзан ба назарат чунин намояд, ки Ӯ туро тарк кардааст. Хайр, чӣ шудааст, ки одамон туро аз рӯи пештара баҳо медиҳанд? Охир Худо туро медонад-ку. Ту Ӯро пайравӣ кун. Он гоҳ оҳиста-оҳиста одамони дигар мефаҳманд, ки ту шахси дигар шудаӣ".

Ногоҳ Тим ба хотир овард, ки имрӯз Китоби Муқаддасро нахондааст. Ӯ китобашро аз кисааш бароварда, онро варақ зад. "Аз куҷо сар кунам", – андешид ӯ. Вай тез баъзе порчаҳоро хонд, лекин ягон фикр дар дилаш ҷо намегирифт. Ногаҳон нигоҳаш ба суханони зерин афтод: "Натарс, зеро ки Ман туро раҳонидаам, туро ба исми ту хондаам; ту аз они Ман ҳастӣ".

Чашмони Тим аз ашк пур шуданд, ва дилаш пур аз тавба ва миннатдорӣ шуд. Оҳ, то чӣ андоза ин суханони аҷоибу пурфайз ба дили азобкашидаи ӯ таъсири бобаракат намуданд. Наход ки Масеҳ, Наҷотдиҳандаи бузург, ӯ – Тим Левиро ба номаш номидааст? Ин барояш ки-

фоят намуд, ва ӯ қарор дод, ки дар ҳама гуна ҳолату вазъият ҳамеша аз они Худо мешавад.

Тим ба гирду атрофаш нигоҳ кард. Вақте ӯ дид, ки ҳеҷ кас ба назар намеафтад, чунки шохаҳои дарахти калон ӯро аз пайраҳа ниҳон мекарданд, ба зону истода, ором ва бо миннатдорӣ ба дуо кардан шурӯъ намуд.



# БОБИ 8
# “Муфт ёфтаед, муфт диҳед” Матто 10:8

Маълум нест, ки оё Тим пай мебурд ё не, лекин дар хонаашон бисёр тағйиротҳо ба амал омада буданд. Агарчи хонум Леви серташвиш буд ва табъаш хира буд, вале на ба андозаи пештара. Инчунин кораш низ камтар шуда буд. Ба ӯ дигар лозим намеомад, ки кӯдаки майдаро ором намояд ва ҳар як қадами вайро назора кунад. Ӯ акнун барои либосдӯзӣ бисёртар вақт дошт, лекин навозиши дастакони хурди тифлаш ба вай хеле намерасид. Ва аксар вақт суханони танқидии вай танҳо дарди дили модаронаи ӯро ифода мекарданд.

Рафтори Тим бошад, ҳамаро ба ҳайрат меовард, ва ҳеҷ кас намефаҳмид, ки чунин дигаргуншавӣ аз кадом сабаб аст. Ҳар пагоҳӣ, вақте модари хаставу бечорааш ба ошхона медаромад, дар оташдон оташи аллакай даргирондашуда, чойники пур аз об ва дарзаи ҳезуми кафондашударо медид.

Инчунин падараш низ ба ҳайрат омада буд, зеро Тим пеши ҷогаҳи ӯ истода, бо дастони бетаҷрибааш болишти вайро афшонда, дуруст мекард! Чунин изҳори муҳаббати писарӣ, гарчи на чандон зиёд бошад ҳам, бемори бечораро хеле хурсанд мекард. Пеш писараш дар бораи ӯ ҳатто фикр ҳам намекард!

Дар хона ҳоло ҳеҷ кас намедонист, ки Тим Китоби Муқаддас дорад. Охир танҳо ин китоб сабаби ҳамаи ин дигаргуниҳо буд: он Тимро роҳнамоӣ мекард, аниқу равшан мегуфт, ки чӣ тавр бояд дар зиндагӣ рафтор намояд, ва чӣ тавр рафтори дигаронро баҳо диҳад. Мария низ дар муносибати бародараш дигаргуниро пай мебурд, чунки пеш Тим ӯро аз саҳар то бегоҳ масхара карда, оташин менамуд, ва аз ин хеле хурсанд мешуд. Акнун бошад, ӯ барояш касе буд, ки доимо ӯро ба ҳайрат меовард. Ҳар пагоҳӣ Тим китобҳояшро ҷамъ карда, ба мактаб мерафт, ва вақти аз он ҷо баргаштан дарсҳояшро тайёр мекард. Баъд дар боғи хурдашон кор мекард, ва ҳар гуна корҳои бисёри майда чуйдаро, ки пештар дар бораи онҳо фикр ҳам



намекард, ба ҷо меовард. Мария аз паси вай поиданро сар кард, то ки сабаби чунин дигаргуниро ёбад. Оё ин натиҷаи ба мактаби якшанбегӣ рафтани вай бошад? Шояд! Ва инак Мария қарор дод, ки якшанбеи оянда худаш ба он ҷо меравад, то ин муамморо кушояд. Ӯро бисёр вақт ба он ҷо меҳрубонона таклиф мекарданд, лекин ҳамаи ин даъватҳо бефоида буданд! Вале дар яке аз рӯзҳои шанбе, бегоҳӣ, баъд аз андешаронии дурудароз дар назди тиреза, ӯ ба модараш муроҷиат карда гуфт:

– Модар, ба ман сӯзану ресмонро деҳ.

– Ба ту он чӣ лозим аст? – пурсид хонум Леви, вақте шӯрборо дар дег бо кафлез оҳиста омехта мекард.

– Ман мехоҳам куртаамро поргӣ кунам. Ба ман риштаи сурх лозим аст.

Хонум Леви якчанд лаҳза шӯрборо аз хотираш бароварда, бо ҳайрат ба духтараш нигоҳ мекард.

– Чӣ хел шуда ту ба чунин фикр омадӣ, охир ман пеш чандин борҳо оиди ин ба ту хотиррасон мекардам?

– Чӣ ҷои ҳайрат? Ман ба ҷандапӯш монанд будан намехоҳам; ман инчунин

тасмачаи ороишии кулоҳамро шуста дарзмол мекунам. Ман мехоҳам пагоҳ ба мактаби якшанбегӣ равам, чунки дер боз сурудхониро гӯш накардаам.

Хонум Левӣ назди шӯрбои ҷӯшидаистодааш ҳайрон баргашт. Замоне буд, ки ӯ ҳам ба мактаби якшанбегӣ мерафт, ва ба ӯ низ лозим меомад, ки либосҳояшро ба тартиб оварад, чунки модараш назорат мекард, то сару либоси пӯшидаи ӯ намуди хуб дошта бошад. Ӯ аз қуттичаи кориаш ғалтаки ресмони сурхро бароварда, ба Мария дод.

Рӯзи якшанбе фаро расид. Тим бо фикру хаёл ин сӯ, он сӯ мегашт. Дасту рӯи вай тоза шустагӣ ва сарулибосаш ботартиб буд. Куртаашро модараш шаб шуста, дарзмол карда буд. Чунин менамуд, ки ӯро дигар ҳеҷ чиз бознамедошт, лекин вай ҳоло ҳам аз хона намебаромад. Тим ба Мария, ки дар кунҷи ошхона косаву табақҳоро мешуст, нигоҳ мекард. Эҳтимол, ӯ дар бараи вай андеша менамуд. Чароғаш ба ӯ ин пагоҳӣ ӯҳдадории навро нишон дода буд! “Муфт ёфтаед, муфт диҳед”.



Ҳангоми хондани ин суханон вай бозистода ба худ савол медод, ки ин чӣ маъно дорад? Ин суханон ба онҳое тааллуқ доштанд, ки соҳиби баракати Худо шудаанд. Албатта, ӯ дар қатори чунин одамон буд, чунки Худо дар ин рӯзҳо илова ба он хушбахтие ки ӯро дар осмон интизор аст, боз бисёр баракатҳои дигар дод. Лекин ӯ чӣ дода метавонад? Ва ба кӣ? Ба Худо? Албатта не. Ба Худо Тим фақат як чизро – дилашро дода метавонад, ва инро ӯ аллакай карда буд. Вале ӯ ба кӣ ва чӣ дода метавонад?

Ӯ ба тиреза такя намуда, оиди ин андеша менамуд. Ҳамин ҳангом нигоҳаш ба Мария афтод. Оё ӯ ба вай чизе дода метавонад? Не, ӯ ягон чизи ба вай маъқул надорад! Вале агар ӯ ба Мария ёрӣ диҳад, то он хушбахтиро соҳиб шавад, ки худи ӯ дошт, магар ин ҳамон чиз намебуд? Масалан, агар ӯ вайро ба мактаби якшанбегӣ мебурд, ва Мария мисли ӯ ҳамин хурсандиро соҳиб мешуд? Вале ҳамин лаҳза дар сараш фикри баде пайдо шуд: “Ту мехоҳӣ Марияро ба мактаби якшанбегӣ барӣ? Фикр кун, ки ӯ дар он ҷо ба чӣ монанд

мешавад?! Вай ягон куртаи соз надорад, ва ҳама ӯро масхара мекунанд. Илова ба ин, вай ҳеҷ гоҳ розӣ намешавад, ки ба он ҷо равад, бинобар ин ӯро ба ҳолаш гузор".

"Оҳ, Тим Левӣ, – ба ин фикр ҷавоб медод виҷдонаш, – ту тарсончак ҳастӣ! Худо ба ту ин қадар баракатҳо дод, ва баъд аз ҳамаи ин, ту аз писхандҳо тарсида, Марияро ба мактаби якшанбегӣ намебарӣ?!"

– Ман ӯро мебарам! – дар дилаш нидо карда гуфт Тим.

Ана барои чӣ то ҳол Тим аз хона набаромада буд. Ӯ намедонист, ки чӣ тавр ба Мария пешниҳодашро гӯяд. Ниҳоят, Мария худаш ба ӯ ёрӣ дод.

– Тим, – пурсид ӯ, – оё рост аст, ки дар мактаби якшанбегиятон суруд мехонанд?

– Бале, – ҷавоб дод Тим бо хурсандӣ, – мо сурудҳои хуб мехонем. Лекин барои чӣ ту дар бораи ин пурсидӣ?

Мария каме хиҷолат кашида, гуфт:

– Рости гап, ман мехостам як боракак ба он ҷо равам.

"Чӣ, бо ҳамин куртаи поргӣ кардагият?" – қариб мебаромад аз даҳони Тим. Лекин мавҷи сӯзони шарм рӯи ӯро фаро гирифт, ва овози даруниаш садо дод: "Тим, ту тарсончак ҳастӣ. Ту аз писхандҳое метарсӣ, ки ба хоҳарат мекунанд!" Ва Тим бо овози устувор ҷавоб гуфт:

– Мария, ман хеле шодам, ки ту бо ман меравӣ! Фақат тез тайёр шав, чунки вақтамон кам мондааст.

Инак, Мария куртаи кӯҳнаи сурхашро пӯшида, ҳамроҳи Тим рафт. Ӯро ба гурӯҳи духтароне бурданд, ки дар тан либоси зебо доштанд, ва ӯ аввал аз ин каме хиҷолат кашид. Ҷаноби Ҳоуп Тимро назди худ ҷеғ зада гуфт:

– Эдуард, ба фикрам, акнун ту мунтазам ба мактаби якшанбегӣ меоӣ?

– Бале, ҷаноб.

– Дар ин ҳолат, ба ту дигар лозим нест, ки дар байни навомадагон нишинӣ. Аз ҳамин рӯз ман туро ба гурӯҳи худам мегирам.

Тим ягон бор чунин хурсандиро ҳис накарда буд, вақте аз паси роҳбар ба ҷое ки ҳамсифонаш буданд, мерафт. Вале ҳангоми дидани онҳо рангу рӯяш сурх

шуд. Дар охири қатори курсиҳо Фред Ҳоуп, писари роҳбар менишаст. Ба фикри ӯ ин ҳамон касе буд, ки якчанд рӯз пеш, қасдан дурӯғ гуфта, вайро ба ҷазои ноҳақ гирифтор намуд. Ба Тим чунин менамуд, ки ӯ ҳеҷ гоҳ назди вай нишаста наметавонад, ҳатто дар ин мактаби якшанбегӣ. Охир вай душмани бадтарини вай буд-ку! Лекин роҳбар рост истода, ба ҷои худ нишастани талабаи навашро интизор буд. Тимро лозим буд, ки ба қароре ояд, ва ӯ назди вай нишаст. Дар тӯли тамоми дарс Фред на бо сухан ва на бо нигоҳ ба ӯ халал нарасонд. Дар аввал дили Тим чунон пур аз дарду алам буд, ки вай чизи фаҳмондаистодаи ҷаноби Ҳоупро сарфаҳм намерафт. Лекин дере нагузашта, вақте вай азобҳои Масеҳро дар салиб тасвир мекард, ин ҳиссиёт аз байн рафт. Муаллим хеле хуб нақл мекард, ва ин ҳикоя бениҳоят таъсирбахш буд.

Роҳбар талабаҳоро ҷавоб дод. Вақте ҳама мебаромадан, ӯ Тимро аз дасташ боздошта пурсид:

– Бо ту имрӯз чӣ шуд, дӯстам? – Ранги рӯи Тим сурх шуд.



– Ҳеҷ чиз... ҳеҷ чиз не... ҷаноб.

– Байни ту ва Фред дар мактаб ягон чиз рӯй дод?

– Бале, ҷаноб, – ҷасурона ҷавоб дод Тим, вақте фаҳмид, ки роҳбар ҳама чизро пай бурдааст.

– Эдуард, ба ман бигӯ, ки чӣ воқеа рӯй дод?

– Вай гуфт ки коғазро ман партофтам, ва аз ин сабаб маро ҷазо доданд, дар ҳоле ки ман ин корро накарда будам.

– Оё ту рост мегӯӣ, ки коғазро напартофта будӣ?

– Бале, ҷаноб.

– Ва ту дарҳол ҳамин гапро гуфтӣ?

– Ман якчанд бор ин гапро гуфтам, вале Фред гуфт, ки коғаз партофтани маро дидааст.

– Эдуард, оё ту ҳама вақт гапи ростро мегуфтӣ? Оё ба суханонат бовар кардан мумкин аст?

Тим сарашро хам кард, лабонаш ларзиданд. Ӯ андак истода, бо овози паст ҷавоб дод:

– Ман бисёр вақт дурӯғ мегуфтам, вале ин бор гапи ростро гуфтам. Акнун ман кӯшиш карда истодаам, ки ҳама вақт

гапи ростро гӯям. Худо инро медонад.

– Ман ҳам инро медонам, – меҳрубонона давом дод ҷаноби Ҳоуп, – ва бовар мекунам, ки Фред хато кард. Ту барои ин сахт аз вай хафа ҳастӣ? Бигӯ, ки оё ту бар ин ҳиссиёти ганда ғолиб омада метавонӣ?

Тим ба аломати инкор сарашро ҷунбонд.

– Барои вай шуда маро ноҳақ ҷазо доданд.

– Фикр кун, Эдуард, агар Масеҳ ҳам мисли ту аз рӯи чунин қоида рафтор мекард, ва танҳо онҳоеро мебахшид, ки нисбати Ӯ дуруст рафтор мекунанд, оё Ӯ туро мебахшид?

Тим хомӯш меистод. Вай ҳоло ягон бор оиди ин ҷиҳати масъала фикр накарда буд. Роҳбар аз дасти Тим Китоби Муқаддасро гирифта гуфт:

– Ман мехоҳам ба ту нишон диҳам, ки оиди ин масъала ин чароғи ту чӣ мегӯяд. Тим ояти нишон додашударо хонд: “Ва агар шумо ба мардум набахшед, Падари шумо низ хатоҳои шуморо ба шумо нахоҳад бахшид”.

Роҳбар Китоби Муқаддасро ба Тим



баргардонда, рафт.

Ҳангоми ин сӯҳбат Мария дар як тараф танҳо меистод. Ӯ бародарашро интизор набуд, балки мехост охирин барояд, то ки писханди дигаранро оиди куртаи кӯҳнааш нашунавад. Барои Мария бори аввал ба ин ҷо омаданаш начандон хуб гузашт. Ӯ он чиро ки муаллимаашон мефаҳмонд он қадар хуб нафаҳмид. Инчунин якчанд духтарон бо нигоҳи нафратомез ӯро шармгин менамуданд. Ба ӯ танҳо сурудхонӣ маъқул шуд. Тим ҳамроҳи хоҳараш якҷоя аз мактаб баромад. Кӯдакон аллакай хона ба хона рафта буданд. Акнун онҳо метавонистанд осуда бо роҳи худ раванд.

– Канӣ бигӯ, Мария, оё ба ту маъқул шуд, ё не? – пурсид Тим.

– Гуфта наметавонам, ки бисёр маъқул шуд, – ҷавоб дод Мария. – Дар наздам як духтари аз ҳама безеби шаҳракамон нишаста буд, ва доимо аз барои курта ва кулоҳам маро масхара мекард. Ман аз вай нафрат дорам!

Акнун Тим дилхунук шуд. Оё ӯ барои

ҳамин Марияро ба мактаби якшанбегӣ оварда буд?

– Оё ту имрӯз нашунидӣ, ки роҳбар дар бораи Исои Масеҳ чӣ гуфт? Чӣ гуна Ӯ ҳамаи моро дӯст медорад ва мехоҳад, ки мо низ Ӯро дӯст дорем? Барои ҳамин шуда Ӯ барои мо мурда буд.

– Ман он чиро, ки мегуфтанд гӯш накардам. Ман тугмаҳои куртаи муаллимаамонро ҳисоб мекардам. Онҳо ҳам аз пеш ва ҳам аз бари куртааш қатор дӯхта шудаанд!

Сӯҳбати онҳо бо ҳамин хотима ёфт. Тим дар бораи он меандешид, ки ба хоҳараш ягон фоида наовард, ва фаҳмид, ки каси дигарро ба он хурсандие ки ӯ ҳис мекард ҳамроҳ кардан кори осон нест.

Вақте ки ҷаноби Ҳоуп ба хона баргашт, Фредро ба ҳуҷраи кории худ даъват карда гуфт:

– Байни ту ва Эдуард дар мактаб чӣ воқеа рӯй дода буд?

– Ягон чизи ҷиддӣ рӯй надода буд, падар! Оё Тим аз ман шикоят намуд?

– Фред, ту коғаз партофтани Эдуардро дида будӣ?



– Бале, падар.

– Ту боварии комил дорӣ, ки онро вай партофта буд?

– Ба фикрам ҳа,.. ба ҳар ҳол вақте ман сарамро бардоштам, дидам, ки коғаз аз сӯи Тим партофта шуд ва дасташ бардоштагӣ буд. То ҳамин вақти савол доданатон ман боварии комил доштам, ки онро Тим партофта буд.

– Вале акнун ту инкор намекунӣ, ки инро ягон кас аз атрофиёнаш карда метавонист?

– Намедонам!.. Ман дар бораи ин фикр накарда будам! Шояд онро Александр Палмер партофт, зеро ӯ ҳамроҳи Тим нишаста буд.

– Фред, лекин ман комилан дилпурам, ки ту хато кардӣ, ва Эдуард он дафъа гапи ростро гуфта буд. Медонӣ чаро ман чунин боварӣ дорам? Ба ақидаи ман, аллакай якчанд вақт инҷониб Эдуард ба роҳи танге ки сӯи ҳаёти абадӣ мебарад, қадам гузоштааст. Инчунин ба ту дар бораи як чизи дигаре гуфтан мехоҳам, ки андеша кунӣ: Эдуард Левӣ ягон кас надошт, ки ба ӯ ёрӣ расонад ва роҳи дурустро нишон диҳад, лекин ӯ

дилашро ба Масеҳ супурд. Аммо писари ман, ки барояш аз тахти дил ҳар рӯз, аз вақти таваллуд шуданаш дуо мекунам, то ҳол ин корро накардааст.

Рӯзи дигар Фред ва Том пас аз дарсҳо ҳамроҳ аз мактаб мебаромаданд. Том рафиқашро розӣ мекунонд, ки ба хонаашон дарояд, лекин вай розӣ нашуд. Вақте ки Фред Тимро дид, фарёд зада гуфт:

– Тим, Тим Левӣ, як дам ист...

Тим истод. Ӯ ба чашмони худ бовар наме-кард ва фаҳмида наметавонист, ки ба ин бача, ки ӯ вайро душмани худ меҳисобид, чӣ даркор аст.

Фред феъли қатъӣ дошт ва рӯирост гап мезад. Агар ӯ дарк менамуд, ки барои ҳалли ягон масъала гуфтугузор кардан лозим аст, инро мекард ва ба канор намегузошт.

– Тим, – дарҳол сар кард ӯ, – оё ман хато кардам, вақте ба муаллима гуфтам, ки ту лӯлачаи коғазинро партофтӣ? Он рӯз ба ман чунон намуд, ки инро ту кардӣ.

– Не, ту хато намудӣ, ман напартофта будам.

– Падарам боварии қатъӣ дорад, ки ман хато кардаам. Ӯ ба ман ҳамин тавр гуфт. Вале ман фикр мекардам, ки гапи ростро гуфтам. Ман хеле афсӯс мехӯрам, ки чунин шуд. Агар хоҳӣ, ман инро ба муаллим ва ҳамсинфонамон мегӯям. Бигзор онҳо он тарсончакро, ки ба ҷояш ту ҷазо дидӣ, кофтуков карда ёбанд.

Тим аввал каме дудила шуд, лекин баъд гуфт:

– Не, чизи шудагӣ шуд. Ман ба ин мавзӯъ баргаштан намехоҳам.

– Ту одами аҷоибӣ! – ниҳоят гуфт Фред. Онҳо дастони ҳамдигарро фишурданд, ва Тим бо дили пур аз хурсандӣ сӯи хона равон шуд. Имрӯз муаллим аз ӯ қоноатманд буд, зеро дарсхонияш хуб буд, ва низ суханони Фред: “Падарам боварии қатъӣ дорад, ки ман хато кардаам” дар сараш давр мезад ва дилашро гарм менамуд.

# БОБИ 9
## “Ба роҳи шарирон (бадкирдорон) дохил нашав”
## Масалҳо 4:14

Мария ба даричаи боғчаашон такя намуда, гурӯҳи актёрҳоро тамошо мекард, ки дар атрофашон тӯдаи одамон ҷамъ шуда буданд. Ин ҳунармандони театр аз як ҷо ба ҷои дигар сафар намуда, намоишҳо медоданд. Пешопеши онҳо мошини каппадори сурх ҳаракат мекард, ки ба он эълонномаҳо часпонда шуда буданд. Мошинро бачае бо костюми рангоранг идора мекард. Он оҳиста ва тантананок ҳаракат менамуд, то ҳар кас он чиро, ки дар тани он бо ҳарфҳои калон навишта шуда буд, хонда тавонад. “Ин бегоҳ намоиши калон мешавад”, – хонда тавонист Мария. “Ду намоиши ҳаяҷоновари фоҷиавӣ: «Соҳибҷамоли хобида» ва «Фоҷиаи қиморбозӣ». Инчунин бисёр беақлиҳое, ки шуморо бисёр механдонанд. Намоиш бо ҳамроҳии дастаи аълои навозандагони мусиқӣ”. Аз паси мошин ду фойтун



бо аспҳояш ҳаракат мекарданд. Аспҳо лаҷомҳои зебои идона доштанд, ва фойтунҳо бо ороишҳои ҷилодиҳанда зинат дода шуда буданд. Дар фойтунҳо мардону занон бо либосҳои рангоранги қиматбаҳо менишастанд. Аз паси онҳо як фойтуни дигар бо дастаи навозандагон ҳаракат мекард. Ин фойтун бо байрақҳо ороиш ёфта буд. Асбобҳои мусиқии чун тилло ҷилодиҳанда фазоро аз садоҳои шодибахш пур мекарданд. Дар охир, аз паси ҳамаи онҳо, ду аробаи вазнин базӯр ҳаракат мекарданд, ки дар онҳо ороишҳо ва тахтаҳои саҳна бор карда шуда буданд.

Тааҷҷубовар нест, ки тамоми диққати Мария ба ин манзара ҷалб шуда буд. Вақте ки фойтуну аробаҳо аз пешаш гузашта рафтанд, вай аз ҷояш ҷаста, фарёд зад:

– Ман мехоҳам, ҳатман мехоҳам, ки ин бегоҳ ба он ҷо равам! Ман ҳеҷ гоҳ чизеро ин хел намехостам.

Модараш, ки ҳамроҳи ӯ тамошо мекард, дар ҷавоб гуфт:

– Туро лозим меояд, ки танҳо бо хоҳишат қаноат намоӣ. Касоне ки мис-

ли ман бо араќи ҷабин кор карда, нони худро меёбанд, барои театру консерт пул надоранд.

Мария аз ҳаяҷон ва ғазаб ларзид.

– Ман ҳеҷ вақт ба ягон ҷо рафта наметавонам! – дод зад ӯ ва якравона заминро бо кафи пойҳояш тап-тап зад. – Ман то ҳол ягон бор дар театр набудам, лекин дигар бачаҳо буданд. Тим ҳар бор илоҷ ёфта ба он ҷо меравад-ку!

Вақте Мария Тимро дар роҳ дид, дар сараш фикре пайдо шуд ва ӯ ба сӯяш шитофта гуфт:

– Тим! Тим! Як бор маро гӯш кун! Ту метавонӣ аз ягон ҷо камтар пул ёфта, маро ба театр барӣ? Ман чунон сахт мехоҳам ба он ҷо равам. Агар маро барӣ, ман ваъда медиҳам, ки ҳама вақт гапатро мегирам ва чизи гуфтагиатро иҷро менамоям.

Баъд аз даҳ дақиқа Тим аллакай дар роҳи калон буд ва сӯи маркази шаҳр мерафт. Дар рангу рӯяш ноороми дида мешуд. Ба ӯ чӣ шуда бошад? Ӯро он чиз азоб медод, ки Мария бори аввал аз ӯ чизеро чунин содда ва самимӣ хоҳиш намуд. Дар ҳақиқат, ӯ худаш ҳам ба он



намоиш рафтан мехост. Ҳар бор ин хоҳиш дар гӯшаш чун садои баланди мусиқӣ садо медод ва тамоми вуҷудаш аз ҳаяҷон ва хурсандӣ пур мешуд. Ин гурӯҳи театрӣ аллакай якчанд бор дар шаҳр намоиш нишон дода буд. Онҳо ҳар сол меомаданд ва якчанд ҳафта намоиш медоданд. Дар ин рӯзҳо қисми зиёди аҳолӣ, хусусан кӯдакон, тӯдаи калон шуда театрро пур мекарданд. То ҳол Тим аз дигарон ақиб намемонд. Чӣ тавре ки Мария гуфта буд, ӯ ҳама вақт имконият ёфта ба он ҷо медаромад, ва ин шавқ барояш лаззат шуда буд. Вақте намоишгарон меомаданд, ӯ ҳамроҳи рафиқонаш аз паси онҳо медавид ва барпо кардани саҳнаи намоишгоҳро тамошо мекард. Ин намоишҳо барои Тим иди калон буданд. Вай метавонист соатҳо дар майдон истода, тайёрӣ ба намоишро тамошо кунад. Вале, бо вуҷуди ин, Тим ҳоло дар ташвиш буд. Лекин барои чӣ? Он чизе ки барояш борҳо муяссар мегашт, шояд имрӯз ҳам муяссар шавад. Бале, албатта, лекин сабаб дар дигар чиз буд. Тим Леви, ки ҳоло дар роҳ мебинем, дигар он Тими пештара набуд! Оё ҳоло

ӯ кӯшиш намекард, ки кори нек кунад? Ё худи театр ба ин масъала ягон дахл дошт? Пас чӣ ӯро ором намегузошт? Барои чӣ ин овози паст дар дили вай гаштаву баргашта мегуфт, ки агар ӯ худро аз ин шавқу завқ маҳрум намояд, кори беҳтаре мекунад?

Тим ин масъаларо бо диққат мушоҳида карда фаҳмид, ки яке аз сабабҳои чунин муборизаи ӯ барои ба намоиш нарафтан он буд, ки падару модари Фред Ҳоуп ва Том Миллер ба он ҷо рафтани фарзандонашонро намехостанд. Фред мегуфт, ки вақте одамон ба чунин намоишҳо мераванд, онҳо касби шубҳаовари ин ҳунармандонро дастгирӣ менамоянд. То ҳол фикру ақидаи Фред барои Тим аҳамияте надошт. Аммо акнун ӯ кӯшиш мекард рафтори бенуқсон дошта бошад, ва ҳамаи одамони сазовори ҳурмат, чуноне ки ӯ пай бурд, одатан, чунин намоишҳои театриро сарзаниш мекарданд.

Тим саргум шуд: оё одамони сарватдор ва мӯҳтарами шаҳр, ки ӯ онҳоро ном ба ном мешинохт фарзандонашонро ба чунин намоишҳо намебурданд? Бале,



лекин оё онҳо дар ҳақиқат масеҳиянд? Лекин ӯ инчунин фикри ҷаноби Ҳоуп ва Миллерро дар ин хусус медонист.

“Лекин ба театр рафтан чӣ ҷои бадӣ дорад? – ба худ савол медод ӯ. – Наход ки чунин хоҳиши сахти Марияро рад кардан зарур аст? Ҳамин вақт рӯҳи нопок аз фурсат истифода бурда, ба фикрронии ӯ ҳамроҳ шуд: “Мария ягон бор аз ту чизе илтимос накарда буд, – пичир-пичир менамуд ӯ. – Охир, ту сахт мехоҳӣ, ки вай ба мактаби якшанбегӣ равад ва Китоби Муқаддаро хонад. Хоҳиши ӯро иҷро кун ва ӯро ба театр бар, баъд вай ҳама гапҳои туро гӯш мекунад”. Вале ин дафъа, ба хоҳиши сахти театр рафтан нигоҳ накарда, Тим бемантиқии ҳамаи ин андешаро фаҳмид. Оё намоишҳои театрӣ метавонанд барои одам воситае бошанд, ки Худоро дӯст дорад? Не. Аз рӯи намунаи ҷаноби Ҳоуп рафтор кардан аз ҳама дурусттар мебуд. Барои Тим ба қароре омадан боз аз он сабаб осонтар буд, ки барои ду билет харидан камаш як сӯм лозим буд, аммо вай дар тамоми ҳаёташ ин қадар пул надошт. Бинобар ин масъала бояд худ аз худ ҳалли

худро меёфт.

Лекин не, масъала то ҳол ҳал нашуда буд. Тим дар сари роҳ тоҷири аз ҳама бойи шаҳрашон – ҷаноби Браунро дид, ки дар пеши даромадгоҳи мағозааш меистод.

– Эй, Тим, – фарёд зад ӯ, – ин ҷо биё! Агар ту якчанд пакетро ба ҷои муқарраршуда бурда, ягонтоашро надуздӣ, ман ба намоиши бегоҳӣ ба ту ду билет медиҳам. Вақте ӯ калимаи “надуздӣ”-ро шунид, аз шарм рангу рӯяш сурх шуд. Дар аввал ӯ мехост гӯяд, ки агар ҷаноби Браун ба ӯ бовар накунад, бизор ба ягон каси дигар муроҷиат намояд, вале фикри мукофот гирифтан ӯро боздошт. То чӣ андоза Мария хурсанд мешавад, агар ӯ ба вай билетҳои дилхоҳро биёрад! Тим розӣ шуд, лекин муборизаи даруниаш низ боз сар шуд.

Вай пакетҳоро хона ба хона бурда мерасонд, аз ин сабаб барои андеша кардан вақташ кифоят мекард. Вақте дар дасташ мукофоти меҳнаташ – ду билети сабз буданд, ин масъала дар фикраш қариб ҳал шуда буд.

Тим бо сарвати худ сӯи хона равона



шуд. Дар роҳ вайро лозим омад, ки аз назди меҳмонхона гузарад. Аз тирезаҳои меҳмонхона ӯ ҳамон ҷанобони зеборо дид, ки ҳамин пагоҳӣ ӯро ба ҳайрат оварда буданд. Онҳоро аз рӯи либосҳои зебо, мӯйҳои ҷингила кардашуда ва тарзи рафторашон шинохтан душвор набуд. Онҳо дар назди тирезаи кушода нишаста бо ғавғо қартабозӣ мекарданд ва қадаҳ паси қадаҳ май менӯшиданд. Тим аз тарафи дигари кӯча истода, онҳоро тамошо мекард. Ӯ аз худ мепурсид, ки наход ин ҳамон одамонеанд, ки соли гузашта бо суханони тантананок, қаду қомати боҳашамат ва рафтори олиҳимматонаашон ба ӯ ҳаловати бузург мерасонданд? Боварии ӯ ба ин намеомад ва дилаш аз ҳиссиёти мухолиф пур гашт. Бачаи бечора аз саволҳои азобдиҳанда ранҷ мекашид. Вай орзу мекард, ки кошки бахташ омад мекарду ӯ бо ягон касе вомехӯрд, ки ба вай маслиҳати хуб дода тавонад!

Сипас Тим роҳашро сӯи хона давом дод. Вақте ки вай аз пеши паноҳгоҳи дӯстдоштаи худ мегузашт, ки дар таги беди кӯҳан, дар соҳили ҳавз воқеъ

буд, ба он ҷо ворид шуда, ба сабза нишаст. Ӯ бо дасти чапаш ду билети сабзро маҳкам меқапид, лекин бо дасти росташ аз кисааш Китоби Муқаддаси хурдакакашро баровард. Ҳар боре ки ӯ ба нофаҳмӣ дучор мешуд, ӯ ба "чароғаш" рӯ оварда, мадади онро ба кор мебурд, ва ин барояш аллакай одат шуда буд. Вале имрӯз масъала барояш хеле душвор менамуд. Ӯ китобашро варақ мезад, вале ҷавоб намеёфт.

"Лекин кадом оятро ман рӯзи якшанбе аз ёд карда будам, ва он ба ман маъқул шуда буд? – ногаҳон ба хотир овардан мехост ӯ. – Ман бояд онро ёбам! Ҳа, ана он! – гуфт ӯ ва дарҳол нидо кард: – «Зеро ки Худованд умедбахши ту хоҳад буд, ва пои туро аз дом нигоҳ хоҳад дошт»".

Лекин ин ҷои Навиштаҷот ҳам ба саволи ӯ ҷавоб намегуфт. Тим парешонхотирона варақ заданро давом медод, ва ногаҳон чеҳрааш аз хурсандӣ дурахшид – вай он чиро ки мекофт, ёфт, ва бо овоз хонд: "Ба роҳи шарирон (бадкирдорон) дохил нашав, ва дар тариқи бадкешон қадам нагузор. Онро рад намо, дар он қадамгузор нашав; аз он



канорагирӣ намуда, гузашта рав".

"Ҳа, ин дар бораи ман ва онҳо гуфта шудааст. Аз афташ онҳо одамони хуб нестанд: онҳо май менӯшиданд, қиморбозӣ мекарданд, ҳақорат менамуданд, лекин дар ин ҷо гуфта шудааст: «Онро рад намо, дар он қадамгузор нашав; аз он канорагирӣ намуда, гузашта рав». Ман бояд худи ҳозир рафта ба ҷаноби Браун билетҳояшро баргардонам, то ки ба ҳамаи ин хотима гузорам".

Тим ҳамон лаҳза хеста сӯи ақиб давид. Ӯ аз давидан нафастанг шуда пеши савдогари бой ҳозир шуд.

– Ҷаноби Браун, – нафас рост карда фарёд кард ӯ, ва сӯи намоишгоҳ бо сараш ишора намуда давом дод, – ман ба он ҷо рафтан намехоҳам, ва ин билетҳоятонро пасмегардонам.

Ҷаноби Браун аз намуди бошиддат ва барангехтаи ӯ ба ҳайрат омада пурсид:

– Чӣ воқеа рӯй дод? Оё туро бо ин билетҳо даромадан намемонанд?

– Ман қарор кардам ки ба театр намеравам, – гуфт ӯ.

– Барои чӣ?

– Ман сабабҳои шахсӣ дорам.

– Ана гап дар чӣ?! Ман туро нашинохта истодаам, Тим! Ба ман бигӯ, ки ту барои нарафтан кадом сабабҳо дорӣ?

Тим намедонист чӣ тавр ба ӯ ҷавоб диҳад. Вай каме андешид ва сипас қарор кард, ки ҷасурона, кушоду равшан сухан гӯяд.

– Ман қарор кардам, ки дигар ҳеҷ гоҳ ба чунин намоишҳо намеравам. Ман дигар онҳоро чун пештара қадр намекунам.

Вале чунин ҷавоб ҷаноби Браунро қонеъ накард. Худи Тим низ ҳис менамуд, ки бояд имони ба Худованд доштаашро аниқтар баён намояд.

– Пас, сабаби чунин қароратро ба ман фаҳмон. Ту, аз афташ, сахт тағйир ёфтаӣ!

– Гап дар он ки ман навакак дар бораи онҳо як чизеро хондам, – гуфт Тим.

– Киҳо онҳо? Ту дар бораи кӣ гап зада истодаӣ?

– Дар бораи актёрҳо. Ман онҳоро дар меҳмонхона дидам: онҳо қиморбозӣ мекунанд, шароб менӯшанд, ҷанҷол мекунанд, умуман, чун одамони бадрафторанд. Лекин дар Китобе ки ман мехонам, навишта шудааст: "Ба роҳи шарирон (бадкирдорон) дохил нашав, ва дар тариқи бадкешон қадам нагузор. Онро рад намо, дар он қадамгузор нашав; аз он канорагирӣ намуда, гузашта рав". Ман низ ҳамин тавр рафтор кардан мехоҳам, ва тамом.

Тим ин суханонро гуфта, чун тир аз назар ғайб зад. Ҷаноби Браун китф афшонда, бо тааҷҷуб гуфт: "Аз афташ, дар ин дунё ҳама чиз дигар шуда истодааст!"

Ҳамин лаҳза ба мағоза ҷаноби Миллер даромад ва пурсид:

– Маҳз чӣ дигаргун шудааст? Имрӯз ман худам ба ҷои хизматгорам харид карда истодаам: ба ман як бурда ҳасиби хуб диҳед. Аммо ба ҳар ҳол, ба ман бигӯед, ки чӣ шуморо чунин ба ҳайрат гузошт?

– Охир, чӣ тавр ҳайрон нашавам! Тим Левӣ бар зидди театр гап зада истодааст! Ман ба ӯ барои намоишгоҳи имрӯза ду билет додам, вале навакак ӯ онҳоро ба ман баргардонда, эълон намуд, ки ӯ дигар ба он ҷо намеравад, зеро дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки ба роҳи бадкирдорон дохил нашав. Шумо нисбати чунин ақида чӣ мегӯед? Оё он ба шумо маъқул аст?

– Шумо фаҳмиданиед, ки оё чунин ақида ба ман маъқул аст ё не? Ман ба шумо мехоҳам гӯям, ки оиди ин дар Китоби Муқаддас боз чӣ гуфта мешавад: “Ва ҳар кӣ яке аз ин тифлонро, ки ба Ман имон меоваранд, ба васваса андозад....”. Лекин ман афзал донистам, ки ин оятро бароятон то ба охир нагӯям. Беҳтараш, ҷаноби Браун, шумо худатон онро ёфта, то ба охир хонед. Вале акнун, лутфан, бурдаи ҳасибамро ба ман диҳед, чунки ман саросемаам.

Дар ин вақт Тим аллакай назди хонаашон буд. Мария ӯро пеши дарича пешвоз гирифта, нидо кард:

– Оҳ, Тим, ту маро ба театр мебарӣ? Илтимос, маро бар! Охир, ман аввалин бор аз ту чизе пурсида истодаам!

Дар рӯи Тим ҳаяҷон намудор гашт. Ӯ гуфт:

– Мария, ман гуфтан мехоҳам, ки бароят инро карда наметавонам. Агар ман мехостам, бароят билет ёфта метавонистам, лекин қарор додам, ки дигар ба ин намоишҳо намеравам. Ту медонӣ-ку, ман мехоҳам назар ба пештара беҳтар зиндагӣ кунам, ва фикр



мекунам, ки театр...

Лекин Мария гапашро бурида, бо қаҳру алам дод зад:

– Маро ба ҳолам гузор, нобакор; хеле афсӯс, ки ту чунин диндор шудаӣ ва аз ин сабаб як хурсандии хурдакакро ҳам ба ман муҳайё сохтан намехоҳӣ. Гум шав, ба ту мегӯям, маро ба ҳолам гузор!

Барои Тим шунидани чунин суханон хеле дарднок буд. Бо вуҷуди ин, ӯ дар суханони Мария як чизи хеле хурсандибахшеро шунид: Мария дар рафтори ӯ дигаргуниро пай бурд, яъне ӯ дигар мисли пештара набуд. Аз чунин фикр дилаш аз хурсандӣ ба ҳаяҷон омад.

# БОБИ 10

## “Онро рад намо, дар он қадамгузор нашав; аз он канорагирӣ намуда, гузашта рав” Масалҳо 4:15

Тим борҳо ин оятро такрор мекард! Ба назараш чунин менамуд, ки суханони ин оят тамоми вуҷудашро фаро гирифтаанд. Вале ба ин нигоҳ накарда, вақте ки бегоҳирӯзӣ шуд, вай аз хона баромад ва рост сӯи театр, ба майдони шаҳр равона шуд. Вай оҳиста қадам гузошта худ ба худ андеша мекард: “Агар ман танҳо мусиқӣ гӯш кунам, магар дар ин ягон чизи бад ҳаст? Албатта, ман нияти ба театр даромадан надорам. Баъд аз он чизе ки ман ба Мария гуфтам, албатта не! Ва ҳатто агар мехостам ҳам, акнун даромада наметавонам, чунки билет надорам. Лекин фақат мехоҳам бинам, ки оё одам бисёр омадааст, ва танҳо мусиқӣ гӯш мекунам”.



“Онро рад намо, дар он қадамгузор нашав”. Ин овози паст дар дилаш садо доданро бас намекард. Тим қадамашро тезтар гузошта, ба худ ҷавоб мегуфт: “Ҳа, ман медонам, ки ҳатто агар мехостам ҳам, ба он ҷо даромада наметавонистам, ва намедароям, ва инро намехоҳам”.

Ҳамин тариқ ӯ ба майдони шаҳр расид. Аз он ҷо овози баланди мусиқӣ шунида мешуд, ки ба гӯшаш чун оҳанги дилрабо садо медод. Тим оҳиста-оҳиста ба он ҷо наздик мешуд, ва ниҳоят, худро дар пеши дари театр дид. Вай ҳоло ҳам дар қарораш устувор буд, ки ба он ҷо намедарояд.

Дар пеши даромадгоҳ одамони бисёр ҷамъ шуда буданд. Дар байни онҳо ӯ ҷаноби Дагласро дид. Тим ӯро ҳамчун шахси бой ва дасткушод мешинохт. Ӯ чандин бор чунин маслиҳатҳоеро шунида буд, ки ба одамони эҳтиёҷманд медоданд: “Ба ҷаноби Даглас муроҷиат намоед, вай ягон бор илтимоси касеро рад накардааст”. Барои ҳамин ӯро ҳама дӯст медоштанд. Вақте ки ӯ Тимро дид, аз ӯ пурсид: “Ту ҳам ба театр даромадан мехоҳӣ?” Тим чун аломати инкор сар

ҷунбонд.

– Барои чӣ, магар пул надорӣ?

Баъд ба духтарчаи хушрӯяке ки вайро аз дасташ дошта мерафт, рӯ оварда, пурсид:

– То чӣ андоза ғамангез аст, вақте кас ба театр чунин наздик буда, имконияти ба он даромадан надорад, ҳамин тавр не, майдаяки ман?

– Ҳа, – меҳрубонона табассум карда, ҷавоб дод духтарча. – Лекин модарам дар куҷост, дада?

– Хавотир нашав, ҳозир ӯ расида мебиёяд! – ҷавоб дод ҷаноби Даглас, ва дар айни ҳол ба шахсе ки назди даромадгоҳ билетҳоро мегирифт, рӯ оварда гуфт: – Ин бачаро ҳам гузор, ки дарояд: ана пули билети ӯ.

– Кани, писарак, даро ва чашму гӯшҳоятро нағзакак кушо – гуфт билетчинак.

Тим одамони бисёри ҷамъшударо дида, ба завқ омад, ва дар як лаҳза дохили намоишгоҳ шуд. Садои хурсандкунандаи мусиқӣ тамоми намоишгоҳро фаро гирифт ва чароғҳои дурахшон аз ҳар тараф равшанӣ медоданд. Ғалоғулаи



тӯдаи хушҳол ба шувваси мавҷҳои баҳр монанд буд. Тим бо шавқу завқ ба гирду атроф нигоҳ мекард. Овози пасте дар дилаш кӯшиш менамуд, ки ба ин амали ӯ зиддият кунад, вале дар байни чунин ҳашамату мағал ӯ онро дигар намешунид ва ба лаззати зудгузар дода шуд. Яке аз дасткушодтарин саховатмандони шаҳр ба ӯ имконият дод, ки ба намоиш дарояд, ва худаш низ бо зану духтараш дар ин ҷо ҳузур дошт. Илова бар ин, Тим ҳар рӯзи якшанбе ба ҷамоат рафтани онҳоро медид. Инак, агар онҳо дар ин ҷо ҳузур дошта бошанд, пас барои чӣ дар ин ҷо будани ӯ мумкин нест? Тим кӯшиш мекард, ки бо чунин андешаҳо худро ором кунад, ва гумон намекард, ки чароғаш ба ин метавонист чунин ҷавоб диҳад: “Ҳар яке аз мо дар бораи худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод”.

Тим аз чизи дидааш ва шунидааш мафтун гашта, ҳатто пай набурд, ки пеши роҳи гузаргоҳро гирифтааст. Дар ин вақт тӯдаи одамони даромадаистода ӯро тела дода, сӯи як ҷавони қадбаланд партофтанд, ки дар тан костюм ва галстуки сафед дошт ва дар назди

даромадгоҳ эълоннома мефурӯхт. Тим дарҳол ӯро шинохт. Ин яке аз одамони он гурӯҳ буд, ки онҳоро дар меҳмонхона дида буд. Вай бо чашмони пур аз хашм ва суханони куфромез Тимро тела дод. Ин барои ӯ мисли зарбаи корд ба дил буд: “Оҳ, Тим, магар чанд рӯз пеш ту дар бораи азобҳои Наҷотдиҳанда нашунида будӣ? Магар ту аз таҳти дил ваъда надода будӣ, ки Ӯро дӯст медорӣ ва ба Ӯ хизмат менамоӣ? Акнун бошад ту дар намоиши одамоне ҳузур дорӣ, ки ин Номи бароят азизро бо чунин суханони даҳшатнок ба забон меоранд. Дар ҳузури Худовандат бин, ки ту имшаб дар ин ҷо чӣ карда истодаӣ? Ба Тим чунин намуд, ки Худи Масеҳ аз ӯ инро пурсида истодааст. Ӯ якбора тоб хӯрда, бо дастонаш гӯшҳояшро пӯшид ва аз пеши тӯдаи одамон давида гузашта, баромада рафт.

Тим аз майдони шаҳр давида гузашт ва ба он роҳе баромад, ки сӯи ҳавз мебурд. Вай бо тамоми қувваташ давида кӯшиш менамуд, ки то ҳадди имкон ин суханони бадро, ки дар гӯшаш садо медоданд, дур кунад. Сипас ӯ зери дарахти беди дӯстдоштааш истод ва беҳол ба рӯи



алаф афтод. Ӯ фикр менамуд, ки чӣ кор кард? Баъд аз он ки ба ӯ вазифааш дар ин хусус хуб фаҳмо шуд, вай ба озмоиш дучор гашт! Ҳа, акнун ӯ ба чунин хӯҷаинони хубу мӯҳтарам, ки ба театр мераванд, чӣ кор дорад? Шояд, Худо ба онҳо ҳеҷ вақт нишон надодааст, ки чӣ тавр бояд рафтор кунанд. Шояд, онҳо ягон бор ин суханонро нахондаанд: “Аз он канорагирӣ намуда, гузашта рав»? Шояд онҳо ба ҷамоат мераванд, лекин Худовандро намешиносанд? Лекин ин кори ӯ нест. Тим як чизро хуб медонист: ӯ бад рафтор кард, хеле бад рафтор кард, ва дилаш пур аз дард буд. Акнун ӯ чӣ бояд кунад? Агар Мария дар ин бора фаҳмад, чӣ мегӯяд? Ҷаноби Браун чӣ? Лекин аз ҳама муҳимаш он аст, ки Ӯ, ки аз осмон ҳамаро мебинад, чӣ фикр мекунад? Ҳангоми ин фикр чашмони Тим аз ашк пур шуданд, ва ӯ бо дили пурҷӯш ба дуо кардан шурӯъ кард: “Оҳ, Худованд, Ту медонӣ, ки ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ман Туро дӯст медорам. Аз Ту илтимос мекунам, ки маро бубахш ва ба роҳи ҳақ роҳнамоӣ кун”. Ӯ ба сари зону истода, дер дуо намуд ва ин беҳуда

набуд. Ҳамчун нишонаи бо Худо сулҳ пайдо карданаш, вай оятеро ба ёд овард, ки як рӯз пеш хонда буд: “Ту Худои бахшанда, карим ва раҳим, собир ва пур аз эҳсон ҳастӣ”. Чароғи Тим дар ин ташвишҳои зиёд, чун дар дигар ҳолатҳо, ба мадади ӯ омад.



# БОБИ 11
## “Касе ки ... тарсгорони Худовандро иззат кунад”
## Забур 14:4

Тобистон гузашт ва фасли тирамоҳ фаро расида буд. Зимистон наздик меомад. Тим дар мактаб бештар хуб мехонд. Дар ин муддат вай эҳтироми муаллим ва рафиқонашро сазовор гашт. Ӯ пеш фақат баҳоҳои пасттарин мегирифт, аммо ҳоло, вақте ки ба ӯ баҳоҳои беҳтарин мегузоштанд, ин ҳеҷ касро ба ҳайрат намеовард. Бо вуҷуди ин, ӯ дар таҳсил аз бисёр рафиқонаш ақиб монда буд, лекин муаллим саъю кӯшишҳои ӯро дида, вайро шавқманд менамуд ва мадад мекард. Бачаҳо бошанд, ҳангоми хато карданаш дигар ҳеҷ гоҳ намехандиданд. Пеш, вақте дигар талабагон аз Тим шикоят мекарданд, ӯ фақат ҷазо мегирифт, лекин акнун муносибати муаллим нисбати ӯ тамоман дигар шуда буд, ва ҳатто ҳангоми огоҳӣ додан, ҳамеша ба фикру ақидаи ӯ гӯш медод.

Бале, вазъият хеле дигаргун шуда буд ва ин тағйирот рӯз то рӯз давом меёфт. Боб Тёрнер афсӯс мехӯрд, ки пештара рафиқаш чунин дилгиркунанда шудааст. Лекин худи Тим дигаргун шуданашро аз атрофиён дида камтар пай мебурд. Ҷанги рӯҳонӣ барояш хеле вазнин менамуд. Рӯҳи нопок ҳеҷ гоҳ аз тӯъмааш осон даст намекашид, ва Тимро сар додан намехост. Дар рафтори Тим низ ҳанӯз бисёр ҳазлу ҳилагарӣ вуҷуд дошт, ки мутаассифона, бисёр вақт дар лаҳзаҳои номувофиқ аён мешуд. Дар ӯ баъзан хоҳиши сахти ягон шӯхии нағзакак кардан пайдо мешуд. Баъзан ин васваса чунон сахт мегашт, ки ӯ барои қонеъ намудани хоҳишаш тайёр буд роҳи интихобкардаашро тарк намояд. Баъзан, баъд аз он ки ӯ дар дарсҳо ба нобарорӣ дучор мешуд, вайро ноумедӣ фаро мегирифт ва ӯ бениҳоят ғамгин мешуд. Дар чунин ҳолатҳо шайтон кӯшиш мекард ӯро бовар кунонад, ки одами нав нашудааст, ва ҳамаи ин танҳо самари хаёлоти ӯст. Дар ин гуна лаҳзаҳо ба назари Тим чунин менамуд, ки ҳама кӯшишҳояш барбод рафтааст, лекин баъд ӯ боз аз таҳти дил мубориза



бурданро давом медод.

Дар омӯзиши дарсҳо барои ӯ аз ҳама мушкил омӯхтани фанни математика буд. Ӯ ҳоло ҳам ҷамъу тарҳро меомӯхт ва аз ҷиҳати муваффақиятнокӣ дар қатори охиринҳо ба шумор мерафт.

Боре, дар яке аз субҳҳои моҳи ноябр барф борид ва ҳаво хеле хунук шуд. Мутаассифона, Тимро лозим омад, ки ҷои дарстайёркунии худро, ки зери дарахти бед буд, тарк намояд. Акнун ӯ бояд ба ҷои дарстайёркунии дигар, хона одат мекард, ки барояш бениҳоят мушкил буд. Ягон бор, чун дар ин субҳ, диққати худро ҷамъ кардан барояш чунин мушкил наменамуд. Падари бемораш тамоми шаб сулфида баромад, модари бечорааш бошад, аз ин сабаб бештар сахтгир ва бетоқат шуда буд.

Мария, гӯё қасдан аз чунин вазъиятҳо истифода мебурд, то ки ҳарчи бештар хирагӣ кунад. Ба ғайр аз ин, ошхона аз дуди ғафс пур шуда буд ва кас дар он ҷо дер ҳузур дошта наметавонист. Ана дар ҳамин шароит Тим бояд дарсҳояшро тайёр мекард. Тааҷҷубовар нест, ки ӯ аллакай бори панҷум кӯшиш

намуд, ки масъалаи математикаро ҳал намояд, лекин ногаҳон Мария бо овози фармонравоёна дод зад:

– Тим, ба ман тезтар ҳезум майда карда биёр! Ман ҳамаи корро худам танҳо карда наметавонам.

Ӯ бо дили нохоҳам аз ҷояш хеста, бо андак ғазаб ба кор шурӯъ намуд. “Ман беҳуда кӯшиш карда истодаам, – ҳангоми бо табар чӯбро майда карданаш фикр намуд ӯ, – ман ин масъаларо ҳал карда наметавонам. Ман ҳеҷ чиро намедонам ва ҳеҷ гоҳ фаҳмида наметавонам. Ман бо ҳар роҳ кӯшиш намудам, ки ин масъаларо ҳал намоям, аммо тамоман ба он сарфаҳм намеравам. Боз як бори дигар кӯшиш менамоям, лекин бори охирин”.

Вақте ки Тим корашро тамом кард, боз бо китоб ва дафтараш назди тиреза нишаст.

Ҳалли масъала ҳоло ҳам барояш нофаҳмо буд, ва то вақти оғози дарсҳо низ вақт кам монда буд. Ногаҳон, ӯ ба ёд овард, ки вақте падараш саломат буд ва бо касби худ машғул мешуд, Тим медид, ки чи тавр вай рақамҳоро қатор карда



менавишт. Кӣ медонад, шояд вай ӯро аз ин мушкилӣ халос карда метавонад? Тим ҳамон лаҳза аз ҷояш хеста, ба ҳуҷраи падараш рафт.

– Падар, – гуфт ӯ оҳиста, – оё шумо ба ман ҳалли ин масъаларо фаҳмонда метавонед?

Бемор дар ҷогаҳаш базӯр тоб хӯрд, лекин ба писараш бо хушнудӣ нигоҳ кард. Ба ёд овардани он замонҳои хуш, ки тамоми ташвишҳояш танҳо бо масъалаҳои арифметикӣ маҳдуд буданд, ба ӯ маъқул буд.

Падар бо якчанд суханон ба Тим роҳи ҳалли масъалаи барояш мушкилро фаҳмонд, ва ӯ бо хурсандӣ ба сари дафтару китобҳояш баргашт. Баъд аз якчанд дақиқа Тим бо хурсандӣ нидо кард, чунки масъаларо дуруст ҳал намуд!

Дар синф муаллим аввал талабаеро аз гурӯҳи Тим даъват намуд, лекин маълум шуд, ки вай масъаларо ҳал карда наметавонад, дигар талабаҳо низ инчунин. Муаллим хост масъаларо иваз намуда, дигарашро супориш диҳад, вале ногаҳон чеҳраи Тим ӯро ба ҳайрат гузошт, ва ӯ фаҳмид, ки вай навбати худро интизор

аст.

– Шумо чӣ, Эдуард, оё ин масъаларо ҳал карда метавонед?

– Бале, метавонам.

Ва ӯ бо қадамҳои устувор назди тахтаи синф баромад. Нигоҳи ҳамаи талабагон сӯи ӯ равона шуданд, ва Тим тантананок ҳалли масъаларо навишт. Аз чунин корнамоии худ ӯ ҳатто худаш ба ҳайрат омада буд. Дар ин ҳангом овози муаллим назди гӯшаш садо дод:

– Хуб, бисёр хуб! Ман дида истодаам, ки шумо хоҳиши ҷиддии дарс омӯхтанро доред, ва дар давоми чанд ҳафтаи охир муваффақиятҳои калон ба даст овардед. Ман шуморо ба гурӯҳи сеюм мегузаронам, ки аз пагоҳ сар карда зарбу тақсимро меомӯзанд. – Сипас ба дигар талабагон, ки дарсро намедонистанд, рӯ оварда гуфт: – Шумо бошад, омӯзишро боз аз сари аввал оғоз мекунед, чунки доимо тасдиқ менамоед, ки умуман ҳеҷ чизро намедонед!

Тим аз ин суханон ба ҳайрат омад. Вай ягон бор дар бораи чунин болоравӣ орзу ҳам намекард. “Ҳа, вазъият хеле тағйир ёфт!” – гуфт ӯ худ ба худ.



Маллим гумон намекард, ки якчанд суханони ҳавасмандкунандаи ӯ барбод намераванд, балки барои оғози давраи нави зиндагӣ ба Тим ҳамчун асос хизмат мекунанд. Ҳақиқатан, маҳз дар ҳамин рӯз Тим қарор кард, ки кӯшиш менамояд бо тамоми қувва хонад, то шахси босавод ва донишманд гардад.

# БОБИ 12
## “Сарватдор ва камбағал бо ҳамдигар вомехӯранд; ҳар дуяшонро Худованд офаридааст” Масалҳо 22:2

То занги танаффус якчанд дақиқа монда буд. Талабагони беҳтарини гурӯҳи калонсолон, ки акнун Тим ҳам ба онҳо тааллуқ дошт, назди камин* нишаста сӯҳбати дӯстона мекарданд. Аз афташ, ҳанӯз онҳо Тимро ҳамчун худӣ эътироф намекарданд, бинобар ин ӯ танҳо, бо намуди зиқ дар синфхона ин тараф он тараф мегашт. Рафиқони пештараи ӯ, Боб ва дигарон, ӯро дилгиркунанда ҳисобида, аз ӯ дур шуда буданд. Рафиқони наваш бошанд, ӯро ҳанӯз қабул намекарданд, аз ҳамин сабаб ӯ худро танҳо ҳис мекард, ва табъаш хеле хира буд.

– Гӯш кун, Тим, ин ин ҷо биё! – ногоҳ аз дигарон дур шуда, ҷеғ зад ӯро Том

* Камин – оташдони деворие ки хонаро гарм мекард.



Миллер.

– Ба ту чӣ даркор? – бо дили нохоҳам пурсид Тим. Муносибати ӯ нисбати ин бачаҳои хушлибос, ки худро аз ӯ дур мегирифтанд, на он қадар дӯстона буд.

– Ин бегоҳ ба хонаи мо биё. Ман рӯзи таваллуд дорам, ва якчанд рафиқони дигарамро низ даъват намудаам.

Дар рӯи Тим ҳайрат аён шуд.

– Аз куҷо ба сарат чунин фикр омад? Ман ба ту чӣ даркорам?

– Ман фикр намудам, ки ту аз ин хурсанд мешавӣ. Мо мехоҳем хурсандӣ кунем, охир, ту бачаи шӯхи машҳур ҳастӣ-ку.

Аз чунин суханон дар пешонии Тим чин ҷамъ шуд. Дар дили ӯ ғурури захмёфта ва кунҷковӣ мубориза мебурданд. Вай хеле мехост дар чунин базм иштирок намояд, вале бо алам ҷавоб дод:

– Ту то имрӯз дар рӯзҳои таваллудат бе ман ҳам илоҷатро меёфтӣ.

– Хайр, агар нахоҳӣ, набиё. Ҳеҷ кас туро маҷбур намекунад, – мағрурона ҷавоб гуфт Том ва дарҳол тоб хӯрд.

Ҳамин лаҳза муаллим дасташро ба

китфи Том гузошта, нонамоён ба дигарон ба гӯшаш оҳистаякак гуфт:

– Рафтори некро бо сухани бад вайрон накун. Фаҳмо аст, ки даъвати ту Эдуардро ба ҳайрат гузоштааст, лекин ту кӯшиш намо ӯро розӣ кунонӣ.

Ҳангоми танаффуси навбатӣ Том боз назди Тим омад.

– Тим, ба ҳар ҳол имрӯз бегоҳӣ ба хона биё! Ту бисёр бозиҳоро медонӣ ва хурсандӣ карда метавонӣ. Ба ман ваъда деҳ, ки ту мебиёӣ. Ҳама бачаҳо омаданатро мехоҳанд. Ту розӣ ҳастӣ?

Том дасташро ба ӯ дароз кард ва ин дафъа Тим шубҳа накарда дасти вайро фишурд.

– Хуб майлаш, ман мебиёям, лекин дар байни ҳамаи шумоён ман ба ҷандапӯш монанд мешавам.

Ташвишҳои Тим нав сар шуданд. Курткаи ӯ нисбат ба костюмҳои дигар бачаҳо то чӣ андоза намуди кӯҳна хоҳад дошт! Ва барои чӣ Том фикр кард, ки ӯро маҳз ҳамин рӯз даъват намояд? Ин андешаҳо Тимро ҳангоми ба хона рафтанаш ором намегузоштанд.

Гап дар сари он аст, ки ҳамин саҳарӣ



падари Том Миллер баъд аз дуо барои хӯрок дар бораи он сухан мегуфт, ки пеши Худо ҳама одамон баробаранд, ҳам сарватмандон ва ҳам камбағалон. Ва байни онҳо на аз рӯи сарулибос ё мартаба фарқият вуҷуд дорад, балки танҳо аз рӯи рафтор ва кирдор. Сипас сӯҳбат ба базми имрӯза гузашт, ва Том қарор дод, ки яке аз ҳамсинфони камбағалтаринашро даъват менамояд.

Баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ хонум Леви аз пайи дуруст кардани ягона курткаи Тим шуд. Ӯ фикри худро дар бораи даъвати Том баён накард, вале ин ба вай маъқул шуд. Агар писарашро, ки пеш бо ӯ фақат бачаҳои бепарастор дӯстӣ мекарданд, ба яке аз оилаҳои обрӯманд даъват намуда бошанд, пас ин маънои онро дорад, ки ӯ эҳтироми онҳоро сазовор гаштааст. Вай чунин андеша карда, курткаро медӯхт. Ниҳоят, Мария, ки наздаш менишаст, хомӯширо қатъ намуда гуфт:

– Дар мактаб ҳама бачаҳо куртаҳои сафед мепӯшанд.

– Баъд чӣ шудаст? Оё онҳо куртаҳои сафед мепӯшанд ё костюмҳои бахмалин,

ман ба ин кор надорам. Ман на инашро дорам ва на дигарашро, – дағалона ҷавоб дод модар.

Новобаста ба ин ҷавоби худ, хонум Леви̅ оид ба либоси камбағалонаи Тим бепарво набуд. Вай маҳз аз сабаби камбағал буданашон чунин ҷавоб гуфт, ва агар чунин намебуд, вай бо хурсанди̅ ба писараш костюми ҷилодор ва куртаи сап-сафед мепӯшонд, чи хеле ки Том Миллер дошт.

Дари хонаи бемор кушода буд, ва ӯ ҳама чизро мешунид. Баъд аз якчанд дақиқа, вакте ки шиддати сулфааш қатъ гардид, ӯ Марияро наздаш ҷеғ зад.

– Ҷойҳои кандагии курткаи Тимро дӯхтед? – пурсид ӯ.

– Ҳа.

– Оё намудаш хубтар шуд?

– Бале, каму беш, – гуфт Мария ва каме китфҳояшро дарҳам кашид.

– Ту мехоҳи̅, ки Тим куртаи сафед дошта бошад?

– Албатта, ин хеле хуб мебуд! Лекин онро аз куҷо пайдо карда метавонем?

Падар аз ҷогаҳаш каме хест.

– Пас, гӯш кун, Мария. Ман якчанд



курта дорам, ки онҳоро дигар намепӯшам. Аниқтараш, онҳо дигар ба ман даркор намешаванд. Онҳо дар сандуқи зери миз мебошанд. Онҳоро аз он ҷо барор, ва шояд ягонтоашро барои Тим майдатар карда, дӯхта тавони̅. Вақти охир вай хеле калон шудааст, бинобар ин фақат баъзе ҷойҳои куртаро андак майдатар кардан лозим меояд. Мехоҳи̅ як кӯшиш намои̅, духтарам? Баъд мо мебинем, ки Тим ба ин чи̅ мегӯяд.

Мария оҳиста назди сандуқ рафт. Вай тамоман одат накарда буд, ки барои бародараш чизеро кунад. Лекин имрӯз ранги рӯи падараш хеле паридаги̅ буд, ва вай чунон ғамгин гап мезад, ки Мария бе зиддият итоат намуд.

Вай куртаи топ-тоза ва крахмалкардашударо баровардa, ба ошхона рафт.

– Ту бо ин курта чи кор кардан мехоҳи̅? – дағалона пурсид аз вай модараш. Ин курта ба хотираш овард, ки чи̅ тавр ӯ бори охир онро барои шавҳараш шуста, дарзмол карда буд, ва чи̅ тавр пешаки̅ ҳис мекард, ки вай дигар онро намепӯшад.

– Падарам гуфтанд, ки Тим метавонад

онро пӯшад, – ҷавоб дод Мария.

– Бале, ман онро ба вай тӯҳфа намудам, – илова намуд бемор, – Тим бояд имрӯз намуди хуб дошта бошад.

Хонум Левӣ дар ҷавоб ҳеҷ чиз нагуфт, лекин дар ҳамин лаҳза умедаш аз шифо ёфтани шавҳараш канд.

Дере нагузашта Тим дар ошхона бо курткаи тоза, куртаи сафеди озода ва мӯйсари хуб шона кардашуда пайдо шуд. Чеҳраи ӯ аз хурсандӣ медурахшид, ва ӯро қариб шинохтан намешуд.

– Мария! – нидо кард ӯ. – Ин куртаи оличаноб аз куҷо пайдо шуд?

– Аз падарам. Ӯ гуфт, ки ту метавонӣ онро пӯшӣ.

– Онро ту майда карда дӯхтӣ?

Мария вонамуд кард, ки бо дегу табақ андармон аст: вай намехост, ки Тим табассуми айёронаи вайро бинад.

– Не, шояд вай худ аз худ чунин шуд, – ҷавоб дод ӯ.

– Ҳатто агар ин худ аз худ шуда бошад ҳам, ман барои ин аз сидқи дил миннатдорам!

Ва Тими хушбахт ҷаста ба кӯча баромад ва ба хонаи Миллерҳо равон шуд.



# БОБИ 13

## “Лекин ба шумо мегӯям, ки мардум барои ҳар сухани ботиле ки мегӯянд, дар рӯзи доварӣ ҷавоб хоҳанд дод”. Матто 12:36

Том Миллерро рафиқонаш хеле эҳтиром мекарданд, аз ҳамин сабаб онҳо ба ӯ пайравӣ намуда, Тимро дӯстона пешвоз гирифтанд. Худи Том бошад, ба ӯ аз сидқи дил муносибат мекард. Аз ин ҷиҳат вай ба падараш монанд буд: агар кореро кунад, аз таҳти дил мекард.

Бачаҳо хеле хурсанд буданд; онҳо барфбозӣ мекарданд, ба чанаҳо савор шуда меғелиданд, аз барф истеҳком месохтанд. Тим низ бо чолокӣ ва хушҳолии ба ӯ хос дар ҳама бозиҳо иштирок мекард.

Ниҳоят, офтоб ғуруб кард ва ҳаво хунук шуд. Том ба бачаҳо пешниҳод кард, ки ба хона дароянд, чунки дасту пойҳои ҳама аз хунукӣ карахт шуда буд. Ҳама сӯи хона равон шуданд, лекин

дар лаҳзаи охир Том ба хотир овард, ки чанаашро дар болои теппача фаромӯш кардааст, бинобар ин ба дигарон пешниҳод кард, ки бе вай рафтан гиранд, ӯ баъд онҳоро дарёб мекунад. Вақте онҳо ба хона наздик шуданд, Фред Ҳоуп, ки аз ҳама пеш буд, сӯи дари паҳлӯӣ равон шуд, вале Том аз ақиб фарёд зад:

– Аз он дар надароед, пешаш барфтӯдаи калон ҷамъ шудааст. Аз даромадгоҳи асосӣ дароед!

Бачаҳо итоат карданд ва пас аз якчанд дақиқа ҳамаашон назди шӯълаи хандони оташдон нишаста, дастҳои карахтшудаашонро гарм мекарданд.

– Чӣ гуна оташи аҷоиб! – нидо кард Билли Брей. – Ба назарам чунин менамояд, ки ман ба яхпора табдил ёфтаам.

– Агар ту аз дарича медаромадӣ, албатта ба ях мубаддал мегаштӣ, – ханда карда гуфт Фред. – Баландии барфтӯдаи назди он аз як метр зиёдтар аст. Вақте ман мехостам аз дарича дароям, ояти Китоби Муқаддас ба ёдам омад: “Аз дари танг дароед”. Ана чӣ маънӣ дорад дар амал истифода бурдани он чи дар



мактаби якшанбегӣ меомӯзӣ.

– Лекин дар ҳолати мо роҳи васеъ хеле хубтар буд, – гуфт Виллӣ.

– Ҳа, ту ояти Китоби Муқаддасро хуб аз ёд кардаӣ, – мазоҳ кард ӯро Том.

– Ту бошӣ, Том, хубтараш ҳафтаи гузашта мавъизаи падарамро дар бораи дари танг хубтар гӯш мекардӣ, – ҳазл карданро давом медод Фред.

Ҳангоми ин сӯҳбат Тим аз ҳаяҷон сурх шуда, дар канор хомӯш меистод. Ӯ дарси гузаштаи мактаби якшанбегиро хуб дар хотир дошт. Он рӯз ҷаноби Ҳоуп бо суханони тантананок шогирдонашро насиҳат намуд, ки ҳоло ки онҳо ҷавонанд, бояд аз дари танги Худо дароянд. Тим аз гапҳои беҳудаи рафиқонаш худро нороҳат ҳис мекард. Вақте хомӯшӣ фаро расид, вай чуқур нафас гирифта, бо қатъият гуфт:

– Ман мехоҳам чизеро гӯям.

– Ин тавр бошад, канӣ биёед як гӯш кунем! – бо истеҳзо ҷавоб дод Виллӣ, ки ба Тим ҳавобаландона муносибат менамуд, ва дар ҳар мавриди мувофиқ инро ба вай нишон медод.

Лекин Фред ба Тим нигоҳ карда,

дӯстона гуфт:

– Ту чӣ гуфтан хостӣ, Тим?

Тим бо чашмони калони сиёҳаш рост ба чашмони рафиқонаш нигоҳ карда гуфт:

– Ман танҳо фикр кардам, ки мо оид ба суханони Китоби Муқаддас набояд ҳазлу шӯхӣ кунем.

Фред сурх шуд.

– Ман ҳатто фикр надоштам, ки оид ба Китоби Муқаддас ҳазлу шӯхӣ намоям! Ин рост нест! Чӣ тавр ту тавонистӣ чунин гӯӣ?

– Охир, шумо навакак суханони Китоби Муқаддасро бо ҳазлу шӯхӣ ба забон меовардед, – ҷиддӣ гуфт Тим.

– Хайр, бас кунед! – рафиқашро тарафдорӣ карда гуфт Фред. – Аз ин фоҷиа насозед. Охир, ҳамаи ин ҷиддӣ набуд.

Лекин Виллӣ бо дастонаш масхараомез қарсак зада, ҳавобаландона гуфт:

– Чӣ, магар роҳбари ҷамоат Ҳоуп туро вазифадор кардааст, ки ба ҷои вай панду насиҳат диҳӣ? Вай ба ту чӣ қадар маош медиҳад? Канӣ, гап зан!

Тим аз ҳиссиёт пур шуд ва фикр



намуд, ки вай бояд аз ҷояш ҷаста ба онҳо ҳамла оварад. Оё пеш, вақте ӯро касе хашмгин менамуд, вай чунин амал намекард? Вале ҳоло ӯ ҳис мекард, ки набояд чунин кунад. Охир барои Китоби Муқаддас бо чунин воситаҳо мубориза бурдан мумкин нест. Вай муштҳояшро гиреҳ карда, лабонашро мегазид. Дар вуҷудаш Тими пештара мехост, ки ҳамла оварда, лату кӯб кунад. Лекин Тими нав суханони Китоби Муқаддас, суханони чароғашро ба ёд меовард, ки барояш тамоман чизи дигарро нишон медод.

Фред китфҳояшро дарҳам кашид ва писханд зада гуфт:

– Одамоне ҳастанд, ки худро поку муқаддас мешуморанд; рости гап, ман ба онҳо тааллуқ надорам. Аммо ба назарам чунин менамояд, ки ман ягон чизи баде нагуфтаам.

– Ба ман ҳам чунин метобад, – гуфт Виллӣ. – Лекин ту медонӣ-ку, Тим одами муқаддас шудааст. Вай тамоман ягон кори бад намекунад, ба ғайр аз он ки баъзан ҷанҷол мекунад ё дурӯғ мегӯяд!

Аммо Фред, ки адолатхоҳ буд, бо ин

суханон розӣ нашуд.

– Не, Виллӣ, ту худат мисли ман хуб медонӣ, ки Тим кайҳо боз ҳақорат накардааст ва сухани дурӯғ нагуфтааст.

Ҳамин лаҳза бачаҳоро ба хӯроки шом даъват намуданд, ва Тим аз ин хеле хурсанд шуд, чунки баҳси рафиқон ба ӯ маъқул набуд.

– Хайр, бачаҳо, биёед ба ошхона меравем. Умед дорам, ки шумо ҳам мисли ман гурусна мондаед!

Ва ӯ ҳамроҳи рафиқонаш ба ошхона шитофт. Тим ба манзараи дар пешаш кушодашуда бо чашмони калони ҳайратангез нигоҳ мекард. Ӯ ягон бор дар ҳаёташ чунин ошхонаи равшану кушодро бо чунин дарстархони фаровон надида буд.

Хонум Миллер бо ҳар як бача даст дода салом кард.

– Том, акнун ман шуморо танҳо мегузорам, то ки шумо худро осудатар ҳис кунед, – гуфт вай.

– Оҳ, не, модарҷон, илтимос, бо мо бимонед! Ҳамроҳи шумо хеле хубтар аст.

Вақте ки ӯ бо модараш гап мезад, чашмонаш медурахшиданд. Тим бо



ҳайрати ором онҳоро назора мекард. Ӯ аз ҳаёти худ ягон чизи ба ин монандро ба хотир оварда наметавонист. И чӣ гуна навозиши модарона буд, ки хонум Миллер нисбати писараш зоҳир мекард! Ва чӣ тавр ӯ сари вайро сила намуд! Бори аввал писар он чиро, ки дар кӯдакӣ аз он маҳрум буд, норавшан ҳис намуд.

Сипас ҳама гирди дастархони паҳншудаи фаровон нишастанд. Нофаҳмии байни бачаҳо кайҳо фаромӯш шуда буд. Баъд аз хӯроки шом бозиҳои шавқовар, ханда ва ҳазлу шӯхиҳо давом ёфтанд.

Вале ногаҳон ҳама хомӯш шуданд. Ба ҳуҷра падари Том даромад. Ӯ табассум карда, назди бачаҳо омад.

– Ин мӯъҷиза аст, ки аз чунин ғалоғула деворҳои хона фурӯ нағалтиданд. Шумо нав аз барои чӣ хандидед?

– Падарҷон, Фред ба мо воқеаи хандаоварро нақл кард. Давом деҳ, Фред, бигзор падарам ҳам шунаванд.

Том хандакунон ба падараш наздик шуд.

– Ӯ ба мо нақл кард, ки Ҷон Берен дар бораи падараш чӣ гуфта буд. Ту инро ба худ ҳатто тасаввур карда наметавонӣ,

ман ягон бор чизи ба ин монандро нашунида будам: ӯ ҳар як сухани вайро тоб медиҳад; Ҷон ҳар он чизеро, ки падараш гӯяд, мазоҳ мекунад.

Ногаҳон рӯи ҷаноби Миллер намуди ҷиддӣ гирифт.

– Рости гап, писарам, ман ҳеҷ гоҳ фикр намекардам, ки ин ба ту маъқул мешавад.

Том ба падараш бо тарс нигарист.

– Падарҷон, лекин ман шуморо намефаҳмам. Охир, ман ягон бор дар ҳаётам дар бораи шумо чунин гапҳо нагуфтаам!

– То ҳол нагуфтаи, аммо агар ту, ё Виллӣ, ё Фред инро кунед, ман ҳайрон намешавам.

– Ман ҳеҷ гоҳ чунин намекунам, – бо фахр гуфт Фред. – Ман қадри падарамро хеле эҳтиром мекунам, ва чунин суханҳоро нисбати ӯ ношоиста меҳисобам.

Ҷаноби Миллер дасташро болои китфи ӯ гузошта, бо нигоҳи санҷишкунанда ба вай назар кард.

– Ҳамин тавр? Лекин ман фикр мекардам, ки ту аввалин шуда ин корро



мекунӣ!

Чунин шубҳа барои Фред тоқатнопазир буд. Ӯ аз ҳаяҷон ларзид ва бо забони гирифта базӯр гуфт:

– Илтимос, фикратонро фаҳмонед!

Ҷаноби Миллер бачаҳоро бо навбат аз назар гузаронд.

– Майлаш, ман мефаҳмонам. Гап дар он аст, ки ман пеш аз хӯроки шом дар ҳуҷраи ҳамсоя будам ва беихтиёр баҳси шуморо шунидам. Ва фикр кардам, ки агар барои шумоён дар хусуси Китоби Муқаддас ҳазлу шӯхӣ кардан ягон аҳамият надошта бошад, пас дар хусуси падару модаронатон ҳазл кардан аз ин ҳам бештар аҳамият нахоҳад дошт.

Дар ҳуҷра хомӯшии том фаро расид. Рӯи Фред суп-сурх шуд. Ҷаноби Миллер оҳиста давом дод:

– Ба фикрам, шумо ҳама маро фаҳмидед. Сухани Худо муқаддас аст. Ва бигзор ин бароятон дарси ибрат шавад.

Вақте ки бачаҳо хайрухуш мекарданд соат нӯҳ шуда буд. Тим якум шуда баромад. Осмон дар ин шаб соф ва пур аз ситора буд. Имрӯз вай бисёр чизҳои

зеборо дид, ва хурсандӣ менамуд, ки ба чароғи худ хиёнат накард. Акнун ҳама медонанд, ки ӯ ба Кӣ хизмат мекунад, ва низ онро, ки вай ҳаёти навро сар кардааст. Фаҳмиши ин дили ӯро аз шодӣ пур менамуд.



# БОБИ 14

## “Ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, – ва ба шумо ато хоҳад шуд” Марқӯс 11:24

Оё Тим дар бораи Мария фаромӯш кард? Албатта не. Эҳтимол, ӯ барои ягон кас бо чунин ҷидду ҷаҳд дуо накарда буд, вале ба назараш чунин менамуд, ки то ҳол дуоҳояш бефоидаанд. Дар яке аз рӯзҳои якшанбе ҷаноби Ҳоуп дар бораи дуоҳо ва ҷавоби Худо ба онҳо гап зад, лекин дар нигоҳи Тим чизе аён мекард, ки ӯ пурра қаноатманд нест. Ҳангоми аз мактаб баромадан вай назди роҳбар омад.

– Ҷаноби Ҳоуп, оё ман метавонам аз шумо чизеро пурсам?

Ҷаноби Ҳоуп нишаст ва меҳрубонона гуфт:

– Ҳар чизеро, ки мехоҳӣ, пурс.

– Ман мехостам донам, ки барои чӣ Худо дарҳол ба дуо ҷавоб намедиҳад?

– Ту ба ман саволи мушкил доди, Эдуард, – табассум намуда ҷавоб дод роҳбар, – ва агарчи вақтамон барои ҳалли ин масъала кам бошад ҳам, мо кӯшиш мекунем онро ҳал намоем. Баъзан Худо дарҳол ба дуоямон ҷавоб намедиҳад, то ки имони моро санҷад. Ӯ дидан мехоҳад, ки оё мо дар ҳақиқат ба ваъдаҳои Ӯ бовар мекунем, ва то вақти ҷавоб гирифтан дуо карданро давом медиҳем, ё монда шуда илтимос карданро бас мекунем. Баъзан Худо ба мо барои он ҷавоб намедиҳад, ки мо танҳо бо дуо кардан қаноат намуда, худамон ҳеҷ кор намекунем. Баъзан барои он ки мо умед надорем, ки Ӯ моро мешунавад. Ту фаҳмидӣ?

– Не, ба ҳар ҳол ман намефаҳмам, – ҷавоб дод Тим.

– Пас, ман кӯшиш менамоям ба ту аниқтар фаҳмонам. Ту барои кӣ дуо гуфта, ҷавоб нагирифтаӣ?

– Барои хоҳарам Мария. Ман аллакай дер боз барояш дуо карда истодаам, ва хеле мехоҳам, ки ӯ Исоро дӯст дорад, аммо ба назарам чунин менамояд, ки ҳамаи дуоҳоям беҳудаанд.



– Шояд, Худо мехоҳад сабру тоқати туро санҷад? Лекин ба фикрам, ин танҳо ягона сабаб нест. Шояд сабаби дигаре низ ҳаст. Ту мегӯӣ, ки барояш дуо мекунӣ, лекин оё баробари ин амал ҳам мекунӣ? Ту бо Мария сӯҳбат намудаӣ? Ӯ медонад, ки ту барояш дуо мекунӣ? Оё ту ба ӯ фаҳмондӣ, ки вай бояд назди Исо биёяд, ва чӣ тавр инро бояд кунад?

Ранги рӯи Тим дигаргун шуд.

– Ман як бор кӯшиш намудам бо ӯ сӯҳбат намоям, лекин бе натиҷа. Пас аз он ман дигар ҷуръат накардам.

– Дар Китоби Муқаддас дар бораи баъзе одамон гуфта мешавад, ки ба наздиконашон мегӯянд: “Ба саломатӣ рафта, гарм ва сер шавед”. Онҳо танҳо бо ин суханон қаноат намуда, дигар барои онҳо ҳеҷ чиз намекунанд. Ту ин ҷои Китобро хондаӣ?

Тим ба аломати инкор сар ҷунбонд. Ҷаноби Ҳоуп Китоби Муқаддаси хурди ӯро гирифта гуфт:

– Ман ба ту ин ҷои Китоби Муқаддасро нишон медиҳам, онро дар хона хон. Шояд баъд ту мефаҳмӣ, ки барои Мария дуо кардан, лекин ҳеҷ чизро ба ӯ

нафаҳмондан, то андозае мисли чунин одамон рафтор кардани туст. Сонӣ, шояд номуваффақ гаштани ту дар ин масъала ягон сабаби дигаре низ дорад. Оё ту ҳақиқатан мехоҳӣ, ки хоҳиши дуоят амалӣ гардад? Ту ҳар рӯз мегӯӣ, ки "Худоё, Марияро баракат деҳ, ӯро фарзанди Худ гардон", вале агар ӯ рӯзе ба ту гӯяд, ки "Ман мехоҳам фарзанди Худо шавам", ту ба ҳар ҳол ҳайрон мешавӣ, ҳамин тавр не?

– Ҳа, ин рост аст, – самимӣ ҷавоб дод Тим.

– Ҷаноби Ҳоуп аз ҷояш хест, ва илова намуд:

– Ба фикрам, агар ту аз ҳамин рӯз сар карда, барояш дуо кунӣ ва ҳамзамон бо ӯ кор намоӣ, ва аз Худо хоҳиш карда истӣ, ки дар бовариат ба ту кӯмак намояд, чизи хоҳишкардаатро ба зудӣ пайдо мекунӣ.

Хоҳиши аз ҳама калони Тим он буд, ки Мария дар зиндагиаш мисли ӯ хушбахт гардад. Ӯ тасаввур мекард, ки дар вуҷуди хоҳари доимо ғур-ғур мекардааш чӣ гуна дигаргунӣ ба амал меомад, агар Мария бовар мекард,



ки Исо ӯро дӯст медорад, ӯ фарзанди Худованд аст, ва ҳеҷ кас наметавонад ӯро аз дастони пурқуввати Вай кашида гирад. Боре вай пай бурд, ки чӣ тавр Мария оҳистаякак аз хона баромада, сӯи қабристон равон шуд. Тим зуд аз ҷояш хеста, аз паси вай рафт. Ӯ худаш намефаҳмид, ки барои чӣ ин корро мекунад, вале бо вуҷуди ин аз пайи ӯ равон шуд.

Мария Тимро надид. Вай тез-тез қадам монда, сӯи қабри додари хурдсолаш рафт, ки дар канори қабристон, зери дарахтони баланд воқеъ буд. Мария якчанд дақиқа бо сари хамида назди қабр истод. Баъд вай назди санги мазори додараш ба зону нишаст ва бо дастонаш рӯяшро пӯшид. Аз гиряи аламовараш бадани хурди ӯ меларзид. Тим аз пушти бутта мешунид, ки вай чӣ гуна ашки сӯзон мерезад.

Дили ӯ аз ҳамдардии бузург ба хоҳараш пур шуд. Кошки ӯ ба вай ёрӣ дода метавонист! Лекин барои чӣ вай чунин андӯҳгин аст? Ӯ тез аз паси бутта баромад, ва бо қадамҳои устувор наздаш омада, вайро ба оғӯш гирифт.

– Мария, барои чӣ ту ин хел гиря мекунӣ? Бо ту чӣ шуд?

Ӯ ягон бор хоҳарашро чунон ғамгину нотавон надида буд. Вай ба тарафи ӯ бо рӯи ғамгин нигоҳ кард.

– Барои чӣ ту аз паси ман омадӣ? Маро ба ҳолам гузор, ман мехоҳам танҳо бошам.

– Ман медонам, Мария. Вақте одам аз ягон чиз ғамгин аст, вай фақат танҳо будан мехоҳад. Лекин ин дуруст нест. Дар танҳогӣ зиндагӣ бештар ғамангез менамояд. Одам ҳама вақт бояд пеши ягон кас дарди дилашро холӣ кунад, баъд барояш осонтар мешавад. Ман мехоҳам ба ту ёрӣ диҳам, Мария.

Вай оҳиста хеста бо дастонаш ашкҳояшро тоза кард. Аз рангу рӯяш маълум буд, ки вай ҳоло ҳам хоҳиши бо бародараш сӯҳбат карданро надорад.

– Ман намедонам, ки ту аз ман чӣ мехоҳӣ. Ва умуман, барои чӣ ту аз пасам омадӣ?

Вай нобоварона ба бародараш нигоҳ кард. Ӯ мушткӯбӣ ва озордиҳиҳои пештараи вайро хуб дар хотир дошт, бинобар ин муносибати ҳозираи ӯро



сарфаҳм рафта наметавонист.

– Медонӣ, Мария, ба қарибӣ дар мактаби якшанбегӣ ҷаноби Ҳоуп ба мо гуфта буд, ки бародарон ва хоҳарон бояд бо ҳам дӯстӣ кунанд ва дар ҳама чиз ба якдигар ёрӣ диҳанд. Ва агар бо ягон кас нохушӣ рӯй диҳад, бояд кӯшиш намоянд, ки вайро дилбардорӣ кунанд. Ман дер боз пай бурдам, ки ту ким-чӣ хел зиқ менамоӣ. Ва ман медонам барои чӣ. Ту он ҳикояҳои хуберо, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудаанд, тамоман намедонӣ. Ту бояд мунтазам бо ман ба мактаби якшанбегӣ равӣ. Аз он вақте ки ман ба он ҷо меравам, зиндагиям бештар хурсандиовар шуд. Пеш ман доимо зиқ будам ва аз ин сабаб бекорхӯҷагӣ намуда, ҷанҷолҳои бемаъно мекардам. Ва вақте ки маро ҷазо медоданд, ман хафа мешудаму ғур-ғур мекардам. Ҳоло ҳама чиз дигар хел шудааст. Ва ман хеле мехоҳам, ки дар зиндагии ту низ чунин дигаргуниҳо руй диҳанд.

– Пас ман чӣ бояд кунам, Тим?

– Ту танҳо бояд аз Исои Масеҳ хоҳиш кунӣ, ки ба ту ёрӣ диҳад.

– Лекин ман намедонам, ки чӣ тавр

инро бояд кунам!

– Пас ту бояд бо ман Китоби Муқаддасро хонӣ ва ба мактаби якшанбегӣ равӣ. Дар он ҷо доимо роҳбари ҷамоат ба мо аз зиндагии Масеҳ ҳикояҳо нақл мекунад. Баъд ту дар бораи Ӯ хубтар мефаҳмӣ.

– Масеҳ ба мо чӣ кор карданро мефармояд?

– Ӯ ба мо мефармояд, ки одамони нек бошем ва доимо корҳои некро ба ҷо оварем.

Лекин дар ин вақт Мария хашмгин шуд.

– Ту инро танҳо барои он мегӯӣ, ки аниқ медонӣ, ки ман одами хуб шуда наметавонам. Ту пай намебарӣ, ки модарам аз саҳар то бегоҳ маро сарзаниш мекунад? Ман ҳеҷ гоҳ ба вай писанд омада наметавонам.

Қариб буд, ки Мария боз гиря кунад. Тим назди хоҳараш ночор истода намедонист, ки чӣ тавр ӯро дилбардорӣ кунад.

– Ту фақат намедонӣ, ки чӣ тавр Худо ба мо ёрӣ медиҳад. Охир, Ӯ доимо бо мо аст. Вақте ки мо чӣ кор карданамонро



намедонем, бояд аз Ӯ илтимос кунем, ва Ӯ ба мо ёрӣ медиҳад.

Мария аз ҳаяҷон дастонашро мефишурд.

– Ман мехоҳам, ман хеле мехоҳам назди Худо биёям, лекин чӣ тавр кардани инро намедонам!

Акнун Тим медонист, ки чӣ бояд кунад.

– Ин хеле осон аст, Мария. Ту танҳо бояд хоҳишатро ба Худо гуфта, аз Ӯ илтимос кунӣ. Вай ҳар як сухани туро мешунавад, лекин мехоҳад, ки ту худат ба Ӯ гап занӣ. Мехоҳӣ, ман туро танҳо мегузорам, ту бошӣ ба зону истода, ба Ӯ ҳама гапро гӯй. Баъд ту мебинӣ, ки Ӯ ба ту ёрӣ медиҳад.

Мария бечуръатона ба Тим нигоҳ кард.

– Аммо ман ягон бор дуо накарда будам. Ман намедонам, ки инро чӣ тавр мекунанд!

– Танҳо он чиро, ки ба ман гуфта будӣ, ба Ӯ гӯй. Акнун ман меравам, ва ба ту ҳеҷ кас халал намерасонад. Ман ҳам бори аввал дар ҳамин ҷо дуо карда будам.

Тим ба болои барф вазнин-вазнин

қадам ниҳода рафт, ва Мария танҳо монд. Пас, Тим ҳам бори аввал дар ин ҷо дуо кардааст. Вуҷуди ӯро ҳисси хеле аҷоиб фаро гирифт. Охир, ҳеҷ кас ба ӯ дастонро бо ҳам карда, ҳам саҳар ва ҳам бегоҳ дуо намуданро ёд надода буд. Бинобар ин, ҳамаи он чи Тим ба ӯ гуфт, барояш нав ва тарсовар менамуд. Ниҳоят, ӯ ба зону афтод, ва дастони хурди сабзинаранги худро ба болои барфе, ки гӯри додарашро пӯшида буд, монда, гуфт:

– Исои азиз, ман мехоҳам ончунон шавам, ки Тим гуфт. Ман мехоҳам туро дӯст дорам. Тим гуфт, ки Ту ҳамеша ба ҳама одамон ёрӣ медиҳӣ. Илтимос, ба ман ёрӣ деҳ!

Мария мехост ба гуфтаҳояш боз ягон чиз илова намояд, лекин намедонист чиро. Вай то дами хунук хӯрданаш назди санги мазори додараш хомӯш нишаст.

Бегоҳӣ, вақте ки Мария назди оташдон истода, шӯрбои дегро омехта мекард, Тим наздаш омада гуфт:

– Биё ба ту ёрдам кунам.

Мария ба ӯ кафлесро дода, наздаш хомӯш меистод. Вақте ӯ хам шуда ба



хӯрок намак илова менамуд, бо нигоҳи саволомези Тим вохӯрд.

– Тим, ба фикрам, Исо дуои маро шунид, – оҳиста гуфт ӯ.

## БОБИ 15
## “Пас, ҳар кӣ Маро дар назди мардум эътироф кунад, Ман низ ӯро дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, эътироф хоҳам кард” Матто 10:32

Рӯзи якшанбе фаро расид ва Тим, чун пештара, ба мактаби якшанбегӣ тайёрӣ медид. Лекин ӯ ба ҷои он ки бо хурсандӣ аз хона барояд, дудила шуда, назди остона истод. Ӯ андеша менамуд, ки оё Марияро ҳамроҳаш даъват намояд ё не? Охир ӯ дар хотир дошт, ки чӣ тавр хоҳараш бори якум дар он ҷо зиқ шуда буд. Мария шустани косаву табақҳоро ба охир расонда истода буд. Ниҳоят Тим ҷуръат карда, аз ӯ пурсид:

– Мария, шояд ту ҳамроҳи ман меравӣ?

– Тим, ман мехоҳам бо ту равам, лекин ба ғайр аз ҳамин курта ва сарпӯши кӯҳнаам дигар чизи пӯшиданӣ надорам.

– Аммо ҳеҷ гап не! Либоси ман ҳам



он қадар хуб нест, вале бо вуҷуди ин ман рафта истодаам. Тезтар тайёр шав!

Лекин Мария дудила буд.

– Оё модарам иҷозат медиҳанд?

– Иҷозат медиҳанд, ман он касро розӣ мекунонам!

Хонум Леви дар ҳуҷраи бемор буд. Тим дарро каме кушод ва сарашро даровaрда пурсид:

– Модар, мумкин аст, ки Мария ҳамроҳам ба мактаби якшанбегӣ равад? Вай аллакай ҳама кори хонаро кардааст.

Хонум Левӣ ҳайрон шуд.

– Лекин оё худи вай рафтан мехоҳад? Бори гузашта вай дар он ҷо хеле дилтанг шуда буд.

– Ҳеҷ гап не, имрӯз вай зиқ намешавад. Ба ӯ иҷозат диҳед.

Пас аз якчанд дақиқа онҳо якҷоя дар роҳ қадам мезаданд. Мария дар қаъри дилаш аз он дарсҳое ки бояд имрӯз шуда мегузаштанд, хурсанӣ мекард, лекин хомӯш андеша менамуд. Баъд ӯ бо андак забони гирифта пурсид:

– Тим оё бо ту чунин мешавад, ки ҳангоми табъи хира доштанат агар ба ягон кас суханони дағал нагӯӣ, аз ғазаб

нафасгир мешавӣ?

Тим каме андеша намуда гуфт:

– Ҳа, мешавад. Баъзан ман аз Боб Тёрнер чунон ба хашм меоям, ки мехоҳам бо майли том ӯро мушткӯбӣ кунам. Лекин чунин ҳолати ман дер давом намекунад.

– Лекин аз ман дер давом мекунад. Баъзе вақт чунин ҳолат дар ман аз худи саҳар сар мезанад. Ягон чизи беҳуда маро асабӣ мекунад ва баъд оҳиста-оҳиста, то дами худро гум карданам, бештар хашмгин менамояд. Наход, ки ман ҳамеша чунин мемонам?

– Албатта не. Ту бояд кӯшиш кунӣ, лекин аз ҳама муҳимаш аз Исои Масеҳ мадад пурсидан лозим аст. Вақте ки ман ба ҷои аҳмақӣ кардан ба мактаб рафтанро сар кардам, ин бароям медонӣ чӣ гуна мушкил буд? Баъзе вақт ман мехостам ягон шӯхӣ кунам, лекин аз он рӯзе ки ман аз Исои Масеҳ мадад пурсиданро сар кардам, ин мушкилиҳо ҳалли худро ёфтанд.

Дар охири машғулиятҳо роҳбари ҷамоат бо ҳар як кӯдак алоҳида хайрухуш менамуд.

– Салом, Эдуард, – бародару хоҳарро



дида гуфт ӯ. – Ин Мария, хоҳари хурдии ту аст? – Ва баъд ба Мария муроҷиат намуда, давом дод: – Аҳволат чӣ тавр, духтарам? Ту ба Худованд Исои Масеҳ рӯ овардаӣ?

– Ҳа, ҷаноби роҳбар, – бо овози паст ҷавоб дод Мария.

– Оё медонӣ, ки Худованд аз одамоне ки фарзандони Ӯ шудаанд, чӣ мехоҳад? Ӯ мехоҳад, ки мо ба Ӯ хизмат кунем. Мо бояд ба гирду атроф назар карда бинем, ки барои Ӯ чӣ кор карда метавонем. Ту аллакай медонӣ, ки аз чӣ бояд сар кунӣ?

– Не, ҷаноби роҳбар. Охир ман ҳеҷ кор карда наметавонам.

– Ту хато мекунӣ, Мария! Агар ту хуб нигоҳ кунӣ, албатта ягон чиро меёбӣ. Ва барои ёфтани ин дур рафтан даркор нест. Исо аз мо талаб мекунад, ки мо вазифаҳои хурди худро вафодорона ба ҷо оварем. Масалан, агар ту ошхонаатонро хуб рӯбучин кунӣ, ё кӯшиш намоӣ, ки хонаатонро дар тозагӣ нигоҳ дорӣ, ё ба падару модарат ёрдам кунӣ, пас бо худи ҳамин корҳо ба Ӯ хизмат менамоӣ. Вақте мо медонем, ки Ӯ хизматамонро мебинад ва аз мо хушнуд мегардад, оё

ин хурсандибахш нест? Ту фармудаи чорумро медони-ку?

– Не, – бо овози паст ҷавоб дод Мария.

– Пас аз Эдуард хоҳиш кун, ки аз Китоби Муқаддас бароят хонад: “Падари худ ва модари худро иззат намо”. Иззату ҳурмат кардани падару модар аз итоат кардан ба онҳо дида бештар аст. Ин маънои онро дорад, ки фарзандон бояд падару модарашонро ҳатто бо иҷрои корҳои майда-чуйда хушнуд намоянд.

Вақте ки бародару хоҳар хомӯш ба хона бармегаштанд, Мария савол дод:

– Оё аз Худо чизҳои заминиро хоҳиш кардан мумкин аст? Ту боре гуфта будӣ, ки доимо барои он дуо мекунӣ, ки падару модарамон назди Худо биёянд. Ман ҳам акнун чунин мекунам. Лекин медонӣ чӣ, Тим, ман аз Худо дигар чизро бисёртар хоҳиш кардан мехоҳам.

– Чиро?

– Як ҷуфт дастпӯшак, – бо забони гирифта ҷавоб дод ӯ.

Тим ташвишомез ба дастони аз хунукӣ кабудшудаи вай назар кард.

– Ҳа, агар ман ба ту дастпӯшак харида



метавонистам! Лекин ман пул надорам. Ман фикр мекунам, ки аз Худо ин чизро ҳам хоҳиш кардан мумкин аст. Охир дар дуои “Эй Падари мо” чунин суханон ҳастанд: “Ризқу рӯзии моро ҳар рӯз ба мо бидеҳ”. Ва боз, Исои Масеҳ ба тӯри Петрус бисёр моҳӣ фиристод, вақте вай ба Ӯ гуфт, ки тамоми шаб дар моҳигирӣ ягон чиз нақапид...

– Агар ин тавр бошад, пас ман аз Ӯ дастпӯшак хоҳиш манамоям. Дастонам аз хунукӣ шах шуданд. Тим, ба фикрат, Ӯ ба ман дастпӯшак тӯҳфа мекунад?

# БОБИ 16
## “Бубин, оташи хурде чӣ гуна ҷангали бузургро месӯзонад” Яъқуб 3:5

Дар ин сол зимистони қаҳратун омад. Хонум Левӣ намедонист, ки чӣ тавр ҳуҷраи шавҳари беморашро гарм нигоҳ дорад. Ангиштсанг қимат буд, барои аз ҷангал ҷамъ кардани ҳезум бошад вақташ намерасид.

Боре Тим дид, ки чӣ тавр модараш як дарзаи вазнини ҳезумро ба ҳавлӣ кашола карда даровард! Вай хеле хаста менамуд, ва аз дидани ҳолати вай Тимро виҷдонаш азоб дод, ва ӯ аз шарм суп-сурх шуд. Ӯ аз ҷояш ҷаста хест ва ба ҳавли баромад, ва ба модараш дар тахт кардани ҳезум дар ҳезумхона кӯмак намуд. Ҳангоми кӯмак расондан суханони роҳбари ҷамоат дар сараш давр мезаданд, ки дар бораи ӯҳдадориҳои хурд гуфта буд. Ва ӯ гуфт:

– Модарҷон, аз ҳамин рӯз ин корро ман мекунам. Ба ошхона ҳам ҳезумро ман мебиёрам.

Дар рӯи модараш бепарвоӣ дида



мешуд.

– Пеш ту ягон бор ба ман кӯмак нақарда будӣ, – ғамгинона гуфт вай.

Тим боз аз шарм нафастанг шуд. Ӯ дар вақтҳои холияш чӣ кор мекард? Оё ягон бор ба модараш дар меҳнати душвори вай мадад карда буд? Не, ӯ вақташро чӣ хеле ки пеш ояд, ҳамон тавр сарф мекард. Ва ҷои тааҷҷуб нест, ки модараш бо чунин дард ӯро таъна намуда, ба вай на он қадар бовар кард. Лекин ӯ бояд чӣ кор кунад? Ҳақиқатан ӯ вақтҳои охир зери таъсири чароғаш, ки ба бисёр чизҳо чашмонашро кушод, дигаргун шудааст. Аммо модараш? Охир вай ҳоло намедонад, ки дар вуҷуди писараш чӣ гуна дигаргунӣ ба амал омадааст. Вале ҳеҷ гап не. Ӯ оҳиста-оҳиста ба вай исбот мекунад, ки ӯ дар ҳақиқат дигаргун шудааст, ва он гоҳ, шояд, модараш ҳам ба ин нур рӯ меоварад.

Модар ба хона даромад. Тим бошад дар ҳавлӣ шохаҳои дарозро майда карда, дар ҳезумхона тахт менамуд.

Рӯзи дигар, баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ, Тим дар хона як арғамчини ғафсро ёфт: ӯ қарор дод, ки барои ҷамъ карда-

ни ҳезум меравад. Ҳангоме ки Мария рафта истодани бародарашро дид, аз вай пурсид, ки бо ресмон чӣ кор карданӣ аст.

– Ман мехоҳам дар ҷангал каме ҳезум ҷамъ кунам, – ҷавоб дод вай.

– Ту? Чунин фикр аз куҷо ба сарат омад? Агар ҳамсинфонат туро бинандчӣ? Мисол, Том ё Фред, ки худро нозпарвард вонамуд мекунанд.

– Муаллими мо мегӯяд, ки меҳнат обрӯи одамро паст намезанад, – ҷавоб дод Тим.

– Акнун туро ягон оилаи сарватманд ба хонаашон даъват намекунад, чуноне ки ба наздикӣ Миллерҳо карданд. Беҳтараш то шом каме сабр кун, баъд туро ягон кас намебинад, чунки ҳоло ҳама ҳамсинфонат дар болои яхи ҳавз бозӣ карда истодаанд.

Тим лаб фишурд. Мария то як андоза гапи ҳақро мегуфт. Бо вуҷуди ин вай ҷавоби қатъӣ дод:

– Не, рӯзона ҳезум ҷамъ кардан беҳтар аст. Охир, хонаи падарамонро гарм кардан лозим аст, аммо вақти модарамон ба ин намерасад: вай дар хонаи Мюллерҳо либос шуста истодааст.



– Хайр, бубахш, Тим. Дафъаи дигар ман ҳам ба ту ёрдам медиҳам, лекин имрӯз ҳаво хеле хунук аст. Медонӣ, Тим, ман мехоҳам мустақилона пул кор кунам, то ки дастпӯшак харам. Он гоҳ дастонам хунук намехӯрданд.

– Ман ҳам аз дастпӯшак ва гарданпеч даст намекашидам, хусусан дар чунин шамоли имрӯза.

Тим сар ҷунбонда, ба берун баромад. Роҳ то ҷангал дур набошад ҳам, ҳаво хеле хунук буд. Хушбахтона, барф дар ҷангал бисёр набуд, шамоли сахт бошад, дар чанд рӯзи охир бисёр шохаҳои калонро шикаста буд. Тим бо ғайрат аз пайи кор шуд. Гоҳ-гоҳ ӯ дам гирифта, дастони аз хунукӣ шахшудаашро дар зери бағалаш гарм мекард.

Ногоҳ ӯ ду бачаро дид, ки бо чана дар болои ҳавзи бо андак барф пӯшидашуда меғеҷиданд. Инҳо Фред ва Виллӣ буданд... Тим ҳамин вақт дар соҳил ҳезум ҷамъ мекард, ва онҳо ҳатман бояд ӯро медиданд. Ӯ ба онҳо пушташро гардонд, чунки ба ҳар ҳол худро каме ноқулай ҳис менамуд. Мария ҳақ буд. Беҳтар мебуд, агар вай то шом интизор

мешуд. Акнун онҳо аниқ ӯро масхара мекунанд. Виллӣ Тимро аллакай дид ва бо писханд сӯяш фарёд зад:

– Ҳой, Тим, аз кай боз ту мисли кампиракҳо ҳезум ҷамъ мекунӣ, ва боз дар байни зимистон! Ин чӣ, вазифаи нави ифтихории туст?

Фред ягон сухане ҳам нагуфт. Суханон ва тарзи гуфтори Виллӣ ба вай маъқул нашуд. Вай чунин вонамуд кард, ки гӯё Тимро надид, ва бо чанаи худ ғеҷида, оҳистаякак аз соҳил дур шуд.

Тим аз паси бачаҳои дуршудаистода нигоҳ мекард. Ҳар дуи онҳо телпакҳо ва курткаҳои ғафс доштанд. Умммм!.. Ӯ ба дастони шахшудааш пуф карда, бастани ҳезумро сар кард. "Ҳезум як дарзаи калон ва вазнин шуд..." Ӯ базӯр онро ба пушташ бардошт, ва хамида бурд.

Дар ҷангал тез торик шуд. Парандаҳо аллакай дар лонаҳояшон пинҳон мешуданд. Дар шаҳр садои занги бегоҳии зангӯлаҳо садо медод. Дарзаи ҳезум ба пушти Тим фишор меовард. Он аз он чи вай тасаввур мекард, вазнинтар буд. Ӯ мехост аҳли хонаводаашонро хурсанд намояд, лекин қобилияти худро аз



будаш зиёд баҳо дод. Ӯ зуд-зуд истода, дам мегирифт. "Ҳеҷ гап не, ман тоқат мекунам; аз тарафи дигар, ман хунукиро тамоман ҳис накарда истодаам". Тим фикран худро дар ҳуҷраи хунуки падараш, назди печка тасаввур мекард, ки дар дохилаш ҳезуми даргирифтаистода қасар-қусур мекунад. Ногоҳ ӯ аз тарафи роҳе ки сӯяш мебаромад, овозеро шунид.

– Ҳой бача! Аз ин ҷо то шаҳр ҳоло дур аст?

Тим истода, ин шахси ношиносро интизор шуд.

– Не, дур нест, ҷаноб. Агар торик намебуд, шумо бинои ҷамоатро медидед.

– Ман дида истодаам, ки дарзаи ҳезумат вазнин аст, вагарна аз ту хоҳиш мекардам, ки барои бурдани ҷомадонам ёрӣ диҳӣ. Ман аз стансия пиёда омада истодаам, чунки нафаҳмида як истгоҳ пештар фаромадам.

Тим даррав гуфт:

– Ман қариб ба хона расидам. Мо дар ҳамин кӯчаи охирин зиндагӣ мекунем. Ман фақат ҳезумро ба ҳавлӣ мепартоям, баъд омада ба шумо ёрӣ медиҳам, майлаш?

Пас аз якчанд муддат Тим аллакай ҳамроҳи ин шахси ношинос қадам гузошта, ҷомадони ӯро мебурд.

– Шумо пеши кӣ омадед, ҷаноб? – пурсид Тим.

– Шояд, ту ҷаноби Миллерро мешиносӣ? Карл Миллерро? Вай дар ин ҷо хонаи калоне дорад.

Тим аз хурсандӣ дурахшид.

– Албатта, ман ӯро хуб мешиносам. Ман бо писари ӯ Том дар як синф мехонам. То хонаи ӯ тақрибан даҳ дақиқа роҳ рафтан мондааст.

Шахси ношинос нафаси бароҳат кашид.

– Чӣ хел хуб, чунки ман аз бисёр роҳ гаштан қариб аз по ғалтам. Оё дар чунин сармо дастонат хунук намехӯранд?

Тим табассум кард:

– Пагоҳиҳо ман хунук мехӯрам, лекин баъд, вақте ҳаракат мекунам, гарм мешавам. Масалан, ҳоло ман хунук нахӯрда истодаам, фақат дастонам хунук хӯрдаанд.

Шахси ношинос андешакунон ба Тим, ба курткаи тунуку кӯҳнаи вай нигоҳ кард. Бача ба ӯ маъқул шуд.



Вақте онҳо назди хонаи ҷаноби Миллер расиданд, Тим ҷомадонро ба зинаи аввали зинапоя, ки аз барф тоза карда шуда буд гузошта, нафаси сабук кашид. Шахси ношинос ҳамёнашро баровард ва аз он як сӯмро гирифта ба дасти хунуки Тим гузошт. Тим сурх шуд.

– Лекин ман барои бурдани ҷомадонатон ҳамту, бе пул ёрӣ расондам. Рости гап. Ва ман фикр ҳам накардам, ки шумо барои ин ба ман пул медиҳед.

– Аммо ман фикр мекунам, ки пул ба ҳар ҳол ба ту даркор мешавад, – нармдилона гуфт шахси ношинос.

Тим хурсандона нидо кард:

– Ҳатто хеле даркор мешавад!

– Ту ба он чӣ харидан мехоҳӣ?

Тим дуру дароз андеша накарда ҷавоб дод:

– Ман мехоҳам пул ҷамъ карда, ба хоҳарам дастпӯшак харам.

Шахси ношинос тугмачаи занги дари хонаро зер кард. Тим бо вай хайрухуш намуд, ва тоб хӯрда, бо сарваташ сӯи хона шитофт. Лекин пеши витринаи*

* Витрина – ҷое дар мағоза, ки дар он молҳои фурӯхтамешударо намоиш медиҳанд.

равшани мағоза ӯ лаҳзае истод. Дар он ҷо гарданпеч, болопӯш ва бисёр дастпӯшакҳо гузошта шуда буданд. Тим қарор кард, ки пул ҷамъ мекунад, то барои Мария чунин дастпӯшак харад. Шахси ношинос ба ӯ як сӯм дод, ки барои хизмати кардаи ӯ ин хеле бисёр буд. Аммо бо вуҷуди ин, ӯро лозим буд, ки боз пул кор кунад, то ки орзуи Мария амалӣ гардад.

Тим нигоҳашро аз витрина бардошта, роҳашро давом дод. Ҳангоми роҳ рафтан ӯ андеша мекард, ки боз чӣ кори фоидаовар карда метавонад. Ногаҳон ӯ бо пояш як чизи сахтеро зер кард. Вақте вай хам шуда, онро бардошт, маълум шуд, ки ин папкаи сиёҳи чармин аст. Тим тарсид. Ба назараш чунин намуд, ки ӯ ин папкаро дар дасти он шахси ношинос дида буд. Эҳтимол вай онро дар роҳ ғалтонда аз ин пай набурд. Ҳамин ки Тим ба қафо, сӯи хонаи ҷаноби Миллер равон шуд, то папкаро ба соҳибаш диҳад, соати калони бинои калисо ҳафт бор бонги садо зад. Вақт аллакай дер шуда буд! Не, ӯ бояд аввал ба хона равад. Соати ҳафт дар хонаашон



хӯроки шом мехӯрданд, ва агар ӯ то он вақт рафта нарасад, падараш албатта ба ташвиш меафтад. Папкаро бошад ӯ дарҳол баъд аз хӯроки шом мебарад. Чӣ хел хуб шуд, ки ӯ папкаро ёфт, зеро соҳиби онро танҳо ӯ медонист-ку.

Тим давида ба хона омад. Дар сари дастархон ӯ дар бораи воқеае ки бо вай рӯй дод, нақл кард. Мария аз ӯ чашм намеканд.

– Папка куҷо шуд? Биё онро кушода мебинем, ки дар дарунаш чӣ ҳаст? – пешниҳод намуд ӯ.

Лекин Тим ба аломати инкор сар ҷунбонд.

– Не, ман ҳозир онро бурда ба соҳибаш бармегардонам.

Аммо пас аз хӯроки шом сулфаи падараш шиддат ёфт. Модараш ҳаросон ба ошхона давида даромад:

– Ягон кас аз шумо бояд дарҳол ба дорухона равад, чунки доруҳои падаратон тамом шуд. Тим, илтимос, зудтар!

Тим дудила ба хоҳараш нигоҳ карда гуфт:

– Оё намешавад, ки Мария равад? Охир, ман бояд папкаро бурда

ба соҳибаш диҳам! Эҳтимол он шахс аллакай онро кофта истодааст.

Мария ба тиреза нигоҳ мекард.

– Брр, чӣ хел торик шудааст! Ва боз барфи сахт борида истодааст... Ман метарсам.

Модар нигоҳашро аз яке ба дигаре гузаронд ва оҳ кашида гуфт:

– Ман ҳам ҳоло рафта наметавонам. Агар баногоҳ бемории падаратон шиддат ёбад, ман бояд дар наздаш бошам.

Тим модарашро фаҳмид, ва ба аломати ризо сар ҷунбонд.

– Афсӯс, ки дорухона тамоман дар тарафи дигар аст. Шояд, ман ҳар ду корро карда метавонам? Майлаш, ман барои дору давида меравам.

– Ба доруфурӯш гӯй, ки ман пули доруро пагоҳ медиҳам, чунки ҳоло ягон тин надорам.

Дар овози модар садои гиря шунида шуд.

– Зиқ нашавед, модар, ман пулашро медиҳам. Ман имрӯз пул кор кардам, – гуфт Тим.

Вақте ки Тим зуд давида аз дар баромад, аз пас садои сулфаи нафасгири



падараш шунида шуд.

Бо вуҷуди он ки вақт аллакай дер шуда буд, дар дорухона одам бисёр буд, ва Тимро лозим омад, ки интизор шавад. Ниҳоят, вақте ки ӯ доруро гирифта ба доруфурӯш пул дароз кард, вай сар ҷунбонд:

– Не, писарам, ин пулат кам аст. Нархи дору ду баробар зиёдтар аст. Модарат ба ту кам пул дод, ё ин ки ту нисфи дигарашро дар роҳ сарф намудӣ?

Тим ҷиддӣ ба аломати инкор сар ҷунбонд. Ӯ мехост гиря кунад.

– Мумкин аст, ки ман пули боқимондаро пагоҳ биёрам? Илтимос! Ба падарам ин дору зуд лозим аст.

Вақте ки Тим, ниҳоят, ба хона омад, вақт аллакай дер шуда буд. Модараш аз чунин дер омадани вай норизо буд. Ӯ фикр кард, ки Тим дар кӯча беҳудагардӣ кард.

Тим ба соат нигоҳ кард. Барои папкаро ба хонаи Миллерҳо бурдан вақт аллакай дер шуд, чунки айни ҳол вақти хоб рафтан расида буд. Инчунин Тим ҳоло дарсҳояшро тайёр накарда буд. Ӯ қарор дод, ки пагоҳ, пеш аз ба мактаб

рафтан онро мебарад, ва хастаҳолона ба хоначаи худ рафт.

Вақте ӯ ба хоначааш даромад, дар он ҷо Марияро дида, аз ҳайрат фарёд зад. Вай зери равшании шамъ, бо чашмони кунҷковонааш чизҳои дар папка бударо аз назар мегузаронд. Ҳангоме ки вай даромадани бародарашро дид, бо хурсандӣ нидо кард:

– Хуб шуд, ки ту омадӣ, Тим! Ман навакак чизҳои дар дохили папка бударо баровардам. Нигоҳ кун, чӣ хел коғазҳои аҷоиб, ва дар ин кисачаи он пул низ ҳаст. Акнун ин пулҳо аз они туянд. Азбаски ту папкаро ёфтӣ, пас он аз они туст. Мо то чӣ андоза зиёд ба пул эҳтиёҷ дорем!

Леким Тим сар ҷунбонд.

– Не. Он чизеро, ки одам ёфт, бояд ба соҳибаш баргардонад.

– Барои чӣ? Ман бо ин розӣ нестам. Ҳар он чизе ки одам меёбад, аз они ӯ мешавад.

Тим хандид.

– Фикри ту аҳамият надорад! Ҳама чизҳоро зуд ҷамъ карда ба ҷояш мон. Ман пагоҳ саҳар папкаро ба хонаи Миллерҳо мебарам. Имрӯз аллакай



дер шуд. Рафта хоб рав, ман бояд боз дарсҳоямро тайёр кунам.

Мария бо дили нохоҳам итоат намуд. Тим садои тангаҳоеро ки ба кисачаи алоҳида гузошта мешуданд, мешунид. Чи хел онҳо бисёранд!

– Чӣ хел зӯр мебуд, агар онҳо аз они мо мебуданд, – гуфт Тим ба хоҳараш.

– Рост аст-ку? Ман ба ту дарҳол гуфтам. Он шахси ношинос чунон даҳаняла будааст, ки папкаро гум кард. Пули вай ин қадар бисёр аст, ва агар ту камтарашро гирӣ, вай ҳатто пай намебарад.

Мария андешакунон сарашро ба як тараф хам кард:

– Инчунин папка ёфтани туро ҳеҷ кас надидааст-ку.

– Не, Мария! Як Кас аниқ инро дидааст, ва ту Ӯро медонӣ. Ва агар мо папкаро барнагардонем, ин дуздӣ мешавад!

– Ту дар ҳақиқат фикр мекунӣ, ки Худо ҳама чизро мебинад? Ман намегӯям, ки папкаро барнагардон, лекин, шояд, ду-се тангаашро мегирӣ? Охир, доруҳои падарамон ин қадар

қиматанд, ва ман ҳам орзу дорам, ки дастпӯшак дошта бошам. Як бор ба дастонам нигоҳ кун.

Ва ӯ дастҳои хурд, борик ва кафидаашро ба Тим дароз кард. Лекин вай бо қатъият папкаро гирифт, ва онро пӯшида, ба болои ҷевонаш гузошт.

– Не, Мария, ин беақлӣ аст. Нағзаш рафта хоб рав. Модарам, эҳтимол, туро пазмон шудааст.

Мария бо дили нохоҳам рафт. Тим китобҳои дарсиашро болои мизи хурди шалақ ниҳод, баъд шамъро ба худаш наздиктар гузошт ва ба тайёр кардани дарсҳояш шурӯъ намуд. Лекин имшаб ба вай ҳушу хаёли худро ҷамъ кардан мушкил буд. Фикрҳои ӯ гаштаву баргашта ба папкаи сиёҳи болои ҷевон равона мегардиданд. Вай ягон бор ин қадар пул надида буд, ва хеле мехост онҳоро ҳисоб кунад.

Тим бо дастонаш гӯшҳояшро маҳкам карда, болои китоб хам шуд. Ӯ худаш намедонист, ки барои чӣ ин корро мекунад – охир дар хона оромӣ ва хомӯшӣ буд. Танҳо садои ғувваси шамол аз берун ба гӯш мерасид ва шишаҳои



тиреза ҷарангос мезаданд.

Тим хунук хӯрд, чунки болохонаашон на печкаи деворӣ дошт, на плита. Илова ба ин, ӯ хеле монда шуда буд, ва аз ин сабаб бо диққат мулоҳиза карда наметавонист. Лекин, ниҳоят, вай дарсҳояшро тайёр кард. Ӯ тез либосҳояшро кашида, зери болопӯши ҷогаҳаш даромад. Моҳ тамоми хоначаашро равшан мекард, ва нури он рост ба ҷогаҳаш мерасид.

Тим чашмонашро пӯшида, кӯшиш намуд хоб равад, лекин хобаш намебурд. Баъзан вай ба папкае ки дар болои ҷевон буд, нигоҳ мекард. Дар вуҷуди ӯ ду овоз мубориза мебурданд. Яке аз ин овозҳо мегуфт: “Тим, ту беақл будаӣ. Чаро ту худатро чунин вонамуд мекунӣ? Мария гапи дуруст гуфт: ҳеҷ кас папка ёфтани туро надидааст. Ва агар ту онро барнагардонӣ, ё ин ки каме пулашро гирӣ ҳеҷ кас инро пай намебарад. Шахси ношинос бошад, фикр мекунад, ки онҳо аз дарунаш рехтаанд, охир папка қуфл надорадку!”

Тим ба дигар паҳлӯяш тоб хӯрд.

– Лекин ба фикри ман, дар назари Худо чунин амал дуздӣ аст. Ман

наметавонам чизи каси дигарро аз худ кунам, – пичиррос зад Тим дар торикӣ.

Аммо овози якум ӯро азоб дода мегуфт: “Агар Худо ба воситаи ин папка ба ту ёрӣ додан хоҳад-чӣ? Охир Ӯ медонад, ки ба ту пул хеле лозим аст. Беақл набош, ва аз он барои худат камтар пул гир”.

Тим болопӯшашро ба сараш кашида, дастонашро барои дуо бо ҳам кард. Тим ин папкаро, ки дар равшании фиребандаи моҳ гӯё ба ӯ чашмакӣ мезад, дигар дидан намехост. Ӯ кӯшиш менамуд танҳо дар бораи чароғаш фикр намояд, ки дар он аниқ ва равшан гуфта шуда буд: “Дуздӣ накун!”

Ҳангоме ки хоби Тим ниҳоят бурд, вақт аллакай аз нимишабӣ гузашта буд. Рӯзи дигар вай аз хобаш барвақт хест. Дар берун ҳоло ҳам торик буд. Тим либосҳояшро аз ҳарвақта дида тезтар пӯшид. Вай папкаро, ки барояш ин қадар азоб овард, гирифта, оҳиста аз зинапояи хона фаромад. Ӯ ба аҳли хонаводааш, ки эҳтимол ҳоло сахт хоб буданд, халал расондан намехост. Ӯ аллакай якчанд вақт саҳариҳо ба печка ҳезум меандохт, то модараш, ки дар давоми шаб чандин



бор хеста ба падари бемораш нигоҳубин мекард, каме бисёртар хоб карда тавонад.

Имрӯз Тим корҳояшро шитобон мекард. Ӯ папкаи сиёҳро болои мизи ошхона гузошта, кӯшиш мекард ба он нигоҳ накунад. Вай қарор дод, ки онро тезтар, пеш аз саршавии дарсҳои мактаб ба соҳибаш баргардонад.

Ана, аллакай оташи печка фурӯзон шуд. Тим саросема каме хӯрок хӯрд, ва папкаро зери бағалаш гирифта, ба берун давида баромад. Ин пагоҳии рӯзи зимистон ҳаво тира буд. Дар осмон охирин ситораҳо ноаён мегардиданд. Ҳаёти шаҳр ҳоло ба ҷунбиш наомада буд. Танҳо ширфурӯш бо аробаи ларзонаш аз роҳи сангфарш мегузашт. Дар баъзе тирезаҳо равшании чароғҳо намудор шуданд. Тим дастҳои хунукхӯрдаашро бо ҳам соиш дода, ба кисааш дарунтар андохт. Шамоли хунуке мевазид, ки барфи халандаро ба рӯи Тим ҳаво медод. Вақте Тим аз пеши витринаи мағозае ки дар он либосҳои ғафси зимистона мефурӯхтанд, мегузашт, рӯяшро ба дигар сӯ гардонд. Ӯ имрӯз хоҳиши бо ҳавас тамошо кардани онҳоро надошт.

Ӯ мехост тезтар аз назди онҳо гузашта равад, то андешаҳое ки шабона дошт, аз нав ғизо нагиранд.

Вақте ӯ каме нафасгир шуда назди хонаи Миллерҳо меистод, дар баъзе тирезаҳои он аллакай равшании чароғҳо намудор буд. Том низ бояд барвақт ме-хест, то ба мактаб равад. Вақте Тим тугмачаи занги хонаро зер кард, пешхизмати хона дарро кушода, ӯро ба даромадгоҳ роҳ дод. Аз афташ, аҳли оила барои дуои пагоҳӣ ҷамъ шуда буданд, чунки аз яке хонаҳо овози сурудхонӣ ба гӯш мерасид. Баъд садои ҷунбиши курсиҳо шунида шуд. Сипас дар кушода шуд ва шахси ношиноси дирӯза ба долон баромад. Тим хомӯшона папкаро ба вай дароз кард. Ӯ чунон ба изтироб афтода буд, ки ягон калима гуфта наметавонист. Вай танҳо онро ҳис менамуд, ки аз китфаш санги калоне ғалтидааст.

Шахси ношинос бо ҳайрат ба Тими рангпарида нигоҳ кард, лекин баъд хурсандона ба ӯ табассум намуд.

– Ин папкаи ман-ку! Ту онро аз кучҷо ёфтӣ? Вақте ки ман онро гум кардам, хеле ғамгин шудам, чунки дар дарунаш ҳуҷҷатҳои хеле муҳимам буд...

– Инчунин пули бисёр!.. андеша накарда, нохост гуфт Тим.

– Рост, каме пул ҳам буд.

Шахси ношинос бо тааҷҷуб ба бачаи дар наздаш аз хунукӣ ларзидаистода нигоҳ мекард.

– Ҳама чизҳояш бе осеб дар дохилаш мебошанд. Ман онро дирӯз ба шумо оварданӣ будам, лекин вақт аллакай дер шуда буд.

– Ба ҳар ҳол, ман аз ту хеле миннатдорам. Ва ту барои ин бояд мукофоти хуб гирӣ, – гуфт ӯ.

Тим ҳаросон ба шахси ношинос нигоҳ кард, ва мисли шахсе ки худашро ҳимоят мекунад, дастонашро бардошта гуфт:

– Не, не! Ман сазовори мукофот нестам. Охир, фаҳмо аст, ки ман бояд папкаатонро ба шумо оварда медодам.

Ҷаноби Миллер шавшувро шунида, ба даромадгоҳ даромад.

– Тим, ин туӣ? Ин хел барвақт?

– Ман танҳо хостам ин чизро диҳам, – тез ҷавоб дод Тим, – акнун ман бояд тез ба мактаб давида равам.

Ӯ дарҳол тоб хӯрда, тез сӯи дар равон шуд, то ки ӯро барнагардонанд. Ду марди калон бо ҳайрат аз паси вай нигоҳ мекарданд. Баъд ҷаноби Миллер дар дасти бародараш папкаро дида, аз хурсандӣ фарёд кард:

– Папкаи ту ёфт шуд, Артур! Пас, ана дар бораи чӣ шумо сӯҳбат мекардед! Бале, Тими мо одами бовиҷдон шудааст.

– Шудааст, мегӯӣ? Чӣ, ӯ пеш чунин набуд?

– Агар хоҳӣ, ман саргузашти ӯро ба ту нақл мекунам. Биё, ба ҳуҷраи ман меравем, ин ҷо хеле хунук аст.

Ва ҳар ду мард дар ҳуҷраи гарм бароҳат ҷой гирифтанд. Ҷаноби Миллер ба бародараш дар бораи ҳаёти писари дуредгари бемор Левӣ ҳар он чиро ки медонист, нақл кард. Меҳмон аз нақли бародараш фаҳмид, ки суханони Тим чиро ифода мекарданд, вақте аз даҳони вай суханони “Инчунин пули бисёр!” баромад. Ба ӯ фаҳмо гардид, ки ин бача бо чӣ гуна озмоиши бузург рӯ ба рӯ шуд. Ва ӯ хурсанд гашт, ки Тим дар ин озмоиш ғолиб омад.

– Медонӣ, – гуфт ӯ ба бародараш, – ман чунин бачаро ба мағозаи худ ба кор мегирифтам. Ӯ пас аз дарсҳо бо чӣ кор машғул аст?

– Намедонам, – ҷавоб дод ҷаноби Миллер. – Мо ягон бор бо ӯ дар ин бора сӯҳбат накарда будем. Лекин ман аз ӯ мепурсам. Писарам ба ман гуфта буд, ки Тим дар омӯзиши дарсҳо бисёр кӯшиш мекунад. Умуман, акнун ӯ ҳама корҳоро бо масъулият иҷро карда истодааст.

Меҳмон дафтари хотираашро кушод.

– Илтимос, ба ман дар бораи ӯ маълумот деҳ, то ки навишта бо худ дошта бошам.

Ин пагоҳӣ дар мактаб дили Тим пур аз хурсандӣ ва шодӣ буд. Ҳангоме ки вай аз он папкаи хатарнок халос шуд, аз вуҷудаш як бори калон афтид. Вақте вай ба хона баргашт, Мария ӯро дар назди дар пешвоз гирифт. Хоҳараш пур аз ҳаяҷон буд.

– Тезтар, Тим, тезтар даро! Тасаввур мекунӣ, ба ту ба воситаи почта кадом ак чизро фиристодаанд.

Тим ба хоҳараш ҳайратомез нигоҳ кард.

– Чӣ? Барои ман? Ин ҷо ягон хатое

шудааст!

– Ягон хато нашудааст! Худат нигоҳ кун... Охир, Эдуард Леви̣ ту ҳасти̣-ку?

Хоҳараш ба ӯ як пакети мӯҳркардашудаеро дод, ки на он қадар калон буд ва ранги ҷигари̣ дошт.

– Лекин ки̣ онро ба ман фиристодааст?

– Ман намедонам. – Мария китфҳояшро дарҳам кашид. – Онро хаткашон овард. Ана ба ту корд, тезтар ресмонашро бурида, онро кушо!

Вақте онҳо аз ҳаяҷон саросемавор, ба якдигар халал расонда, ниҳоят онро кушоданд, дар дохилаш як ҷуфт дастпӯшак диданд. Ба дастпӯшак хатчае часпонда шуда буд: “Ба хоҳари ёрдамчии хурди ман”.

Ҳар дуи онҳо аз гап монданд. Лекин баъд Мария аз хурсанди̣ фарёд кард:

– Оҳ, Тим! Ин шахс одами хуб будааст. Аммо аз куҷо ӯ фаҳмид, ки ман маҳз чунин дастпӯшакро орзу мекардам?

Вай дастпӯшакашро пӯшид ва аз хурсанди̣ дар ошхона ба рақс даромад.

Вақте модарашон ғалоғуларо шунид, аз ҳуҷраи бемор баромад. Оё ӯ ҳам



хурсанд мешавад? Аввал ӯ хомӯш буд, аммо баъд пай бурд, ки дар пушти қоғазе ки дар он дастпӯшакҳо буданд, чизе навишта шудааст. Ҳангоме ки вай он сатрҳоро хонд, аз хурсанди̣ табассум кард. Дар он ҷо навишта шуда буд: “Пули дору ҳам ба доруфурӯш пардохт шуд”.

Мария шоди̣ мекард. Тим бошад, дар ҳайрат монда буд, зеро намедонист, ки шахси ношинос дар бораи эҳтиёҷҳои онҳо аз куҷо фаҳмид. Тим намедонист, ки ҷаноби Миллер аз бародараш хоҳиш намуд, то бо доруфурӯш гап занад. Ҷаноби Миллер дар бораи бемории падари онҳо ва қимат будани доруҳо медонист. Боре ӯ шунид, ки чи̣ тавр доруфурӯш дар бораи он мегуфт, ки мунтазам ба онҳо дору медиҳад.

Тим хурсанд буданашро ба дигарон нишон надода, оҳистаякак ба ҳуҷраи худ рафт. Дар он ҷо ӯ ба зону афтода, дуо намуд:

– Исои Масеҳ, ман хеле аз Ту миннат-дорам! Ман тамоми саҳар фикр мекардам, ки аз куҷо барои дору ва дастпӯшак барои Мария пул ёбам! Ташаккури зиёд ба Ту, Худованд!

# БОБИ 17
## “Бигзор падари ту ва модари ту шод шаванд, ва касе ки туро ба дунё овардааст, хурсандӣ кунад” Масалҳо 23:25

“Чӣ тавр ҷаноби Ҳоуп фаҳмид, ки ба ман маҳз чӣ лозим аст?” – мунтазам ба худ савол медод Мария. Пеш аз сӯҳбати худ бо ҷаноби Ҳоуп, ӯ ҳатто фикр ҳам намекард, ки дар пеши модараш ӯҳдадориҳо дорад. Акнун ӯ дар пеши оташдон нишаста андеша мекард, ки кори хонаро аз чӣ сар кунад. Азбаски модараш тамоми рӯз дар кор мешавад, ҳама ҷавобгарӣ барои кори хона ва нигоҳубини бемор ба зиммаи ӯ монда буд. Ӯ ошхонаи чиркинро бо диққат аз назар мегузаронд. Ҳама ҷо пур аз чангу тортанакхона, либосҳои ба ҳар тараф партофташуда, косаву табақҳои ношуста, пеши оташдон тӯдаи калони хокистар, пушти хокистар як тӯда латтапутта ва хӯроки боқимонда буд. Пардаи тиреза дар як мех базӯр овезон меистод.



Лекин дар рӯи Мария табассум намудор шуд. Ҳангоми аз назар гузарондани чунин манзара ӯ суханони ҷаноби Ҳоупро ба ёд овард, ки “Вақте ту кӯшиш намоӣ, ки хонаатонро дар тозагӣ нигоҳ дорӣ...” гуфта буд. “Ӯ намедонад, ки модарам чӣ хел кам дар ин бора ғамхорӣ менамояд. Агар ин ҷо тамоман дигаргун шавад ҳам, вай инро пай намебарад! Аҷоиб мебуд, агар мо ҳам кӯшиш мекардем, ки мисли дигар одамон дар тозагӣ зиндагӣ кунем, ва чизҳои хуб дошта, онҳоро эҳтиёт намоем. Канӣ, мебинам, ки ман барои ин чӣ кор карда метавонам, ва оё баъд инро ягон кас пай мебарад?” – андеша мекард Мария.

Инак, Мария аз паси кор шуд. Ӯ косаву табақҳоро тоза шуст. Лекин чӣ тавр онҳоро ба чунин ҷевони чиркин гузоштан мумкин аст? Ба ӯ лозим омад, ки онро хуб тоза намояд. Мария болои миз баромада, аз ҷевон қуттиҳо, банкаҳо ва дигар зарфҳои шишагиро гирифт. Баъд бо обу собун онро нағзакак шуст. Вақте падараш аз ҳуҷраи худ ин шавшуви ғайриоддиро шунид, аз ӯ пурсид:

– Мария, ту чӣ кор карда истодаӣ?

– Ман ошхонаро тоза карда истодаам, – тоб нахӯрда, ҷавоб дод ӯ.

Падар аз чунин ғайрати ӯ ба ҳайрат омад, лекин ҳеҷ чиз нагуфт. Ӯ баъд аз ҷевон ба тоза кардани латта-путтаҳои пушти оташдон шурӯъ намуд, ва ҳамин тариқ, оҳиста-оҳиста, беихтиёр шавқманди кори худ шуда, ошхонаро пурра тоза намуд. Ӯ дар байни кор танҳо барои гарм кардани шӯрбо барои падараш каме танаффус кард.

Тим баъд аз мактаб ба хонаи ҷаноби Браун, барои ғундоштани ҳезумхонаи онҳо рафт. Аз рӯи маслиҳат, барои ин кор ба ӯ бояд хӯроки нисфирӯзӣ ва китоби дарсии грамматикаро медоданд. Вай тамоми зимистон ин китобро орзу менамуд, барои ҳамин аз таҳти дил кор мекард! Ҳамин тариқ Мария дар хона танҳо монда буд ва метавонист озодона кор кунад. Бегоҳӣ ӯ корҳояшро ба анҷом расонд. Мария хурсандона ошхонаро аз назар гузаронд, ва ба худ савол кард, ки оё Тим онро мешинохта бошад? Ӯ пардаи сабзи тирезаро дӯхта, бо мех онро часпонд, инчунин ҷилди курсиро дӯхта таъмир намуд. Назди оташдони



тозашуда ду шамъдони ялаққосӣ ва қуттии гӯгирд меистод. Фарши ошхона чунон тоза шуда буд, ки инро фақат бо чӯтка, собун ва оби ҷӯш чунин тоза кардан мумкин буд. Аз болои курсиҳо ҳама чизҳо гирифта шуда буданд. Дар болои миз танҳо асбобҳои тозаи хӯрокхӯрӣ меистоданд, дар болои плита оби чойник меҷӯшид.

Аз пушти дар қадаммонии тез шунида шуд, ва касе бо ғайрат аз либосаш барфро меафшонд. Мария давида дарро кушод. Ин Том Миллер буд.

– Салом, – гуфт ӯ, – модарам ба шумо, барои хӯроки шом шир равон кард. Чӣ хел имрӯз кунук шуд! Тим дар куҷост? Ба ӯ гӯй, ки пагоҳ ба чанасаворӣ биёяд! – Том ин суханонро гуфта, ақиб давида рафт. Мария аз ин шир хурсанд гашт, ва дарҳол аз пайи тайёр кардани шӯрбои ширӣ шуд, ки Тим онро хеле дӯст медошт. Вақте ки вай хӯроки шомро тайёр кард, курсии калонро наздики оташдон гузошт, то модараш гарм шуда тавонад. Ӯ дари ҳуҷраи падарашро кушод, то ин ки вай ҳам ошхонаро дида тавонад, ва шӯрборо дар болои плита

омехта карда, баргаштани наздиконаш-ро интизор шуд. Ниҳоят, хонум Левӣ ба хона баргашт. Ҳангоме ки вай қадамҳои вазнини модарашро шунид, дилаш ба тапиш даромад. Оё модарам инро пай мебарад? Вай чӣ мегуфта бошад? Модар ба хона хаста, болои либосаш пур аз барф даромад. Ӯ гумон мекард, ки чун ҳамеша ба хонаи торику хунук медарояд, аммо танҳо як назар кифоят намуд, ки чунин дигаргунии аҷоибро бинад. Ӯ бо дасташ чашмонашро тоза кард ва аз ҳайрат дар ҷояш шах шуд. Мария бо хоҳиши нишон додани муҳаббати худ назди модараш омада, меҳрубонона пурсид:

– Модарҷон, имрӯз ҳаво хеле хунук шуд-а? Ба оташдон наздиктар, болои курсӣ шинед. Хӯрок тайёр аст, ман барои шумо чой ҳам дам кардам.

Хонум Левӣ палто ва пойафзоли таршудаашро кашида, баҳузур болои курсӣ нишаст. Ӯ пойҳои хунукхӯрдаашро сӯи оташдон дароз карда, ба нӯшидани чойи гарм шурӯъ намуд, ва хомӯшона ҳама ҷоро аз назар мегузаронд. Бемор якум шуда хомӯширо вайрон кард.

– Дар вақти набуданат бе ёрии ту



бисёр корҳо карда шуданд, ҳамин тавр не? Ба ҳамаи ин чӣ мегӯӣ?

– Бале, чӣ қадар кори бисёр карда шуд, ки ҳатто ақлам намегирад.

Аз чунин суханони модар Мария хурсанд шуд, вале дар айни замон каме хиҷолат кашида, андеша намуд: “Ҷаноби Ҳоуп ҳақ буд: ба фикрам, ман дар ҳақиқат ба Исо писанд омадам!” Ҳамин лаҳза садои ҳуштаки хурсандонаи Тим шунида шуд, ва вай давида ба ошхона даромад. Тим аз таъсири манзараи дидааш ба ҳайрат афтод.

– Воҳ, Мария! Офарин! Наход ки ин ҳамон ошхонаи мост? Чӣ хел ин ҷо тозаву зебост, чун дар хонаи Миллерҳо!

Ин бегоҳ дар оила як чизи хуби ниҳонӣ ҳис мешуд. Хонум Левӣ ғур-ғур ва шикоят намекард. Мария ба ҳар тарз кӯшиш менамуд, ки ба вай хизмат кунад. Тим болои дастархон себҳоеро гузошт, ки ба ӯ ҷаноби Браун дод, ва зиёфат хеле хуб шуд. Чунин менамуд, ки оила ба давраи осоиштагӣ ва беҳбудӣ гузашт. Ҳама худро хушбахт ва осуда ҳис мекарданд. Инчунин дар ин бегоҳ диққати ҳама ба китоби нави Тим раво-

на шуда буд. Мария онро бо шавқ аз назар мегузаронд. Ногоҳ Тим ба як фикри хубе омад:

– Мария, – нидо кард ӯ, – мехоҳӣ, ки ба ту дарси грамматика диҳам?

– Албатта! – ҷавоб дод Мария, ва бародару хоҳар дарҳол ба омӯзиш шурӯъ карданд.

Ҳамин тариқ омӯзиши Мария оғоз ёфт. Ӯ ба мактаб намерафт, чунки бояд ба модараш кӯмак менамуд. Вақти бегоҳ тез гузашт. Соати нӯҳ Тим ба ҳуҷраи худ рафт. Бемор аллакай оромона хоб мерафт, лекин Мария хоб рафтан намехост. Ӯ фикр кард, ки барои бо модараш дар бораи Дӯсти нави пайдо кардаи худ гап задан вақти мувофиқ расидааст. Лекин ӯ намедонист, ки сӯҳбатро чи тавр сар кунад, бинобар ин интизор шуд, то модараш аввал шуда ягон чиз гӯяд. Ниҳоят хоҳиши ӯ иҷро шуд:

– Мария, – гуфт хонум Левӣ, – барои чӣ ту ин рӯбучинро барпо кардӣ?

– То ин ки шуморо хурсанд намоям, – ҷавоб дод Мария.

Ин хел ҷавоб барои модар чунон ғайриоддӣ намуд, ки пас аз якчанд лаҳзаи хомӯшӣ вай боз пурсид:

– Аммо чӣ туро водор кард, ки маро хурсанд намоӣ?

Мария фаҳмид, ки барояш вақти холӣ кардани дил расид.

– Модарҷон, ман мехостам ба Исо писанд оям, – гуфт ӯ бо овози ларзон. – Ҷаноби Ҳоуп гуфта буд, ки агар ман ба ту дар корҳои хона ёрӣ диҳам ва кӯшиш намоям, ки ба ту писанд оям, Исо аз ман хушнуд мегардад.

Хонум Левӣ рӯяшро бо дастонаш пӯшид. Аз гиряи ӯ баданаш меларзид. Мария тарсид. Ӯ пеши курсии модараш ба зону нишаст ва бо рӯяш ба зонуҳои вай такя намуд. Вай ба як чизи барояш номуайян ва ношинос эҳтиёҷ ҳис мекард: ба меҳри гарми модар. Вай мехост модарашро ба оғӯш гирифта бӯса намояд, лекин ҳоло ба чунин амал ҷуръат карда наметавонист.

# БОБИ 18
## “Ва ҳамаи писарони ту аз Худованд таълим хоҳанд ёфт” Ишаъё 54:13

Тим ба падараш дору дод ва назди ҷогаҳи вай нишаст, то бо ӯ сӯҳбат намояд. Ӯ ба вай аз ҳаёти мактабиаш каме нақл кард. Падар андешакунон суханони ӯро гӯш мекард. Вай рӯяшро сӯи девор гардонд, ва андак хомӯш монда, баъд гуфт:

– Тим, ман хеле хурсандам, ки ту тамоман дигар хел шудаӣ. – Падари ман шахси мӯътабар буд ва барои тарбияи ман ҳама кори аз дасташ меомадагиро кард, аммо аз ман ҳеҷ чиз набаромад. Ман ҳаётамро беҳуда гузарондам ва ба фарзандонам ягон чизи хуб ёд надодам. Лекин ту, ба ин нигоҳ накарда, бачаи бовиҷдон шудӣ. Боварӣ дорам, ки вақте ту калон мешавӣ, ба модарат дастёр мешавӣ. Аммо барои ман ҳаётро аз нав сар кардан аллакай...

Овози падар пасттар ва пасттар мегашт. Баъд вай пуштнокӣ хоб намуда,



сӯи боло нигоҳ кард. Аммо Тим ба аломати инкор сар ҷунбонд.

– Не, падар, не. Дар Чароғи ман, дар Китоби Муқаддас дигар чиз навишта шудааст. Барои ба Худо рӯ овардан ҳеҷ гоҳ дер намешавад. Вақте ман аз Ӯ барои Мария илтимос кардам, Ӯ маро шунидку!

Дар рӯи ҷаниби Левӣ дарду алам аён шуд ва ашки чашмонаш рехтанд.

– Ман фикр мекунам, ки ҳаётам ба охир расида истодааст, – пичиррос зад ӯ. – Ман ҳама чизро медодам, то ки вақти расидани вақту соатам ба мурдан тайёр бошам. Аммо аллакай дер шудааст. Ман ҳама вақт дар бораи он роҳи танге ки бо он бояд мерафтам, медонистам, лекин нарафтам. Акнун бошад, бояд барои ин корам ҷазо бинам.

Агар Тим медонист, ки ба ин суханони падараш чӣ ҷавоб диҳад. Ӯ худашро нотавон ва ноӯҳдабаро ҳис мекард.

– Дар Китоби Муқаддас ягон чизи ба ин монанд гуфта нашудааст. Баръакс. Рӯзи якшанбеи гузашта роҳбари ҷамоат гуфта буд, ки одам ҳама вақт метавонад ба Худо рӯ оварад. Худо, новобаста ба

ҳаёти гузашта ва синну соли инсон, вайро қабул мекунад.

– Не, ман дигар хел фикр мекунам, – сар ҷунбонда ҷавоб гуфт падар. – Вақте ки одам тамоми умр арзишҳои худовандиро рад карда, лекин дар охир, аз тарси марг ба Худо рӯ меорад – ин беномусӣ аст. Ин ба Худо маъқул нест. Ман аз чунин амал кардан шарм медорам.

Тим намедонист, ки чӣ ҷавоб диҳад. Ӯ чунин андешаронии падарашро нодуруст мешумурд, лекин барои бовар кунондани вай далел намеёфт. Баъд ӯ ғамгин ба мактаб рафт. Назди бинои почта Тим бо ҷаноби Ҳоуп вохӯрд ва бо вай салом кард. Баъд ӯ хост роҳашро давом диҳад, аммо ҷуръат карда гуфт:

– Ҷаноби Ҳоуп, мумкин аз шумо як чиз пурсам?

Роҳбари ҷамоат ба аломати ризо сар ҷунбонд, лекин Тим намедонист гапашро аз чӣ сар кунад. Оё ӯ ҳақ дошт, ки ба роҳбари ҷамоат дар бораи сӯбати бо падар кардааш гап занад? Тим суханони даркорӣ мекофт ва ниҳоят бо забони гирифта гуфт:



– Агар касе гӯяд, ки тамоми умр ба Худо муқобилият кардааст, ва дар лаҳзаи охир ба Ӯ рӯ оварданро барои худ беномусӣ мешуморад, шумо ба вай чӣ мегуфтед?

Роҳбари ҷамоат ба осонӣ фаҳмид, ки Тим дар бораи кӣ гап мезанад. Ӯ дасташро ба китфи Тим гузошта, ҷавоб дод:

– Ман ба ин шахс мегуфтам, ки агар вай тамоми умр аз Худо рӯй гардонда, ба Ӯ муқобилият карда бошад, ин маъноии онро надорад, ки дар охирин соли ҳаёташ низ бояд чунин кунад. Агар ин шахс чил сол нодуруст рафтор карда бошад, барои чӣ ӯ бояд боз як соли охири ҳаёти худ чунин рафторашро давом диҳад? Чӣ қадар барвақт ӯ дигаргун шавад, ҳамон қадар барояш хубтар мешавад. Худо ҳеҷ вақт ягон касро рад намекунад. Худо ба роҳзани дар салиб мехкӯбшуда, дар лаҳзаи охири ҳаёти вай ҳама гуноҳҳояшро бахшид. Ҳамин тавр, писарам.

Тим оҳи сабук кашид. Роҳбари ҷамоат бошад, бо диққат ба ӯ нигоҳ мекард.

– Эдуард, ба фикрат, оё мумкин аст, ки

ман баъд аз нисфирӯзӣ падаратро хабар гирам.

– Албатта! Ва шояд шумо он чиро, ки ҳоло ба ман гуфтед, ба он кас низ мефаҳмонед.

Тим хурсандона ба мактаб шитофт. Ӯ хотирҷамъ буд, чунки имрӯз ҷаноби Ҳоуп бояд бо падараш сӯҳбат мекард. Охир ин, аз он чи ӯ умед дошт, бештар буд.



# БОБИ 19
## “Ҳар кӣ гумон мекунад, ки рост истодааст, эҳтиёт кунад, ки наафтад” 1Қӯринтиён 10:12

Том Миллер дар болои курсии калон истода, гирди тахтаи калони сафед, ки дар девор овезон буд, як гулчанбари хушрӯро мепечонд. Ҳамин вақт ба синф ҷаноби Берен даромад.

– Ҳама чиз барои имтиҳон тайёр аст! – аз курсӣ ҷаҳида, ба вай эълон намуд Том.

– Шароити синф пурра ба вазъият мувофиқат мекунад, – ҷавоб дод муаллим, – умедворам, ки дар бораи тайёрии шумо низ чунин гуфтан мумкин аст.

Ӯ кори Томро аз назар гузаронда, ба талабагон якчанд сухани хайрхоҳона гуфт, ва дар омади гап аз Тим пурсид:

– Хайр, гап зан канӣ, Эдуард, аз имтиҳон наметарсӣ?

– Не, ҷаноби Берен! – бе лакнат ҷавоб дод Тим.

Ва ҳақиқатан ҳам, ӯ ин имтиҳонро бесаброна интизор буд. Таҳсили даври зимистона тамом шуда буд, ва акнун талабагон бояд ду рӯз пай дар ҳам имтиҳон месупурданд. Ин зимистон аксари талабагон бо ҷидду ҷаҳд дарсҳоро меомӯхтанд, вале ягонтои онҳо мисли Тим дар омӯзиш чунин бисёр заҳмат накашида буд. Тим дар ҳаёташ аввалин бор ин рӯзи муҳимро бо хурсандӣ, ва ҳатто бесабрӣ интизор буд. Пеш, чун талабаи беодоб ва танбал, ӯ одатан ба имтиҳон намеомад, ва агар биёяд ҳам, аз имтиҳон афтода, ин нокомии худро бепарвоёна қабул мекард. Акнун, бошад, ҳама чиз тамоман дигар хел шуд. Тим ба гурӯҳи хонандагони хуб тааллуқ дошт ва ба гурӯҳи муқобил, ки сардорашон Боб Тёрнер буд, бо фахр нигоҳ мекард. Ӯ аз худ мепурсид, ки чӣ тавр ӯ метавонист як вақтҳо ба ин гурӯҳ тааллуқ дошта бошад? Ин рӯз барои Тим хеле аҳамиятнок буд. Бо вуҷуди он ки донишаш ҳоло то сатҳи дониши ҳамсолонаш, ки фардо бояд имтиҳон месупурданд, нарасида буд, ӯ медонист, ки комёбиҳояш чунон бузурганд, ки



нонамоён монда наметавонанд. Имрӯз модараш худаш мӯи сари вайро шона карда, куртаи тозаи сафед пӯшонд. Охир, чӣ тавр чунин дигаргуншавии ӯро пай набурдан мумкин буд? Акнун ҳеҷ кас шубҳа намекард, ки Тим талабаи хуб ва боғайрат шудааст.

Ниҳоят, садои занг шунида шуд, ва ҳама ба ҷойҳои худ нишастанд. Дар як тарафи баланд меҳмонҳое ҷой гирифтанд, ки барои дидани имтиҳон омада буданд. Дар паси мизи кабуд имтиҳонкунандагон бо сардории ҷаноби Ҳоуп менишастанд. Гурӯҳи Тим ба имтиҳон аввал даъват шуданд. Рӯи Тим медурахшид, чашмонаш ҷило медоданд, акнун ӯ дуруст ва тез хонда метавонист. Барои инро ёд гирифтан ӯро лозим омад, ки бисёр меҳнат кунад, ва акнун вай ба чунин комёбиҳо ноил гашт, ки ягон талаба мисли ӯ хуб хонда наметавонист. Баъд аз имтиҳон шӯрои имтиҳонкунандагон қарор кард, ки кадом талабагон метавонанд ба синфи таърихшиносӣ гузаранд. Вақте ҷаноби Ҳоуп ба хондани рӯйхати талабагони интихобшуда шурӯъ кард, дили Тим

ба тапиш даромад. Онҳо танҳо ду кас буданд: Томас Ҷонс ва Эдуард Левӣ!

– Офарин, Тим! – нидо кард Том Миллер, вақте дар танаффус наздаш омад. – Чӣ хел ман хурсандам, ки ту ба синфи таърихшиносӣ гузаштӣ! Ин фанни душвор бошад ҳам, ту пай мебарӣ, ки чӣ гуна шавқовар аст!

Тим табрикҳои рафиқонашро шунида, хурсандона табассум мекард, ва баъзан сӯи Боб ва рафиқони вай ҳавобаландона назар меандохт.

"Чӣ хел хушбахтист, вақте номи туро ҳамроҳи номи Боб ба забон намеоранд! – фикр мекард ӯ. – Чӣ хел хушбахтист, вақте комёб гардида, ҳарчи зудтар ба пеш меравӣ!"

Дар навиштани диктант ҳам Тим ба пирӯзӣ комёб гардид – вай ягон хато накард. Фақат имтиҳон аз фанни математика монда буд. Тим ҳис мекард, ки чӣ тавр ӯро бештар ва бештар ҳаяҷон фаро мегирад. Гурӯҳе ки вай аз ин фанн ба он тааллуқ дошт, ин зимистон омӯзиши зарбу тақсимро тамом карда ба омӯзиши касрҳо гузашт. Тим қоидаҳоро хуб ҷавоб дод, охир ӯ беҳуда ин қадар



шишта намехонд-ку.

Ӯро назди тахтаи синф даъват карданд ва масъалаеро барои ҳал намудан доданд. То соати дувоздаҳ даҳ дақиқа монда буд. "Боз камтари дигар, – фикр мекард ӯ, – ва номи ман дар тахтаи фахрӣ, дар қатори номҳои онҳое пайдо мегардад, ки имтиҳонҳоро бе хато супурданд". Аз ҳаяҷон дастони Тим меларзиданд, дар сараш ҳама чиз печутоб мехӯрд. Ана, ҳозир ӯ тамом мекунад! Вале чӣ шуд? Ҷавоби ӯ нодуруст баромад! Ӯ дар куҷо хато кард? Наход ҳамаашро аз нав бояд сар кунад? Тим ҳис кард, ки ҳама ба ӯ нигоҳ карда истодаанд, дар кунҷи синф хандае шунида шуд. Оҳ, ӯ чӣ кунад? Ҳамин лаҳза ӯ овози ороми муаллимашро шунид:

– Ором шав, Эдуард. Тарҳи охиринро бин. Адади 31 аз чанд адади 9 иборат аст?

Фред Ҳоуп дар назди тахтаи синф менишаст. Тим шунид, ки чӣ тавр вай пичиррос зада "ҳафт" гуфт. Ӯ андеша накарда, саргаранг ва пур аз ҳаяҷон шитобкорона "ҳафтто" гуфт.

Аз чунин ҷавоби ӯ ҳама хандиданд.

Тим шармсору ноумед бӯрро ба замин партофта, бо ғазаб рӯяшро тарафи рафиқонаш гардонд. Соат дувоздаҳ шуд. Имтиҳон ба охир расид. Талабагон аз пайи кори худ ба ҳар тараф мерафтанд, аммо баъзеашон Тимро иҳота намуданд.

– Эҳ, Тим! – гуфт ба ӯ Том Миллер, – агар ту ақаллан як дақиқа фикр менамудӣ, албатта ин масъаларо ҳал мекардӣ!

– Агар ҳамин нобакор Фред Ҳоуп намебуд, албатта ҳал мекардам, аз ғазаб ларзида истода, ҷавоб дод Тим.

– Чӣ шуд? – ба сӯҳбат дахолат кард Виллӣ Брей, – вай ба ту ягон халал расонд?

Фред дар наздикӣ истода ба Тим, ки худашро гум карда буд, дилхунукона ва ҳавобаландона нигоҳ мекард.

– Вай чӣ кор кард? Вай маро фиреб карда ҷавоби нодурустро гуфт, то ки маро шармсор кунад! Нағзтараш аз худи вай пурсед, ӯ хеле хуб медонад, ки чӣ тавр ба ман халал расонд. – Тим инро гуфта, давида баромада рафт.

Аз шунидани ин суханон Том Миллер ба ҳайрат афтод. Наход ки Фред Ҳоуп, дӯсти наздики ӯ ва бачаи боинсофтарини синф ба чунин амали паст қодир буд? Аммо агар вай айбдор набошад, пас Тим гапи дурӯғ мегӯяд?

– Фред, ба ман бигӯ, ки ҳамаи ин чӣ маъно дорад? – ниҳоят пурсид ӯ.

– Агар фаҳмидан хоҳӣ, ки чӣ шуд, ба Тим муроҷиат кун, вай ба ту мефаҳмонад.

Вақте ки Тим аз мактаб баромад, Боб бо дастааш ӯро иҳота карданд. Онҳо чунин имконияти масхара кардани дӯсти пешинаашонро аз даст додан намехостанд.

– Бачаи бечора масъалаашро ҳал карда натавонист. Гиря накун, мехоҳӣ ба ту як қанд диҳам, то ки ором шавӣ? – бо овози ғамангез масхара кард ӯро Боб.

– Даҳонатро пӯш! – бо ғазаб ҷавоб дод Тим.

– Чӣ хел аламовар! – давом дод Боб, – бачаи хурдакак чӣ қадар заҳмат кашида аз ёд карда буд, чӣ хел мӯйҳояшро хушрӯ шона карда, худро тозаву озода намуд! Гиря накун, майдача, набошад рангу рӯят безеб мешавад.

Вақте Тим сӯи Боб тоб хӯрд, рангу рӯяш парида буд ва овозашро шинохта

намешуд:

– Боб Тёрнер, агар аз даҳонат боз ягон гапи дигар бароядд, ман туро чунон лату кӯб мекунам, ки дигар аз ҷоят хеста наметавонӣ!

Ва Тим ӯро ҳақорати сахт кард. Чунон ҳақорати сахте ки ӯ ягон бор то ҳол накарда буд.

Наход ки аз даҳони ҳамин Эдуард Левӣ чунин ҳақорат баромад? Ӯ, ки Худоро эҳтиром мекард ва Ӯро парастиш менамуд? Ҳамин ки аз даҳонаш чунин сухани дашном баромад, ӯ ба худ омад, ва бо дастонаш рӯяшро пӯшида бо тамоми қувваташ давида рафт.

Бисёр бачаҳо ин ҳодисаро диданд: Том, Фред, Виллӣ ва дигарон низ. Вақте ки Тим аз назар ғайб зад, Фред бо нафрат гуфт:

– Ана мӯъҷизаи номдори мо! Чӣ хел ки маълум шуд, ӯ он қадар ҳам дигаргун нашудааст. Ба фикрам, ман ҳоло ягон бор мисли ӯ ҳақорат накардаам.

Ин рӯз барои Тим хеле даҳшатовар буд! Вай баъд онро тамоми умр аз хотираш намебаровард. Тим назди ҳавзи дӯстдоштааш омад ва зери дарахти бед,



ки дар шохаҳояш муғҷаҳо сар зада буданд, нишаст. Ӯ бо рӯяш ба зонувонаш такя намуда, ба ғаму ғуссаи худ фурӯ рафт. Чӣ тавр аз даҳонаш чунин сухани бад баромад? Ӯ аз ҳамон рӯзе ки дуо карданро сар карда буд, аз чунин гуноҳ эҳтиёт мешуд. Ӯ ҳамеша метарсид, ки мабодо ба одатҳои пешинааш дода шуда, ягон сухани дашном нагӯяд, ва барои ин махсус дуо мекард. Аммо вақтҳои охир ҳушёриаш то андозае суст гашт, зеро ба назараш чунин менамуд, ки хатари чунин гуноҳ кардан дигар барояш таҳдид намекунад. Ин пагоҳӣ ӯ худро чунон боқувват ҳис менамуд, ки аз Худо мадад пурсиданро фаромӯш кард. Ӯ аз тарси он ки ҳангоми тайёрӣ дидан ягон дақиқаро гум накунад, барои худ вақт ҷудо накард, то аз Китоби Муқаддас барои озмоиши пешомада мадад гирад. Бинобар ин тааҷҷубовар нест, ки вай чунин пешпо хӯрд. Ӯ худро хеле боқувват ҳис менамуд ва гумон мекард, ки бе мадади касе аз ӯҳдаи корҳояш мебарояд! Акнун ӯ чӣ кор кунад? То чӣ андоза ӯ ба худ нафрат дошт! Оё Худо ягон бор ӯро мебахшида бошад? Бале,

Худо ӯро бахшида метавонад! Тим ба ин боварӣ дошт, аммо ӯ худро чунон бадбахту хор ҳис мекард, ки ҷуръат намекард барои ин дуо гӯяд. Дар чунин ҳолати рӯҳафтодагӣ ӯ фаромӯш кард, ки Худо Исоро на барои одилон, балки барои гунаҳкорон ба ҷаҳои фиристод.

Вақт мегузашт, ва Тим садои зангро шунид, ки аз саршавии дарсҳо огоҳ мекард. Аммо ӯ ба он аҳамият надод: ӯро дигар фикрҳо фаро гирифта буданд. Тим Китоби Муқаддасашро кушод. Ӯ худро мисли он коҳкан ҳис менамуд, ки апаи Перри дар бораaш нақл карда буд: дар кони чуқур чароғи ӯ хомӯш гашт ва вуҷудашро торикӣ фаро гирифт, ва ӯ намедонист чӣ кор кунад. Дар ҳамин вақт ӯ ҳис кард, ки танҳо Чароғаш ба ӯ ёрӣ дода метавонад. Ӯ Китоби Муқаддасашро тез варақ гардонд. Аввалин суханони ба назараш афтода, аз таронаи 116-ми китоби Забур буданд: "Худовандро ҳамд гӯед!" Не, ҳоло ин суханҳо ба ӯ тааллуқ надоранд. Вай боз якчанд варақ гардонда хонд: "Дар Худованд шодӣ ва хурсандӣ кунед, эй одилон!" Не, не, вай ҳоло бояд на дар бораи хурсандӣ фикр кунад,



чунки дилаш пур аз ғам аст. Тим варақ заданро давом дода, суханонеро меҷуст, ки ба вай мадад карда метавонистанд:

"Худовандо! Дар ғазаби Худ маро мазаммат накун, ва дар хашми Худ маро ҷазо надеҳ". Ҳа, ана чӣ барояш даркор аст! Ин дуо маҳз барои ӯ навишта шудааст, тамоми ин таронаи Забур ба ҳолати ботинии ӯ ҷавобгӯ буд. Ӯ ояти пеш аз охиринро якчанд бор хонд: "Худованд истиғосаи* маро шунидааст; Худованд дуои маро иҷобат** хоҳад кард". Ва, ниҳоят, Тим бо гиряву нола ба зону афтод.

Рӯзи кӯтоҳи баҳор ба охир мерасид. Бегоҳӣ Тим ба хона баргашта барои пагоҳ ҳезум майда кард ва ба модараш мадад намуд. Баъд ӯ бояд либоси модараш бофтагиро ба мағоза мебурд. Вай эҳтиёткорона ба кӯча баромад, то ки бо ягон рафиқаш вонахӯрад ва ба воситаи тангкӯчаҳои камодам сӯи мағоза шитофт. Вақте ки вай чизи модарашро супурд, аллакай торик шуда истода буд. Акнун ӯ бо сари хам, оҳиста

* Истиғоса – ёрӣ хостан.
** Иҷобат кардан – қабул кардан.

қадам монда, ба хона бармегашт. Чӣ тавр вай имрӯз хурсандона ба мактаб шитобида буд! Ва чӣ тавр ҳоло ҳама чиз тира ва дигаргун гашт. Ногоҳ касе ба китфи ӯ дасташро гузошта, дӯстона гуфт:

– Биё, камтар маро гусел кун.

Тим бо тарс ба роҳбари ҷамоат нигоҳ кард ва бо дили нохоҳам розӣ шуд.

– Барои чӣ ман туро баъд аз нисфирӯзӣ дар мактаб надидам? Ту дар куҷо будӣ?

Тими бечора. Ӯ аз шарм мехост, ки замин кафаду вай ба он дарояд.

– Ҷаноби роҳбар, оё Фред ба шумо ҳеҷ чиз нагуфт? – бо забони гирифта пурсид Тим.

– Фред ба ман ҳеҷ чиз нагуфт, лекин як талаба ба ман дар бораи ин ҳодисаи андӯҳовар нақл кард. Пас, ҳамаи ин рост аст?

Тим сарашро боз пасттар хам кард.

– Рост аст. Ман сахт хашмгин шуда, ҳақорати сахт кардам...

Тим суханонашро гуфта, хомӯш истод. Баъд бо овози паст илова намуд:

– Ман ҳатто пеш аз имон оварданам чунин сахт ҳақорат накарда будам.



Тим ҷуръат намекард, ки ба роҳбари ҷамоат нигоҳ кунад. Ҷаноби Ҳоуп муддати дароз хомӯш истод, ва баъд пурсид:

– Оё ту аз Худо бахшиш пурсидӣ?

– Ҳа.

– Ту пагоҳ дар мактаб чӣ кардан мехоҳӣ?

Тим ноӯҳдабароёна китфонашро дарҳам кашида гуфт:

– Намедонам.

Ҷаноби Ҳоуп сари хами Тимро бардошт ва ба чашмони вай нигоҳ карда гуфт:

– Лекин агар медонистӣ, ки чӣ тавр рафтори дуруст намоӣ, оё чунин мекардӣ?

– Фикр мекунам, ки мекардам. Ман кӯшиш мекардам.

Дили роҳбар ба бача сӯхт. Аммо ӯ фикр мекард, ки Тим бояд то ба охир истодагарӣ намуда, шахсан худаш қарори дуруст намояд.

– Ба ман гӯй, ки оё бо ин рафторат ту обрӯи Масеҳро бардоштӣ, ё резондӣ?

– Резондам, – бо овози паст гуфт Тим.

– Оё бачаҳо медонанд, ки ту аз кори кардаат пушаймон шудӣ ва аз Худо бах-

шиш пурсидӣ?

– Не.

– Агар ту дар бораи ин ба онҳо мегуфтӣ, хуб мешуд. Ту чӣ фикр мекунӣ?

Тим лабонашро мегазид, ва бо овози гирифта гуфт:

– Бале, ҷаноби роҳбар.

– Пас, ту инро чӣ тавр карданӣ ҳастӣ?

Ин дафъа Тим баъд аз муддати дер ҷавоб дод.

– Лекин ман бо ҳар яки онҳо гуфтугузор карда наметавонам-ку?

– Гӯш кун! Ту инро оддитар карда метавонӣ.

Тим танҳо ҳозир фаҳмид, ки роҳбари ҷамоат чиро дар назар дорад.

– Лекин инро кардан бароям хеле душвор аст, – ғур-ғур карда гуфт ӯ.

Аммо роҳбари ҷамоат дар ин ақидаи худ қатъӣ буд. Онҳо муддате хомӯш роҳ рафтанд. Баъд ҷаноби Ҳоуп истода гуфт:

– Медонӣ, Эдуард, баъзе вақт танҳо пеши Худо дар гуноҳҳо иқрор шуда аз Ӯ бахшиш пурсидан кофӣ нест. Мо бояд дар айби худ инчунин пеши он одамоне иқрор шавем, ки шоҳиди хато кардани мо буданд. Ин осон нест, аммо масеҳии



ҳақиқӣ набояд тарсончак бошад.

Баъд аз анҷоми сӯҳбат онҳо хайрухуш карда, ба хонаҳояшон рафтанд. Аз намуди Тим аён буд, ки дар дили ӯ мубооризаи сахт рафта истодааст.

# БОБИ 20

## “Маро хоҳад хонд, ва ӯро иҷобат хоҳам намуд; дар тангӣ Ман бо ӯ ҳастам; ӯро халосӣ хоҳам дод, ва ӯро ҷалол хоҳам дод”
## Забур 90:15

Рӯзи дигар, пеш аз сар шудани имтиҳон, Тим Левӣ хеста назди муаллим омад. Бегонагон кам буданд, лекин имтиҳонкунандагон аллакай дар сари миз нишаста буданд. Ҷаноби Берен аз чунин амали Тим ҳайрон шуд, лекин намуди ҷиддии ӯро дида, ҳеҷ чиз нагуфт ва хам шуд, то шунавад, ки вай ба гӯшаш чӣ гуфтан мехоҳад. Муаллим суханонашро шунида, аз ӯ пурсид:

– Агар то анҷом ёфтани имтиҳон интизор шавем беҳтар намешавад? Он гоҳ ман ҳама талабагонро якчанд дақиқа нигоҳ медорам.

– Не, муалим, – гуфт Тим, – ман метарсам, ки баъд ба ин ҷуръат карда наметавонам.



Тим ҳозир тамоман ба қаҳрамон монанд набуд. Муаллим озмоишкорона ба вай нигоҳ кард. Ӯ он ташвишеро, ки вай дар дил дошт, мефаҳмид.

– Диққат! – ба талабагони синф муроҷиат карда гуфт муаллим. – Яке аз рафиқонатон ба шумо чизе гуфтан мехоҳад.

Барои Тим лаҳзаи ҳалкунанда фаро расид. Вай аз нигоҳи саволомези 50 ҷуфт чашм, ки ба ӯ равона шуда буданд, супсурх шуд, лекин дар ҷавоб сӯяшон нигоҳ карда, бо овози аз ҳаяҷон ларзон гуфт:

– Ман ба рафиқонам гуфтан мехоҳам, ки аз кори дирӯз кардаам сахт пушаймонам. Ман сахт хашмгин шудам... ман дашноми сахт додам... Ман ҳатто худам фикр намекардам, ки ба содир кардани чунин гуноҳ қодирам. Ман хеле, хеле пушаймонам... ва намехоҳам шумо фикр кунед, ки ман Исоро дигар дӯст намедорам. Ман Ӯро дӯст медорам ва боварӣ дорам, ки Ӯ маро мебахшад ва ба ман ёрӣ медиҳад.

Хомӯшии том фаро расид, ки ифодагари ҷавоби ин суханон буд. Ҷаноби Берен чашмонашро бо дастонаш

пӯшида, инчунин хомӯш менишаст. Тим ба қояш баргашт. Он гоҳ муаллим сарашро бардошта гуфт:

– Умед дорам, ягон кас он хатоеро, ки Худо онро бахшидааст, хотиррасон намекунад.

Баъд аз ин суханон садои занг шунида шуд, ва имтиҳон сар шуд. Тим сарашро болои дастонаш монда, беҳаракат менишаст. Муборизае ки ӯ аз сар гузаронд даҳшатовар буд. Танҳо бо кӯшиши сахт ӯ худро маҷбур кард, ки ин суханонро пеши ҳама гӯяд. Ба чунин амал ҷуръат кардан барояш хеле вазнин буд. Оқибат, ӯ ғалаба ба даст овард, ва ҳоло хурсанд буд, ки ин корро карда тавонист. Боб Тёрнер, ки ҳеҷ гоҳ имконияти масхара кардан ё заҳри забон заданро аз даст намедод, назди ӯ хомӯш менишаст. Ва ҳатто вақте ки Тим нохост бо оринҷаш китоби вайро тела дода ба замин афтонд, Боб хомӯш онро бардошт. Боб одатан чунин намекард.

Вақти танаффус рафиқон бо эҳтироми аён дар атрофи Тим ҷамъ шуданд. Ҳама мехостанд исбот намоянд, ки ҳодисаи дирӯзаро дар хотир надоранд. Фред



низ наздаш омад ва ба чашмони ӯ нигоҳ карда гуфт:

– Тим, ман бояд ба ту гӯям, ки дирӯз маро хато айбдор кардӣ. Ман тамоман намехостам ба ту ҷавоби нодурустро гӯям, лекин мефаҳмам, ки барои чӣ ту чунин фикр кардӣ. Чӣ тавре ки медонӣ, ҳангоми масъаларо ҳал карда истоданат ман ба ту наздик нишаста будам. Вақте ҷаноби Берен аз ман пурсид, ки аз гурӯҳамон чанд талаба ҳузур доранд, ман ҷавоб додам, ки “ҳафт”, ва ту инро шунидӣ.

Тим ба ҳайрат афтод.

– Барои чӣ ту инро ба ман дарров нафаҳмондӣ?

– Ту ба ман имконияти фаҳмондан надода, маро фиребгар номидӣ. Ман ба чунин айбдоркунӣ одат накардаам, – ҷавоб дод Фред.

– Бале, ту ҳақ ҳастӣ, – розӣ шуд Тим, – ман чунон хашмгин шуда будам, ки суханони туро гӯш накарда, давида рафтам. Ман бояд сарфаҳм мерафтам, ки ту ба чунин рафтор қодир нестӣ, аммо қаҳру ғазаб маро кӯр кард. – Ва пас аз танаффуси кӯтоҳе ӯ бо овози паст илова

намуд: – Маро бубахш...

Ниҳоят, ҳама имтиҳонҳо тамом шуданд. Талабагон бесаброна интизори он буданд, ки номҳои кӣ ба тахтаи фахрӣ дохил мегарданд. Тим ғамгин буд. Як рӯз пеш ӯ умед дошт, ки дараҷаи хубро ишғол менамояд, аммо акнун, тамоми заҳмати дар зимистон кашидааш барбод рафт. Вай оҳи чуқур кашида, ба шунидани ҳисобот, ки барои хондани он ҷаноби Ҳоуп аллакай хест, тайёр шуд. Вале вай бо кадом як сабаб кашол медод.

– Ҷаноби Берен, – ниҳоят гуфт ӯ, – иҷозат диҳед ба талабагон якчанд сухан гӯям. Дирӯз ҳамаи шумоён ҳангоми имтиҳон супурдани Эдуард Леви ҳузур доштед. Шумо ва ман медонем, ки чӣ қадар вай меҳнат карда буд, аммо дар ҳал намудани масъала барор наёфт. Ҷаноби Берен, ман мехоҳам ба талабагон пешниҳоди Том Миллерро, ки аз номи якчанд талаба пешкаш намудааст, расонам.

Ҷаноби Берен ишора кард, ки розӣ аст, ва роҳбари ҷамоат давом дод:

– Онҳо пешниҳод мекунанд, ки Эдуард Леви баромада, масъалаи дирӯзаро



аз сар дар тахтаи синф ҳал намояд, то ки натиҷаи имрӯза ҷои ӯро дар синф ҳал намояд. Касоне ки бо ин пешниҳод розиянд, бигзор даст бардоранд.

Фред Ҳоуп аввал шуда даст бардошт, дигар бачаҳо низ ӯро пайравӣ намуда, даст бардоштанд. Танҳо Тим бо рӯи дурахшида беҳаракат менишаст.

– Хуб, – гуфт ҷаноби Ҳоуп. Муаллим бошад, илова намуд:

– Эдуард, аз ҷоят хеста назди тахтаи синф биё.

Тим ба ҳал кардани масъала шурӯъ кард. Нигоҳи ҳама ба ӯ равона буданд. Дар тахтаи синф рақам паси рақам аниқ ва қатъи пайдо мегашт, ва ҳангоми навиштани онҳо дасти Тим андак ларзад ҳам, чеҳрааш аз табассуми хурсандона медурахшид. Вақте вай ба саволи дирӯза расид, яъне адади 31 аз чанд адади 9 иборат аст, Тим бе душворӣ боз якчанд рақамро навишт, ва бӯрро гузошта, ба ҷои худ хушнуд баргашт. Ҳамин дам якчанд кас қарсақ заданд, ва чун дигарон диданд, ки ҷаноби Берен хомӯшона табассум мекунад, ин садо ба қарсакзании ғулғуланок табдил ёфт.

Он гоҳ муаллим аз ҷояш хеста, ишора намуд, ки ҳама хомӯш шаванд, ва аз ҷаноби Ҳоуп хоҳиш намуд, то ҳисоботро хонад.

Вақте натиҷаи имтиҳонҳои ҳама талабагон хонда шуданд, Тим хаёл мекард, ки тамоми синф садои тапиши дилашро мешунавад, чунки сипас номи чор талабаи беҳтарин бо тантана дар тахтаи синф навишта шуданд. Инҳо зерин буданд: Вилям Брей, Фридрих Ҳоуп, Ҳаррӣ Ҷенисон ва Эдуард Левӣ.



# БОБИ 21
## "Онҳоро бо тариқҳое, ки балад нестанд, ҳидоят хоҳам намуд" Ишаъё 42:16

Вақте ки Тим аз кӯча мегузашт, ҷаноби Миллер ӯро аз тирезаи ҳуҷраи корияш дида, гуфт:

– Тим, як дақиқа ба наздам даро, ман бояд ба ту чизе гӯям.

Тим сабади вазнинашро назди даромадгоҳ гузошта, назди вай даромад. Ӯ имрӯз дар хонаи ҷаноби Браун кор мекард ва аз рӯи маслиҳат ба ӯ барои меҳнаташ бояд китобҳои луғат ва грамматикаи забони лотиниро медоданд. Ӯ ин китобҳоро кайҳо боз орзу мекард.

– Лекин ман хеле шитоб карда истодаам, ҷаноби Миллер, – даромадан замон гуфт ӯ.

– Ҳеҷ гап не, ман вақтатро бисёр намегирам. Бигӯ, ки акнун дар вақти таҳсил ту чӣ кор кардани ҳастӣ?

– Ман мехоҳам дар ин вақти таҳсил

дар ягон ҷой кор кунам, фарқаш нест дар куҷо.

– Ту мехоҳӣ дар мактаб таҳсил карданатро давом диҳӣ? Ман фикр мекардам, ки бо сабаби бемории падарат ту ягон кор мекобӣ, то ба модарат кӯмак намоӣ?

Маънои суханони ҷаноби Миллер аён буд. Ӯ мехост гӯяд, ки "Вазифаи ту акнун кор кардан аст". Тим хиҷолат кашид.

– Ман намедонам, ки чӣ кор карда метавонам, – гуфт ӯ. – Дар ин ҷо бароям кор ёфт намешавад, ва инчунин... орзу дорам, ки хонданро давом диҳам.

– Маро гӯш кун, – ҷавоб дод ҷаноби Миллер. – Ман дар шаҳри дигар бародар дорам, ту ӯро мешиносӣ-ку. Вай савдогар аст ва бисёр фурӯшанда дорад. Ба қарибӣ яке аз фурӯшандагонаш ба вай бисёр зарар овард: аз бовариаш суиистифода карда, моли ӯро дуздид. Ҳоло бародарам дар хонаи ман меҳмон аст. Дирӯз ӯ гуфт, ки ба вай шогирди ҷавон лозим аст. Ӯ мехоҳад вайро бо худ барад, ва бароиояндаи шогирдаш низ ғамхорӣ менамояд. Баъд аз чунин суханони вай ба хотирам ту омадӣ. Аммо агар ту таҳсилро давом додан хоҳӣ, пас дар ин



хусус ҳоҷати гап нест.

– Бале, ҷаноби Миллер, ман қарори қатъӣ додам, ки баъд аз таътил омӯзишро давом медиҳам. Вале бо вуҷуди ин аз таҳти дил аз шумо миннатдорам.

Бо ҳамин сӯҳбат анҷом ёфт, аммо Тим гаштаву баргашта онро ба хотир меовард. Маълум буд, ки ӯ бояд кор мекард, то ризқу рӯзӣ ёбад, зеро модараш барои таъмини оила аз субҳ то шом либос медӯхт. Тим борҳо дар ин бора андеша мекард, вале виҷдонашро бо он ором менамуд, ки дар шаҳрашон барои наврасон кор нест. Лекин дар вақти таътил ӯ тайёр буд ҳар гуна коре ки бошад, иҷро намояд, то каме пул кор кунад. То ҳол ӯ бо андешаҳо қаноат менамуд, аммо акнун, вақте ки ҷаноби Миллер ба ӯ чунин ҷои кори хуб ва таъминоти хуби ҳаёти ояндаро пешкаш намуд, барои чӣ ӯ онро бо хурсандӣ қабул карда наметавонист?

Гап дар сари он буд, ки вақте Тим ҳаёташро ба Масеҳ супурд, аз ҳамон вақт дар дилаш орзуе парвариш меёфт, ки вай ҳоло ба ҳеҷ кас нагуфта буд: ӯ мехост мисли ҷаноби Берен шахси босавод

ва фоидаовар гардад. Ҳатто пеш аз имон оварданаш Тим беихтиёр ба таъсири пурқуввати ин муаллими масеҳӣ тобеъ мешуд, ва дар ин соли охир аз таҳти дил вайро дӯст дошт. Ва чӣ тавре ки баъд муаллим худаш ошкор кард, вай ҳар рӯз барои талабагонаш дуо менамуд. Ин дӯсти бовафояш Тимро дар ин "роҳи танг" устувор менамуд, дилбардорӣ ва мадад мекард. Таҳти роҳбарии ӯ Тим на фақат муваффақиятҳои бузург ба даст овард, балки инчунин ба омӯзиш муҳаббат пайдо намуд. Ӯ орзу дошт, ки муаллим шавад ва бо хурсандӣ ба дигар бачаҳои бепарастор ва беадаб он муҳаббатеро диҳад, ки аз роҳбари ҷамоат ва ҷаноби Берен дид. Дар ин соҳаи васеъ ӯро лозим меояд, ки бисёр корҳои некро анҷом диҳад! Албатта, Тим мефаҳмид, ки дар ин роҳ ӯ инчунин бо бисёр монеаҳои калон дучор мешавад, ва ӯро лозим меояд, ки онҳоро бартараф намояд, аммо ин танҳо хоҳиши ӯро афзун мекард, ва ӯ аз он даст кашида наметавонист. Ӯ фикр мекард, ки оё акнун, вақте ӯ аввалин мушкилиҳоро бартараф кард, мактабро партофтан беақлӣ намебуд? Ва худи



ҷаноби Берен низ аз чунин амали вай норозӣ мешуд.

Аммо ҳамин лаҳза ӯро боз фикри модараш фаро гирифт: вай ба ҷои тамоми оила кор мекунад; падараш сиҳат нашуда истодааст, балки саломатиаш рӯз то рӯз бад мегардад; Марияи бечора бояд кайҳо ба мактаб мерафт, лекин модари серкор бе ёрии вай илоҷ надорад, ва имконият надорад, ки ӯро озод кунад; ва бо вуҷуди ҳамаи ин, ӯ, ягона писари оила, барои ба модарашон ёрӣ расондан ҳеҷ кор намекунад. Ҳар қадаре ки вай ин фикрҳои дилбазанро аз худ дур намекард, онҳо ӯро ба ҳоли худ намегузоштанд ва ба орзуи вай мухолифат менамуданд.

Тим супоришҳои ҷаноби Браунро иҷро карда, ба хона баргашт. Хонаи онҳо назар ба пештара намуди тамоман дигар дошт: Мария онро дар тартибу тозагӣ нигоҳ медошт, аммо бо вуҷуди ин, намуди хона камбағалона буд ва шароит надошт. Баъд аз андешаронӣҳои имрӯза чунин вазъият ба назараш ба таври махсус метофт. Ӯ хомӯшона корҳои дар хона доштаашро иҷро намуд,

баъд хӯроки шомро хӯрда, ба ҳуҷраи худ рафт. Мария назди модараш нишаста, дарс додани Тимро интизор буд, вале бефоида. Ҳамин тавр расо як соат гузашт, ниҳоят, Тим ба ҳуҷра даромад.

– Тим, – гуфт ба ӯ модараш, – агар каме пул дошта бошӣ, рафта барои падарат доруи сулфа биёр. Вай тамоми рӯз ором ёфта наметавонад.

Тим курткаашро гирифт ва ҳуштаккашон давида рафт. Баъд ӯ чизи даркориро харида, сӯи хонаи ҷаноби Миллер шитофт. Вақте ӯро қабул карданд вай бе ягон сухани пешгуфтор пурсид:

– Ҷаноби Миллер, кай бародаратон ба хонааш бармегардад?

– Рӯзи душанбеи меомада.

– Ман фикрамро дигар кардам, ва агар падарам розигӣ диҳанд, бо хурсандӣ ҳамроҳи он кас меравам. Шахсан ман ин масъаларо бо худам ҳал намудаам.

Тим дигар ягон сухане нагуфта, тез баромада рафт, ва ҷаноби Миллер дигар ҳеҷ гоҳ нахоҳад донист, ки чунин қарор ба ин дили олиҳиммати кӯдакона бо чӣ гуна арзиш муҳайё гардид. Баъд аз



якчанд рӯз ҳама чиз ҷо ба ҷо шуд. Маълум шуд, ки бародари ҷаноби Миллер ҳам мисли вай одами нек будааст. Вай ба Тим маош ваъда кард, ки ба назари ӯ чун як молу мулки калон тофт, ва пешакӣ барои харидани сарулибос як миқдор маблағ дод. Тим аз орзуҳое ки барои оянда дошт, умед канд. Дар ин бегоҳ ӯ бо дили пур аз ғам дар ҷамоат ҳузур дошт. Дуоҳову сурудхониҳо ӯро дилбардорӣ намекарданд ва барояш қариб назарнорас буданд. Танҳо вақте ки ҷаноби Ҳоуп барои сухан гуфтан хест, рӯҳафтодагии ӯ аз байн рафт. Вай оятеро хонд, ки дар он гуфта мешавад: “Сангро аз дари қабр барои мо кӣ меғелонад?” Тим нафаҳмида ҳайрон шуд, ки ин чӣ маъно дошта бошад? Аммо вақте ки роҳбар ба фаҳмондан шурӯъ намуд, ӯ дарҳол маънои онро сарфаҳм рафт, ва баъд тамоми умр ин суханони пур аз имон ва дилбардориро дар хотир нигоҳ медошт.

“Ҳа, ҳа, – ҳангоми аз ҷамоат рафтан фикр мекард ӯ, – ин ҳақиқатан ҳамин тавр аст! Ин занони бечора то чӣ андоза дар тарс буданд ва ғам мехӯрданд, ки санги

дари қабрро барояшон кӣ меғелонад, аммо ба онҳо ҳатто лозим наомад, ки ягон коре ҳам кунанд, зеро худи фаришта аллакай ин корро то омадани онҳо карда буд. Акнун ҳамеша ҳангоме ки дар сари роҳам сангҳои монеъшавандаро бинам, дар бораи ин ҳодиса фикр мекунам. Ва кӯшиш мекунам, ки ғам нахӯрам, зеро кӣ медонад, шояд ман ҳам он сангҳоро аллакай ғелондашуда бинам!”



# БОБИ 22

## “Сухане ки дар мавқеаш гуфта шуда бошад, мисли себҳои заррин аст, ки канданикориҳои нуқра доранд” Масалҳо 25:11

Аз байн якчанд ҳафта гузашт. Акнун Тим дар шаҳри дигар, дур аз хешовандону ёрон зиндагӣ мекард. Ягона шахси ба ӯ шинос амаки ҳамсинфаш, ҷаноби Миллер буд. Одатан, коргарони ҷаноби Миллер дар хонаи ӯ зиндагӣ намекарданд, лекин ба Тим, ба таври истисно, барои зистан дар ин хона ҷо доданд. Вақти аввал ӯ худро дар ҳуҷраҳои боҳашамати сарпарасти худ хеле ноқулай ҳис мекард; ба нӯги по роҳ мегашт, то қолинҳои сернақшу нигорро чиркин накунад ва шармгинона дар лаби курсӣ менишаст, аммо каме баъдтар ба чунин муҳит одат кард.

Алисаи хурдакак аз ҳузури ин одами нав дар оилаашон ҳайрон шуда, аз

модараш пурсид:

– Модарҷон, барои чӣ Эдуард мисли дигар одамон дар хонаи худашон зиндагӣ намекунад?

– Барои он ки падарат мехоҳад ба ӯ ёрдам диҳад. Вай мегӯяд, ки то ҳол бо чунин бачаи боақл ва поквиҷдон мисли Эдуард вонахӯрдааст.

– Ҳа, вай дар ҳақиқат бачаи нағз аст, – розӣ шуд Алиса.

Акнун Эдуард Левиро ҳеҷ кас Тим наменомид. Ҳама ӯро бо номи аслиаш меномиданд. Баъзан ӯ фикр менамуд, ки агар бекорхӯҷаи пештара Тим низ худашро ҳоло медид, намешинохт. Дар ин ҷои нав низ ӯ мунтазам ба мактаби якшанбегӣ мерафт. Дере нагузашта, бо сабаби норасоии муаллимони мактаби якшанбегӣ, ӯро аз қатори талабагон ба қатори муаллимони кӯдакони хурдсол гузаронданд. Бачаҳои хурди гурӯҳи вай ӯро бо эҳтиром ҷаноби Леви меномиданд. Тим сарфаҳм мерафт, ки вай аллакай шонздаҳсола шудааст, ва бачаи калонсол гардидааст.

Ҳаёти ӯ пур аз ҳар гуна кору бор буд: ӯ саҳар барвақт аз хоб хеста, тамоми рӯз



кор мекард, берун аз хона супоришҳои гуногунро ба ҷо меовард, ва бегоҳ низ барои омӯзиши мустақилона имконият пайдо менамуд. Вай ин вақтҳои ороми бегоҳирӯзиро хеле дӯст медошт ва бо шавқ китобҳои дӯстдоштаашро меомӯхт! Ӯ ғарқи омӯзиш мешуд, то ҳар гуна имконияти дар берун вақтхушкуниро аз худ дур кунад. Вале аксар вақт ӯ афсӯс мехӯрд, ки дигар бо саволҳояш ба ҷаноби Берени меҳрубон муроҷиат карда наметавонад, то вай ба ӯ чизи намефаҳмидагиашро фаҳмонад! Бо вуҷуди ин, душвориҳои зиёде ки аз ин сабаб ӯ бо онҳо вомехӯрд, наметавонистанд вайро водор кунанд, ки омӯзишашро бас кунад.

– Эҳ, Эдуарди, бечора! – боре ба ӯ гуфт як ҳамкораш, вақте дари мағозаро мепӯшид, – дилам ба ту сахт месӯзад!

– Барои чӣ? – хурсандона пурсид Эдуард.

– Барои он ки Алекс Миллер донишгоҳро хатм намуда, имрӯз ба хона баргашт. Ман вайро имрӯз дар фойтуне дидам, ки аз пеши мағоза гузашт. Намудаш чунон пурғурур буд, ки ҳатто

ба пешаш наздик шудан ҳам намешавад.

– Касби вай чист? – пурсид Эдуард.

– Вай танҳо бодӣ асту дигар ҳеҷ чиз.

– Чӣ хел бодӣ?

– Вақте бо ӯ шинос шавӣ, мефаҳмӣ. Вай ягон имконияти ба ту насиҳат доданро аз даст намедиҳад, ё нишон додани онро, ки аз ту болотар аст. Ман ҳаргиз дар ҷои ту будан намехоҳам!

Эдуард аз ин сӯҳбат дар бораи шахсияти Алекс Миллер ҳеҷ чиз нафаҳмид, ва нисбати вай танҳо кина пайдо кард. Ӯ аз он хавотир мешуд, ки бозгашти вай ҳаёти оромонаи ӯро дар оилаи хайрхоҳи ҷаноби Миллер вайрон накунад. Ҳангоме ки Эдуард ба даҳлез даромад, бо тарс ба ошхонаи равшан назар афканд. Дар он ҷо ӯ як одами қадбаландеро дид, ки дар болои диван менишаст. Вай дар як дасташ дасти модарашро медошт, ва бо дасти дигараш хоҳари хурдакакашро оғӯш мекард. Ҳангоме ки Эдуард чунин манзарaро дид, дилаш ором гашт, аммо бо вуҷуди ин бо тарс, дар паси ҷаноби Миллер руст шуда даромад. Чун Алиса ӯро дид, фарёд карда гуфт:

– Эдуард, тезтар биёед, Алекс омад!



– Ҳа, ин писари ман, Алекс аст, – ба Эдуарди хиҷилшуда рӯ оварда, илова намуд ҷаноби Миллер.

Алекс аз ҷояш хеста, ба ӯ даст дароз кард.

– Салом, – гуфт ӯ, – ман аллакай бо шумо аз рӯи нақлҳои Алиса шинос шудам.

Овози вай хайрхоҳона ва хуш буд. Баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ ҷаноби Миллер бояд ба кумита мерафт. Ҳангоми аз сари дастархон хестан ӯ гуфт:

– Хеле афсӯс, лекин ман бояд ҳоло равам.

– Ман шуморо то дар гусел мекунам, – пешниҳод намуд Эдуард.

– Ташаккур, – гуфт ҷаноби Миллер, ва илова намуд. – Китобҳоятонро ба китобхона бурда, маро дар он ҷо интизор шавед. Ман кӯшиш мекунам, ки зудтар баргардам.

– Вақте Эдуард аллакай ғарқи омӯзиш шуда буд, дари китобхона кушода шуда, Алекс даромад.

– Чӣ тавре ки ман мебинам, шумо бо саъю кӯшиш дарс меомӯзед, – дӯстона пурсид ӯ.

– Ҳа, – кӯтоҳ ҷавоб дод Эдуард, ки аз даромадани ӯ ба ин ҷо на он қадар розӣ буд.

Аммо Алекс ба миз наздик омада, суханашро давом дод:

– Шумо масъалаи математикиро ҳал карда истодаед?

– Бале, ҳалли масъаларо бо касрҳо. Аммо афсӯс, ки ҳаллашро наёфта истодаам, – бо овози аламнок ҷавоб дод Эдуард.

– Биёед, ман як бор мебинам.

Алекс назди ӯ нишаста, корашро тез аз назар гузаронд.

– Шумо дар ин ҷо хатое кардаед, ки онро ба осонӣ ёфта метавонед.

Эдуард ҳисоббарории худро аз назар гузаронд, ва дар воқеъ зуд фаҳмид, ки гап дар чист.

– Шумо дер боз таҳсилро бас кардаед? – савол доданро давом дод Алекс.

– Не, пеш аз омаданам ба ин ҷо. Лекин ман фақат се моҳи зимистон дар он ҷо таҳсил карда будам.

– Барои чӣ фақат се моҳи зимистон?

– Ҳаа, ин сабабҳои бисёр дорад.

– Ин савол Эдуардро шавқманд намуд, вале вай ҳеҷ чизро нафаҳмонд.

Алекс каме хомӯш истода, гуфт:

– Агар шуморо дар омӯзишатон ягон кас роҳнамоӣ мекард, бароятон осонтар мебуд, ҳамин тавр не?

– Албатта, аммо азбаски муаллим надорам, кӯшиш менамоям худам аз ӯҳдаи кор бароям.

– Оё мехоҳед, ки ман ба шумо ёрӣ диҳам? Ман бо шавқу ҳавас ба шумо аз соати 9 то 10 дарс медодам.

Эдуард аз ҳайрат ба худ намеомад. Ӯ ба Алекс чашм дӯхта, пурсид:

– Шумо шӯхӣ намекунед?

– Албатта не. Пас, шумо пешниҳоди маро қабул мекунед?

– Оё ман қабул мекунам? Албатта ҳа. Лекин ман намефаҳмам, ки барои чӣ шумо ба ман чунин пешниҳод кардед?

Зеро ёрӣ додан ба касоне ки хоҳиши зиёди хондан доранд, бароям маъқул аст. Пас, мо пагоҳ сар мекунем. Акнун, биёед ба дуогӯии умумӣ меравем, зеро соат аллакай даҳ шуд.

Эдуард бештар ба ҳайрат меафтод.

– Оё ҷаноби Миллер аллакай омад? – пурсид ӯ.

– Не, лекин писараш дар хона аст. Оё шуморо ба ҳайрат мегузорад, ки дар вақти набуданаш инро ман мекунам?

– Ҳа, – ҷавоб дод Эдуард, – лекин ман намедонистам...

– Намедонистед, ки ман дуо карда метавонам? – ба ҷои вай суханонашро анҷом дод Алекс. – Ҳа, Худоро шукр, ки ман инро ёд гирифта будам.

Баъд дасташро ба китфи Эдуард гузошта гуфт:

– Шумо чӣ, дӯстам, оё инро ёд гирифтаед? – бо овози паст пурсид ӯ.

– Ҳа, – бо хурсандӣ ҷавоб дод Эдуард, – як сол пеш.

– Ман аз ин хеле шодам, – гуфт Алекс, – бе ин зиндагӣ кардан хуб нест. Аммо ба назарам чунин менамояд, ки шумо бо ягон мақсади муайян ин тавр бо ғайрат дарс меомӯзед?

– Ҳа, – гуфт Тим, ва худ тааҷҷуб менамуд, ки барои чӣ ӯ сиррашро ба шахси ношинос фош карда истодааст. – Ман мехоҳам одами босавод гардам. Орзу дорам, ки муаллим шавам.

Ин суханони Тим ба Алекс сахт таъсир намуданд. Ӯ каме хомӯш истод ва



баъд гуфт:

– Бигзор Худо мададгоратон шавад! Аз тахти дил ба шумо орзу мекунам, ки дар нияти худ устувор истода, аз роҳи интихобкардаатон барнагардед.

Ҳангоми хоб рафтан, Тим ба ёд овард, ки чӣ тавр ҳамкораш Алексро “бодӣ” гуфта номида буд. “Агар «бодӣ» ҳамин бошад, – фикр мекард ӯ, – пас ман ҳам чунин шудан мехоҳам”.

# БОБИ 23
## “Пас, ҳар он чи мехоҳед, ки мардум ба шумо кунанд, шумо низ ба онҳо ҳамон тавр кунед”
## Матто 7:12

Фасли тобистон ва тирамоҳ гузашт. Хунукиҳо сар шуданд. Тим, ки аз таҳти дил ба иҷрои вазифаҳои нави худ дода шуда буд, ба муваффақиятҳои баштар комёб мегашт. Чаққонӣ ва ақлу хиради вайро баҳои сазовор доданд. Ӯ дар ширкати тиҷоратии Миллерҳо аз як фурӯшандаи оддӣ ба сардори шӯъба табдил ёфт. Ӯ харидорҳои худашро дошт. Ба ғайр аз ин, Эдуард инчунин соҳиби баъзе имтиёзҳо шуд. Акнун ӯ шабҳои дарози зимистон пурра холӣ буд, ва таҳти роҳбарии муаллими босабр, хирадманд ва босаводи худ аз омӯзиши китобҳояш ҳаловат мебурд. Ӯ боварии комил дошт, ки чунин имтиёзро ба ӯ бо ташаббуси Алекс додаанд. Алекс барои ӯ ҳам муаллим, ҳам рафиқ ва ҳам



бародар шуд. Эдуард ӯро аз таҳти дил дӯст медошт ва зери таъсири неки вай ҳаматарафа тараққӣ меёфт. Инчунин зиндагӣ дар ин оилаи поквиҷдон ва худотарс ба ӯ таъсири хуб мекард, ва имонаш рӯз то рӯз мустаҳкамтар мегашт.

Боре бегоҳӣ ӯ ба почта барои гирифтани мактубҳо омад. Дар байни мактубҳо ӯ мактуберо дид, ки ба ӯ фиристода шудааст. Дар рӯи мактуб бо ҳарфҳои калон “Ба Тим Левӣ” навишта шуда буд. Ӯ фикр кард, ки хушбахтона, ҳеҷ кас ин лақаби хандаовари ӯро надид, ки акнун барояш аблаҳона ва безеб менамуд. Вале ин мактуб аз кӣ бошад? Ба ҳар ҳол аз хона не. Ниҳоят, ӯ онро кушода, хонд.

“Дӯсти азизам, Тим! Модари ман вафот карданд. Ин ҳодиса маро хеле андӯҳгин кард. Акнун ман бояд кор кунам. Ман аз ту дида дӯсти беҳтаре надорам. Оё ту дар мағозаатон бароям ягон кор ёфта метавонӣ? Ваъда медиҳам, ки хуб рафтор мекунам. Дар ин хусус метавонӣ ба суханам бовар кунӣ, ки рост мегӯям. Ман барои роҳ пул дорам. Ба мактубам зудтар ҷавоб деҳ, зеро хе-

ле мехоҳам наздат биёям. Бо эҳтиром, Боб Тёрнер".

Мактуб хеле бесаводона навишта шуда буд ва дар ҳар як калима хатое дошт. Эдуард намедонист чӣ кор кунад. Бо Боб дар як хона зиндагӣ кардан барояш тоқатфарсо мебуд. Хушбахтона, ин ғайриимкон буд. Дар ҳақиқат ба ҷаноби Миллер барои иҷрои супоришҳои иловагӣ корманде лозим буд, вале Боб барин бачаро чӣ тавр тавсия кардан мешавад? Аз дигар тараф, Боб дар андӯҳ буд, ӯ модарашро самимона дӯст медошт, ва дигар ҳеҷ кас надошт. Аммо дар ин ҷо вай ба ӯ доимо ҳаёти пештараашро хотиррасон мекунад, ӯро Тим меномад, ва худаш низ ба назари дигарон тамоман аҷоиб менамояд. Лекин, шояд Худо мехоҳад бо ин роҳ Бобро ба Худ ҷалб намояд? Агар ин ҷавоб ба дуоҳои Тим бошад чӣ? Оё ӯ вазифадор нест, ки аз ин имконият истифода барад? Хайр, агар ҳамкоронаш ӯ ва рафиқашро масхара кунанд, чӣ мешавад? Эдуард назди миз нишаста, китобҳояшро як тараф гузошт ва ғарқи фикр шуд: "Агар Боб ба ин ҷо биёяд, бешубҳа, яке аз мо ба дигарӣ



таъсир мерасонад; агар вай аз ин ҷиҳат бартарӣ ёбад, ин хеле бад мешавад, лекин ман медонам, ки Худо дуоҳоро мешунавад. Ман дер боз барои Боб дуо карда истодаам, лекин, дар ҳақиқат, то ҳол ба иҷрои дуоҳоям як андоза бовар намекардам. Ман умуман барои ӯ ва ҳам барои Фред суст дуо карда истодаам. Аз ҳамин рӯз ман устуворона бовар мекунам, ки Худо ба дуоҳоям ҷавоб медиҳад, ва кӯшиш менамоям барои Боб ҷои кор ёбам. Ин қарори ман аст".

Чӣ тавре ки мо медонем, Тим ҳамеша бачаи боҷуръат буд. Вай дарҳол аз ҷояш хеста, ба китобхона, назди ҷаноби Миллер рафт. Вақте ӯ дарро тақ-тақ кард, ҷаноби Миллер дар ҷавоб аз дохили китобхона гуфт:

– Дароед, Эдуард. Шумо ба ман ягон коре доштед?

– Ман наздатон бо як масъала омадам, ҷаноб.

– Хайр, шинед, гап мезанем.

– Шумо барои корҳои иловагӣ ягон шахсро ёфтед?

– Не, шумо чӣ?

– Бале, ҷаноб. Як бача мехоҳад дар ин

ҷо кор кунад. Номаш Боб Тёрнер аст.

– Вай бачаи хуб аст?

– Не.

– Ҷавоби аниқ. Пас, барои чӣ шумо вайро ба ман тавсия карда истодаед?

– Ман мехоҳам, ки шумо вайро бачаи хуб кунед.

– Фикри аҷоиб, ҳатто намедонам чӣ гӯям!

– Ақаллан ӯ бачаи боинсоф аст?

– Не, ҷаноб; ӯро бачаи боинсоф гуфтан мушкил мебуд; модараш вафот кардааст ва ӯ дигар дӯст надорад, балки танҳо ҷӯраҳои ганда, ки хислати ӯро бадтар мекунанд.

– Яъне шумо гуфтан мехоҳед, ки ман бояд вайро аз чунин муҳит канда гирам? Лекин нақши шумо дар ин кор чӣ гуна хоҳад буд?

– Ман кӯшиш мекунам, ки ба ӯ таъсири хуб расонам.

– Вале, агар баръакс, вай ба шумо таъсир кунад-чӣ?

– Чунин шуда наметавонад.

– Аз кадом сабаб шумо чунин дилпуред?

– Ман қарор додам, ки ҳар рӯз барои



ӯ ва худам дуо мекунам, ва Худо дуоҳои маро мешунавад.

– Ҳа, лекин оё шумо намедонед, ки баъзан фарзандони Худо ҳам аз роҳи рост дур мешаванд? Агар Боб ба шумо таъсири бад расонад, баъд ман ҳеҷ гоҳ худамро бахшида наметавонам, ки барои ба ин ҷо омаданаш розигӣ додам.

– Ба фикрам, аз ин тарсидан лозим нест. Ман боварӣ дорам, ки Худо маро эҳтиёт мекунад, – кӯтоҳ, вале дилпурона ҷавоб дод Эдуард. – Ва боз, ҷаноб, – дар охир далели асосноки худро илова намуда гуфт ӯ, – дар ин ҷо касе ҳаст, ки... бешубҳа барои Боб баракат мешавад. Ин кас ҷаноби Алекс мебошад.

Аз шунидани ин суханҳо чашмони ҷаноби Миллер дурахшиданд, аммо ҳамроҳи табассум вай як оҳи чуқур кашид: писари маҳбуби ӯ, ки фахр ва хушбахтии ӯ буд, касалии сиҳатнашаванда дошт.

– Ҳа, ҳа, шумо рост мегӯед, – ҷавоб дод ӯ, – Алекс ба ҳар касе ки ба ӯ муроҷиат менамояд, некӣ мекунад. Ба ин бача нависед, ки метавонад биёяд, мо кӯшиш мекунем.

Эдуард ба ҷаноби Миллер изҳори миннатдорӣ намуда, аз пешаш хеле хурсанд баромад. Акнун ӯ аз таҳти дил мехост ба Боб мадад кунад, ва вайро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ намояд.



# БОБИ 24
## “Агар дар Ман бимонед, ва сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чи мехоҳед, талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд” Юҳанно 15:7

Аз байн якчанд моҳ гузашт. Рӯзе Тим саҳарӣ аз хоб хеста ҳис намуд, ки якчанд сол пиртар шудааст. Падари ӯ вафот кард, ва якчанд рӯз пеш Мария ӯро аз ин ҳодиса хабардор намуд. Бемори бечора аз сулфа ва табларзае ки ӯро сахт азоб медод, халос шуд. Ҳамроҳи он мактуб мактуби дигаре низ омад, ки онро ҷаноби Ҳоуп навишта буд. Дар он мактуб вай муфассал дар бораи вафоти падари ӯ нақл намуд. Эдуард саҳифаҳои мактубро тез аз назар гузаронда, суханонеро меҷуст, ки дилаш аз он ташнагӣ мекашид. Танҳо дар охири он вай хонд: “Эдуарди азиз, ман бояд инчунин ба ту он суханони падаратро расонам, ки ӯ васият карда буд: «Ба Тим

нависед, ки Худо дуоҳои ӯро шунид ва маро наҷот дод. Инчунин ба вай гӯед, ки ман ӯро дар осмон интизор мешавам, ва боварӣ дорам, ки ӯ боқимондагонро низ назди Худо меоварад». Аз тарафи худ гуфтан мехоҳам, Эдуарди азиз, ки ман боварии комил дорам, ки падарат ҳоло дар Осмон ҳамроҳи Наҷотдиҳанда аст, ва ин сатрҳои аҷоиби Китоби Муқаддасро ба ту хотиррасон мекунам: «Худовандро дӯст медорам, зеро ки овози маро, зориҳои маро мешунавад»". Вақте Эдуард ин сатрҳои мактубро хонд, дар чашмонаш ашки ғам бо ашки шодӣ иваз гардид. Ҷаноби Миллер ва писараш аз самими дил ба ӯ ҳамдардӣ менамуданд, аммо ҳар яке ба таври худ.

– Чаро шуморо танҳо баъд аз дафн кардани падаратон хабардор карданд?

– Барои он ки падарам ногаҳон вафот кард. Инчунин, шояд модарам фикр намуд, ки ба чунин сафар пулам намерасад.

– Дар чунин вазъият пул аҳамият надорад! Наход шумо фикр кунед, ки ман роҳпулиатонро намедодам?

Эдуард ба Алекс мактуби ҷаноби



Ҳоупро нишон дода гуфт:

– Акнун ман ҳамеша афсӯс мехӯрам, ки ақаллан дар маросими дафнаш ҳузур надоштам.

– Не, дӯстам, – гуфт Алекс, – чунин нагӯед; вақте ки шумо бо падаратон дар осмон назди Худо вомехӯред, дигар ҳеҷ гоҳ афсӯс намехӯред, ки чӣ тавр гӯр кардани ӯро надидед.

Аз байн якчанд вақт гузаш. Боб аллакай як муддати дароз дар ширкати ҷаноби Миллер кор мекард. Рафтори боадабонаи вай доимо Эдуардро ба ҳайрат меоварd; аз афти кор, вай қатъиян қарор дод, ки одами хуб шавад. Аммо бо вуҷуди ин ҳузури вай дар ин ҷо барои Эдуард аз баъзе ҷиҳат мушкилӣ меовард. Масалан, барои ӯ шунидани лақаби пештарааш "Тим" хеле нофорам буд. Ӯ фикр мекард, ки ин лақаб ба он бачаи ҷандапӯши кӯчагард тааллуқ дорад, ки тамоми ҳаёташро дар ҷустуҷӯи ягон дилхушӣ ё садақа мегузаронд. Аммо Эдуарди ҳозира коргари ширкати тиҷоратии Миллер, муаллими мактаби якшанбегӣ ва ҷавони мулоҳизакор аст, ки вақташро бегоҳиҳо дар сари китобҳои

алгебра ва забони лотинӣ мегузаронад. Лекин Боб Тёрнер ин нозукиҳоро тамоман намефаҳмид. Ӯ Эдуардро мувофиқи мавқеи ӯ самимӣ эҳтиром мекард, вале бо лақаби пештарааш меномид, ва инро доимо дигар коргарон мешуниданд. Боре Эдуард бегоҳӣ ба китобхона даромада ба Алекс гуфт:

– Ман хеле мехоҳам, ки ӯ оқибат тарзи рафтори муносибро ёд гирад!

– Кӣ? – рӯи турши Эдуардро дида пурсид Алекс. Тим табассум намуд.

– Ман медонам, ки ин як беақлӣ менамояд, – гуфт ӯ, – аммо бепарво буда наметавонам. Боб як одати баде дорад, ки доимо дар назди ҳама пеши гӯшам "Тим" гуфта дод мезанад, гӯё ки ман кар бошам. Ман ин лақабро дӯст намедорам; чӣ тавр вай инро пай намебарад!

– Кӣ ба шумо чунин лақаб гузошт?

– Ба фикрам, хоҳарам Мария, вақте ки нав гап заданро ёд мегирифт. Ба ҳар ҳол ин лақаби аҳмақона аст ва ман ҳеҷ наметавонам аз он халос шавам.

– Додари хурдакаки вафоткардаатон ҳам шуморо Тим меномид?

– Ҳа, – ҷавоб дод Эдуард, ва оромтар шуд, – ба фикрам ин ягона калимае буд, ки ӯ талаффуз карда метавонист; гӯё ки ман ҳоло ҳам овози вайро мешунавам.

– Медонед чӣ, Эдуард, дар ҷои шумо ман наметавонистам он номеро дӯст надорам, ки бо он шуморо додараки вафоткардаатон ва, эҳтимол, падаратон меномиданд.

Эдуард хомӯш меистод. Алекс давом дода гуфт:

– Мехоҳам диққататонро боз ба ду чизи дигар ҷалб намоям: аввал, агар шумо ба Боб хубӣ хоҳед, бояд рафторҳои аз ин ҳам ношоями ӯро тоқат намоед; ва дуюм, ба ман гӯед, ки номи ҳақиқии Боб чӣ аст?

Эдуард сурх шуд, баъд табассум намуд ва ниҳоят қаҳқос зада хандид.

– Агар ман ӯро Роберт гуфта номам, худи вайро хандааш мегирад! – хурсандона ҷавоб дод ӯ, ва аз ҳамин вақт сар карда дигар аз ин бора гап намезад. Баъд аз якчанд рӯз Эдуард дар мағоза каме андармон шуд ва бо Боб танҳо монд.

– Тим, ман мехоҳам ба ту як чиз гӯям, – гапро сар кард Боб. – Имрӯз муалли-

мат Алекс сахт бетоб шуд, ва эҳтимол дарсатон намешавад. Ба хонаи мо биё, чунки дигарон ба театр мераванд, ман бошам танҳо сахт зиқ мешавам.

– Не! – қатъӣ ҷавоб дод вай, – ман наметавонам.

– Лекин ту аз ҳад зиёд гузарондӣ, Тим Левӣ! – бо овози баланд гуфт Боб. – Ман намедонистам, ки ту чунин ҳавобаланд шудаӣ. Ман аллакай чандин моҳ дар ин ҷо зиндагӣ карда истодаам, ту бошӣ ҳатто пайи поятро дар хонаи ман нагузоштӣ. Ту ҳақиқатан аз рафиқи деринаат шарм медорӣ, лекин ман, чӣ тавре ки маълум аст, аз ҳамон рӯзи ба ин ҷо омаданам ягон гуноҳ накардам. Агар ту аз ман шарм медошта бошӣ, чунки дар хонаи бой зиндагӣ мекунӣ ва либоси хуб мепӯшӣ, пас арзишат на он қадар ҳам калон аст.

– Ту сафсата гуфта истодаӣ! Ман наметавонам аз касе шарм дорам, ки бо вай Алекс ҳар рӯз ҳамсӯҳбат мешавад. Лекин ман наметавонам имрӯз ё дафъаи дигар наздат биёям, чунки ҳар бегоҳ соати ҳашту ним бояд як кореро анҷом диҳам. Мебахшӣ, аммо вақти рафтанам



низ расид, ман бояд равам.

Боб кунҷковона ба ӯ нигарист.

– Тим, ман ту барин бачаи аҷоибро ягон бор надидаам! Ту дар бораи дарсҳоят гуфта истодаӣ?

– Не, тамоман не.

– Пас, оё ман наметавонам ҳамроҳат рафта, ба ту дар корат ёрдам диҳам?

Тим розӣ шуд.

– Ҳа, ту аз дигарон дида беҳтар ба ман ёрӣ дода метавонӣ.

– Эдуард, агар ба ман гап занӣ, ки ин чӣ кор аст, ваъда медиҳам, ки ҳамеша вафодорона ба ту ёрӣ мерасонам.

– Ваъда медиҳӣ?

– Ваъда медиҳам, ва ту медонӣ, ки ман ҳамеша ба ваъдаам вафо мекунам.

– Майлаш, ман ба ту мегӯям.

Онҳо дари мағозаро маҳкам карда, якҷоя баромаданд.

– Ҳар бегоҳ соати ҳашту ним ман ба ҳуҷраи худ даромада, барои ту дуо мекунам, ва аз Худо илтимос менамоям, ки ба ту хоҳиши ислоҳ гаштан ва масеҳӣ шуданро диҳад.

Боб дар ҷавоб ҳеҷ чиз нагуфта, хомӯш ҳамроҳи Эдуард мерафт. Танҳо вақте ки

онҳо назди дар расиданд, вай гуфт:

– Тим, ин корат аз рӯи ростӣ набуд.

– Кадом корам?

– Ту маро водор кардӣ ваъдаеро диҳам, ки ман онро иҷро карда наметавонам.

– Оё ту масеҳӣ шудан намехоҳӣ?

– Ман гуфта наметавонам, ки ягон бор дар ин бора фикр кардам, лекин ба ман, чун ба ҳар каси дигар, барои ин дӯст ва устод лозим мешавад.

– Пас, ту метавонӣ ба Худо муроҷиат кунӣ ва аз Ӯ илтимос намоӣ, ки ба ту хоҳиши ба Ӯ рӯ овардanро диҳад. Ту барои ин дуо карда метавонӣ-ку. Ҳамчунин ту ба ман ваъда дода будӣ.

Боб аз паси Эдуард ба ҳуҷраи шароитдори вай даромад, ва вақте ки Эдуард плитаи газро дар мегиронд, ӯ бо беадабии сохта ҳуштак кашиданро сар кард. Баъд ӯ мебели хонаро дида, гуфт:

– Ту мисли шоҳзода зиндагӣ мекунӣ!

– Ҳа, ин рост аст, – ҷавоб дод Эдуард, ва каме хомӯш истода, илова намуд, – Боб, соат ҳашту ним шуд.

– Майлаш, – нармдилона ҷавоб дод ӯ. Лекин ба ман фаҳмон, ки ман чӣ бояд кунам. Ҳамаи ин барои ман тамоман нав



аст.

– Ман ба сари зону истода, бароят дуо мекунам, ва ту низ ҳамин тавр кун.

Эдуард назди ҷогаҳаш ба сари зону истод, Боб ҳам чунин намуд, вале бо хиҷолат. Аммо Худо Худаш суханони мувофиқро ба даҳони Тим мегузошт, чунки Боб беихтиёр якчанд бор бо остинаш ашки чашмонашро пок кард. Ӯ бори аввал барои ӯ дуо кардани касро мешунид. Ин бегоҳии аҳамиятнок тамоми умр дар хотираш монд.

Алекс имрӯз касал буд, аммо бо вуҷуди ин, ҳар ду ҷавонро барои якчанд дақиқа ба ҳуҷрааш даъват намуд. Вай худро хеле бад ҳис мекард, вале имконияти бо Боб сӯҳбат карданро аз даст додан намехост. Ним соати сӯҳбат бо Алекс ба Боб чунон маъқул шуд, ки ӯ пешниҳоди вай, зуд-зуд ба наздаш омаданро бо хурсандӣ қабул кард. Вақте ӯ бегоҳӣ назди Алекс меомад, аз пеши ҳуҷраи Эдуард оҳиста, ба нӯги по гашта, мегузашт, то ба дуо кардани вай халал нарасонад. Боре Боб тасодуфан фаҳмид, ки Алекс ҳам доимо барои ӯ дуо мекунад, ва дар ӯ хоҳиш пайдо шуд, ки худаш низ дуо кунад,

то он чиро ки дӯстонаш аз Худо барои ӯ таманно мекарданд, пайдо намояд. Эдуард ваъдаи аҷоиби Худоро бо шарти он доимо дар хотираш нигоҳ медошт: “Агар дар Ман бимонед, ва сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чи мехоҳед, талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд”.

Алекс аз дарди сар сахт азоб мекашид. Боре, вақте ки Боб ҳамроҳи Эдуард назди дивани мулоими вай менишастанд, Боб гуфт:

– Ман хеле мехоҳам барои шумо ягон кор кунам. – Гуфт Боб.

– Шумо метавонистед як кореро кунед, ки маро хеле хурсанд менамояд.

– Чиро? – саросема пурсид Боб.

– Шумо метавонед ба Масеҳ рӯ оваред.

Боб хомӯш шуд, ва намудаш ҷиддӣ гашт.

– Агар ман медонистам, ки инро чӣ тавр кардан даркор аст, чунин мекардам, – ниҳоят гуфт ӯ.

– Агар ман ба шумо гӯям-чӣ? – гуфт Алекс.

– Ҳа, гӯед.

– Ба сари зону истед ва ба Худо гӯед, ки мехоҳед дилатонро ба ӯ супоред, ва



хости Ӯро барои ҳаётатон қабул менамоед.

Боб дудила шуд, чунки дар вуҷудаш мубориза мерафт. Ниҳоят ӯ ба сари зону афтода, аз тахти дил ба Худо дуо кард. Ҳамроҳи ӯ Алекс ва Эдуард низ гарму ҷӯшон дуо намуданд. Баъд Алекс бо овози пурҳаяҷон илова намуд:

– Наҷотдиҳандаи маҳбуб, ҷони ин ҷавонро, ки худро ба Ту супурд, бо хуни покат бишӯй ва ӯро ба макони осмоният тайёр бикун. Мо аз Ту инро илтимос мекунем, чунки ба ваъдаҳо ва вафодории Ту боварӣ дорем.

Баъд аз як соат, вақте ки Боб бо дили пур аз шодӣ рафт, Алекс аз Эдуард пурсид:

– Эдуард, баъд аз вафоти падаратон роҳбари ҷамоат дар мактубаш ба шумо кадом оятро навишт?

– “Худовандро дӯст медорам, зеро ки овози маро, зориҳои маро мешунавад!” – бо дили пур аз миннатдорӣ ба Худо ҷавоб дод Эдуард.

# БОБИ 25

## “Чун нигаристанд, диданд, ки санг ғелонда шудааст; ва ҳол он ки он бисёр бузург буд” Марқӯс 16:4

Вақт тез мегузашт. Дар яке аз рӯзҳо Эдуард пай бурда ба ҳайрат омад, ки аз вақти ба ин ҷо омада, дар ширкати ҷаноби Миллер ба кор даромаданаш расо се сол гузашт. Тамоми ин вақт ӯ таҳти роҳбарии устоди пуртоқат ва хирадманди худ бо ғайрат дарс меомӯхт ва ба бисёр муваффақиятҳо комёб шуд. Ин бегоҳ ӯ дар китобхона нишаста, Алексро интизор мешуд, ва хати Мария фиристодаро бо ташвиш мехонд. Хоҳараш ба ӯ ҳар моҳ ду мактуб мефиристод. Ӯ мактубҳои дароз ва хуб менавишт, аммо дар ин мактуб якчанд сатрҳоро модараш навишта буд, ки пур аз муҳаббат буданд. Дар хона ҳамааш хуб буд, ҳар дуи онҳо кор мекарданд ва маоши хуб мегирифанд, ки барояшон кифоят мекард. Модараш дар мактуб



навишт, ки акнун ӯ дигар маошашро ба онҳо нафиристад, балки онро ҷамъ кунад, зеро аз Мария фаҳмид, ки Тим ба донишкада дохил шудан мехоҳад. Падари раҳматияшон ҳамеша инро орзу мекард. Вақте ӯ чунин суханони соддаву пур аз муҳаббати вайро мехонд, фикр мекард, ки чӣ тавр модараш назар ба солҳои пештара тағйир ёфтааст. Ин мактуб орзуи Тимро бо қуввати нав зинда гардонд, он орзуеро, ки вай ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекард, балки ба як муддате канор гузошт. Акнун ӯ андеша менамуд, ки чӣ тавр онро амалӣ гардонад. Агар ӯ ба донишкада дохил шавад, ба ӯ лозим меояд, ки корашро партояд, лекин баъд ӯ аз кадом ҳисоб зиндагӣ мекунад? Чӣ тавр ӯ аз ин дӯстони некаш, ки ӯро ба оилаи худ қабул карданд, ҷудо мешавад? Эдуард бисёр вақт суханони ҷаноби Ҳоупро дар бораи “санги хеле бузург” ба хотир меовард. Аммо имрӯз ба назараш чунин менамуд, ки ӯ ба чунин санг наздик шуд ва он пеши роҳашро гирифта истодааст. Чӣ қадаре ки вай бештар дар ин бора фикр мекард, ҳамон қадар барояш аз он халосӣ ёфтан мушкилтар

менамуд. Ҳамин вақт ба китобхона Алекс даромада, андешаронии вайро қатъ кард; ӯ хеле беқувват менамуд ва дар дивани мулоимаш дароз кашид.

– Алекс! Бо ҳамдардӣ нидо кард Эдуард, шумо хеле нотоб менамоед. Дар чунин ҳолат беҳтараш худатонро ташвиш надиҳед.

– Шумо дуруст мегӯед. Беҳтараш биёед сухбат намоем, – табассуми суст карда гуфт Алекс. – Бо шумо чӣ шуд, ягон чиз шуморо ташвиш медиҳад?

– Ман аз модарам мактуб гирифтам. Дар мактуб вай дар бораи ояндаи ман фикрашро баён намудааст.

– Оё модаратон маслиҳат доданд, ки хонданро бас кунед?

– Не, баръакс, вай мехоҳад, ки ман хонданро давом диҳам.

– Ин фикри хуб аст! Ман ҳам мехостам бо шумо дар ин бора гап занам. Шумо бояд аз пайи хондан шавед.

– Албатта, вақташ рсидааст, лекин ман намедонам чӣ тавр инро амалӣ гардонам.

– Оид ба хондани шумо ман як пешниҳоди хуб дорам. Медонед, Эдуард,



ман аз хурдӣ орзу мекардам, ки шубон шавам, аммо ба ман лозим омад, ки аз ин орзуи худ даст кашам. Аз самими дил мехоҳам, ки ба шумо ҳеҷ гоҳ чунин қурбонӣ кардан лозим наояд. Якчанд ҳафта пеш ман охирин умедамро гум кардам. Се сол пеш ман хонданамро муваққатан қатъ кардам, то ба хона омада қувват гирам, лекин дар умедвориҳои худ хато кардам. Акнун ман тан додам, пурра тан додам.

Алекс андаке хомӯш истод, баъд бо дасташ чашмонашро молида, суханашро давом дод:

– Ман ба шумо як нақшаи хуберо пешниҳод кардан мехоҳам. Шумо метавонед ба наздиконатон бисёр фоида оваред. Шумо илмро дӯст медоред, кӯдаконро дӯст медоред, ба Худованд таллуқ доред ва мехоҳед ба Ӯ хизмат намоед. Барои муаллими хуб шудан боз чӣ намерасад? Шумо ҳам лаёқатҳо ва ҳам саломатӣ доред, ман бошам пул дорам: агар мо ҳамаи инро якҷоя ба кор барем, ба мақсад осон мерасем.

– Ман шуморо нафаҳмида истодаам, ба ҳайрат омада гуфт Эдуард.

– Ҳозир ман ба шумо мефаҳмонам. Ман мехоҳам, ки шумо хонданатонро дар ягон мактаби хуб анҷом диҳед, ва баъд аз ду сол ба донишкада дохил шавед. Барои ин ман ба шумо маблағи даркориро медиҳам. Акнун шумо маро фаҳмидед?

– Алекс, ман ҳатто намедонам чӣ гӯям... шумо маро тамоман дар ҳайрат гузоштед. Ва... ман аз шумо бениҳоят миннатдорам...

– Яъне шумо пешниҳоди маро қабул мекунед?

– Лекин... ба фикратон, аз кӯмаки дигар одамон истифода набурдан дурусттар намебуд?

Ин ба вазъият вобаста аст, лекин дар аксар вақт чунин фахр бад аст. Дар кору бори ҷаҳонӣ аз кӯмаки инсонӣ истифода набурдан ҳақиқатан ҳам беҳтар ва дурусттар мебуд, аммо барои кори Худованд чунин кардан афвнопазир аст.

Худо ба ман пул дод ва ман мехоҳам онро барои кори Ӯ истифода барам; агар шумо онро қабул кунед, ман хурсанд мешавам, ки барои Ӯ як коре карда тавонистам. Акнун шумо медонед, ки



ман мехостам хизматгузори Худованд шавам ва барои ин солҳои тӯлонӣ дуо мекардам; аммо Ӯ инро барои ман раво надид ва саломатӣ надод, балки ба шумо онро фаровон дод. Акнун, биёед ин бахшоишҳоеро, ки Худо ба мо дод якҷоя намуда истифода барем.

– Аммо ман мехостам, ки танҳо бо мадади Худо ба мақсадам расам, – бо овози паст гуфт Эдуард. – Оё дигар одамон нестанд, ки шумо ба онҳо мадад расонед? Бисёр ҷавононе ҳастанд, ки барои таҳсил кардан пул надоранд.

– Эдуард, ба фикратон, шумо ба кӣ мадад расонданро беҳтар мешумурдед: ба ман ё ба ягон каси ношинос?

Эдуард ба дӯсташ наздик омада ба ӯ даст дароз кард, ва бо ҳаяҷон гуфт:

– Алекс, ҳар он чизе ки аз дастам ояд, ман ба шумо мекардам.

– Пас шумо пешниҳодамро қабул мекунед?

– Ман аз тахти дил ба шумо барои олиҳимматиатон миннатдорам... фикр накунед, ки ман муҳаббати шуморо ҳис намекунам, ва пул ин як қисми хурдтарини он чизест, ки шумо аллакай барои

ман кардаед.

– Дӯсти азизам, ягон вақт шумо худатон мефаҳмед, ки пешниҳоди маро қабул намуда, қарори дуруст кардед ва маро хушнуд намудед.

Баъд аз ин сӯҳбат Эдуард ба ҳуҷраи худ рафт ва чароғи бебаҳои худ – Китоби Муқаддасро кушода он суханонеро хонд, ки барояш қимати гарон доштанд: “Чун нигаристанд, диданд, ки санг ғелонда шудааст; ва ҳол он ки он бисёр бузург буд”. Баъд ӯ зери ин суханон бо қалам хат кашид, зеро мефаҳмид, ки фариштаи Худованд то ҳол дар рӯи замин чунин корро карда истодааст.

Баъд аз ду рӯз Эдуард дар мағоза пеши Боб омада, гуфт:

– Боб, пагоҳ ман ба хона меравам.

– Наход? Ман ҳам хеле мехоҳам ҳамроҳат равам, то шунавам, ки одамон чӣ мегӯянд.

– Ту мехоҳӣ гӯӣ, ки дар бораи ту чӣ мегӯянд?

Эдуард ба Боб нигоҳ намуда хурсандона табассум кард, ва дар бораи он тағйироти аҷоибе андеша намуд, ки бо вай рӯй дода буд. Боб дер боз



аллакай ёрдамчӣ набуд, балки чун дигар фурӯшандагон дар як шӯъбаи алоҳида кор мекард. Ҷаноби Миллер фаҳмид, ки гарчи Боб ба илм лаёқат надошта бошад ҳам, дар тиҷорат маҳорат дорад ва дар ин соҳа ба мартабаи калон мерасад. Харидорон ва ҳамкорон ӯро дӯст медоштанд, ва таъсири хуби Алекс, ки ӯ вайро хеле дӯст медошт, дар ҳаёти масеҳии ӯ мадад ва дастгирӣ шуд.

– Тим (Боб ҳоло ҳам ӯро чунин меномид), ба ҳама рафиқони пешинаат гӯй, ки ман бениҳоят хушбахтам, сиҳату саломатам ва бо онҳо тамоман вохӯрдан намехоҳам. Дар он ҷо ман ягон дӯст надорам, ва рости гап, худам ба ин сазовор гаштам.

# БОБИ 26
## Ба чӣ восита ҷавон роҳи худро покиза медорад? Бо нигоҳ доштани худ мувофиқи каломи Ту"
## Забур 118:9

Мария қариб даҳум бор куртаи хушрӯи гулобиашро дуруст мекард ва бо ҳавас остини чиндорашро дар оина тамошо карда, ҳамзамон ба шароити хона хушҳолона назар менамуд.

Ҳоло ин ҳуҷраро шинохтан душвор буд. Дар кунҷи хона ҷевон бо китобҳо меистод, назди кати хоб гилемча партофта шуда буд ва дар болои тирезаҳо пардаҳои сафеди тӯрин овезон буданд. Дар мобайни ҳуҷра мизи таомхӯрӣ меистод, ки бар он дастархони пур аз нозу неъмат паҳн шуда буд. Модару духтар касеро интизор буданд, зеро мунтазам назди тиреза омада, ба берун нигоҳ мекарданд. Аз рӯи андешаи онҳо поезд аллакай расида омад ва меҳмони азиз алҳол бояд ба хона биёяд.



Ва дар ҳақиқат, дере нагузашта овози қадаммонии тез шунида шуд, дар кушода шуд ва ба хона Эдуард Левӣ даромад. Мария хост, ки давида бародарашро ба оғӯш гирад, аммо ҷуръат накард ва истод. Албатта, ӯ фикр мекард, ки бародарашро танумaнд, аммо бо либоси оддӣ мебинад, ки дар сараш телпак ва дар пойҳояш мӯза пӯшидааст. Лекин дар пешаш ҷавони қадбаланди хушандом меистод, ки дар тан костюми хуб ва куртаи сапсафед дошт ва дар пойҳояш пойафзоли зебо пӯшида буд. Модар, бошад, аз ин хел монандии вай ба падараш ба ҳайрат афтод. Дар чунин ҳаяҷон ӯ танҳо вайро ба оғӯш кашид ва оҳиста гуфт:

– Писари азизи ман!

Ин бегоҳ дар оила хурсандии бузург ҳукмфармо буд! Эдуард аз шодӣ медурахшид, гарчанде нигоҳаш ва фикраш якчанд бор ба кати калони хоб равона шуд, ки дар болои он ӯ одатан падарашро медид.

Пагоҳии рӯзи дигар ӯ ба дидани ҷойҳои дӯстдоштааш рафт. Вай назди соҳили ҳавз омад, ки дар он ҷо баъд аз ҳикояи муаллимаи ҷавони мактаби

якшанбегӣ дар дилаш андешаҳои нав пайдо гардида буданд. Вай аз самими дил Худоро ташаккур гуфт, ки ҳамон рӯз дар қатори бачагони кӯчагард дар ҷамоат ҳузур дошт. Баъд ӯ ба гӯристон рафта, назди қабри падару додаракаш Худоро шукр гуфт, ки дар ҳаёти оянда бо онҳо дар осмон вомехӯрад. Сипас вай Китоби Муқаддасашро бароварда, ояти зеринро хонд: "Каломи Ту чароғ аст барои поям ва нур аст барои роҳам". Вай инчунин ба Худо барои ин тӯҳфаи гаронбаҳо аз самими дил миннатдор буд. Вақте вай аз майдони шаҳр мегузашт, ҷаноби Браунро дид, ки назди дари мағозааш меистод. Вай низ ӯро аз дурӣ шинохт ва хост, чун пештара вайро Тим гуфта ҷеғ занад, аммо тарзи роҳравӣ ва намуди ботамкини ӯро дида, дӯстона ба ӯ даст дароз кард ва эҳтиромона гуфт:

– Ассалом, Эдуард Левӣ, аз дидани шумо хеле хурсандам.

Вохӯрӣ дар хонаи ҷаноби Миллер аз ин ҳам бештар меҳрубонона буд.

– Воқеан, Эдуарди азиз, шумо хеле пешдаст шудаед. Шуморо аз таҳти дил табрик мекунам! – нидо карда



гуфт ҷаноби Миллер ва илова намуд: – Саломатии Алекс хуб аст? Аз афташ шумо ӯро хеле дӯст медоред? Ӯро дӯст надоштан мумкин нест!

Дар мактаб ҷаноби Берен худаш ба вай дарро кушод ва меҳрубонона пешвоз гирифт. То чӣ андоза дар ин се сол ин ҷо дигаргун шуда буд! Том, Фред ва Виллӣ аллакай дар донишгоҳ мехонданд. Он бачаҳое ки ӯ бо онҳо зарбу тақсимро меомӯхт, ҳоло дарсҳои алгебра ва забони лотиниро меомӯхтанд. Эдуард назди ҷаноби Берен нишаста, рафти дарсро мушоҳида мекард. Диққати ӯро як талабае ҷалб намуд, ки дар наздикии ӯ менишаст. Ӯ дида ба ҳайрат афтод, ки ин талаба низ бемуваффақият он масъалаеро ҳал карда истодааст, ки ӯ боре бо мадади падараш ҳал намуда буд, ва он аввалин муваффақияти ба даст овардаи ӯ буд. Эдуард аз ҷаноби Берен иҷозат пурсид, то ба ин заҳматкаши хурди бечора ёрдам диҳад. Ӯ чӣ тавр фаҳмондани падарашро муфассал ба хотир овард. Чунин тарзи баён акнун низ барор овард – писарак масъалаеро ки вайро чунин азоб медод, зуд ҳал намуд.

Ҳамин вақт ба ҷаноби Берен хатчаеро доданд. Вай онро тез хонда, ба Эдуард гуфт:

Агар шумо ин хел барвақт мактаб хонданро намепартофтед, ман ҳоло аз шумо хоҳиш мекардам, ки ба ҷои ман дарси алгебраро гузаронед. Ман бояд бо як касе вохӯрам, ки дар шаҳрамон танҳо якчанд соат мемонад.

– Иҷозат диҳед як кӯшиш намоям!

– Оё шумо фанни алгебраро омӯхтаед?

– Бале, ҷаноби Берен.

– Ва боварӣ доред, ки ин мавзӯъро медонед?

– Боварии комил дорам, – ҷавоб дод Эдуард.

Ҷаноби Берен Эдуардро ба ҷои худ монда, рафт. Аввал талабагон мехостанд дониши доштаашонро намоиш диҳанд – онҳо дар ёд доштанд, ки муаллими ҳозираашон пеш дар гурӯҳи поёнии мактаб мехонд, аммо дере нагузашта фаҳмиданд, ки ӯ китоби дарсии алгебраро аз ёд медонад. Ҳангоми мавзӯъро фаҳмондани вай ба синф ҷаноби Берен даромад ва бо тааҷҷуб ӯро мушоҳида менамуд.



– Аз шумо хеле миннатдорам, Эдуард, – хурсандона гуфт вай.

– Шумо ҳатман бояд омӯзгор шавед. Аммо, наход ки шумо алгебраро танҳо омӯхтед?

– Не, – хурсандона табассум карда ҷавоб дод Эдуард, ва дар бораи муаллими азизаш нақл намуд. Сипас, ҳангоми ба хона баргаштан, ӯ бо ҷаноби Ҳоуп вохӯрд.

– Ту бояд ҳафтаи оянда равӣ? – баъд аз сӯҳбати дӯстона пурсид роҳбари ҷамоат.

– Ҳа, рӯзи сешанбе.

– Бигзор Худо туро дар ин корҳоят низ баракат диҳад. Баъд каме хомӯш истода, илова намуд:

– Эдуард, писари ман ҳоло ҳам ҳаёташро ба Масеҳ насупоридааст. Оё ту барои вай дуо карданро давом дода истодаӣ?

– Бале, албатта. Чӣ тавр ман метавонам барои писари шахсе дуо накунам, ки барои ман ин қадар некӣ кардааст, ва падарамро назди Худованд овард?!

# БОБИ 27
# “Пас аз рӯзҳои бисёр онро хоҳӣ ёфт”
# Воиз 11:1

Аз байн бисёр сол гузашт. Эдуард дар синфхонаи мактаби зебои шаҳр менишаст. Котибаи қадпаст ба ӯ мактубҳои омадаро овард. Аз афти кор, онҳо ӯро чунон шавқманд намуданд, ки ӯ ба дарс тайёрӣ диданро яксӯ гузошта, мӯҳри мактуби якумро канд. Ин мактуб аз ҷониби Фред Ҳоуп, дӯсти деринааш буд, ки ӯ барои вай 11 сол боз дуо мекард. Ҳангоми хондани ин мактуб чеҳраи ҷаноби Левӣ бештар медурахшид: ӯ аз хондани сатрҳои охири он нигоҳ канда наметавонист: “«Худовандро дӯст медорам, зеро ки овози маро, зориҳои маро мешунавад». Худоро шукр мегӯям, ки ба дилат хоҳиши барои ман дуо карданро гузошт, ва инчунин Ӯро шукр мегӯям, ки дуоҳои туро шунид. Бигзор Худованд туро баракат диҳад, дӯсти азизи ман!”

Эдуард аз хондани ин мактуб бениҳоят



хурсанд шуд. Чӣ қадар ӯ барои дӯсташ дуо намуд! Баъзан ӯ қариб рӯҳафтода мешуд, аммо ҳоло, вақте суханони хотимавии мактуби вайро медид, ки “Бародари ту дар Масеҳ” навишта буд, вафодории комили Худоро ҳис менамуд.

Мактуби дуюмро Боб навишта буд, ва Эдуард ҳангоми хондани он нахандида наметавонист. “Дӯсти азизам Тим, – менавишт ӯ, – ёд дорӣ, ки вақте мо кӯчагардҳои хурдсол будем, боре моро ба хонаи ҷаноби Миллер ба ид даъват намуданд? Ман он идро хуб дар хотир дорам ва қарор намудам, ки барои ҳама кӯдакони бечорае ки мешиносам, дар боғи худам низ чунин ид барпо кунам. Мо дар ин рӯз фейерверк, зиёфат ва хондани сурудҳои масеҳӣ барпо кардан мехоҳем. Ташкил кардани зиёфатро занам маслиҳат дод, ва ман бо вай розӣ шудам, зеро, чуноне ки ту медонӣ, Мария ҳамеша ақидаҳои хуб дорад. Ман мехостам, ки дар ин ид ту сухан гӯӣ, ва умед дорам, ки ин пешниҳоди маро рад намекунӣ. Иди мо 4-уми июл барпо мегардад. Ман аввал ин рӯзро муқаррар кардан намехостам, чунки дар ин ҳафта

ёдбуди солгарди вафоти Алекси азиз мешавад, аммо ҷаноби Миллер мегӯяд, ки агар Алекс худаш низ дар ин ид ҳузур медошт, мисли ин кӯдакон хурсанд мегашт. Мо ба ин ид асосан кӯдакони мактаби якшанбегиро ҷамъ карданием. Мария ва ман кор карда истодаем. Ба модарамон гӯй, ки ман ва Мария ба омаданаш умедворем, бе вай иди мо ба таври хостаамон муяссар намегардад. Фикр мекунам, ки ту дар бораи Фред хабари хушро шунидаӣ. Худоро барои ин ҳодисаи хурсандибахш шукр мегӯям! Том Миллерро ту дар хонаи мо мебинӣ. Инак, то боздид. Дӯстат Боб Тёрнер”.

Рӯзи дигар якшанбе буд, ва ҷаноби Левӣ аз рӯи одат ба мактаби якшанбегӣ рафт, ки ӯ дар он ҷо муаллим буд. Баъд аз занги даромад ӯ назди минбар омад. Ҳама дар интизори шунидани сухани ӯ хомӯш шуданд.

– Дӯстони азиз, – гуфт ӯ, – имрӯз ман мехоҳам ба шумо дар бораи худам нақл кунам. Бисёр сол пеш як муаллимаи ҷавони мактаби якшанбегӣ ба мо ҳодисаеро нақл намуд, ки онро Худо барои назди Худ овардани ман истифода



бурд. Аввалан ман аз Худо, ва баъд аз ин муаллима миннатдорам, ки масеҳӣ шудам. Дар он рӯз вай тасодуфан бо гурӯҳи мо дарс гузаронд, ва баъд аз як муддати кӯтоҳ ман дигар ягон бор ӯро надидам. Ман хеле мехостам, ки ӯро дида миннатдорӣ баён намоям, лекин ин ба ман муяссар нашуд. Лекин ҳафтаи гузашта ман аввалин бор дар бораaш шунидам, ва тасаввур кунед, бачаҳои азиз, маълум гашт, ки ман шаш сол дар қарибии ӯ зиндагӣ карда, дар ин бора ҳатто намедонистам. Ду ҳафта пеш бошад, вай вафот кард... Аввалин ҳиссиёте ки маро фаро гирифт, ҳисси ғам буд, ки ман дигар дар ин ҳаёт ба ӯ изҳори миннатдорӣ карда наметавонам!

Ман мехоҳам, ки ин воқеа ҳама муаллимонро рӯҳбаланд кунад. Дар хотир доред, ки аксар вақт мо меҳнат карда, самари онро танҳо дар осмон мебинем.

Рӯзи якшанбеи оянда ман ба шумо он ҳикояро нақл мекунам, ки бароям баракати бузург шуд, ва тамоми ҳафта дуо мекунам, ки он ба шумо низ чунин таъсир расонад. Шумо, бошад, оятеро аз ёд намоед, ки ман ҳоло ба шумо

мегӯям, ва баъд ба ман мегӯед, ки он ба саргузашти ман алоқа дорад ё не: “Нони худро ба об парто, чунки пас аз рӯзҳои бисёр онро хоҳӣ ёфт”.



силсилаи китобҳои дигарро низ пешкаш менамояд. Аз ҷумлаи инҳо:



Довуд ва Неттӣ Ҷексон

**Амалиёти “Аука”**

Аз онҳо ҳама метарсанд. Онҳо ҳамаро ба тарсу воҳима андохтаанд, ҳар як бегонаро мекушанд, ба ҳеҷ кас бовар намекунанд. Яке аз онҳо бачаи ёздаҳсола Нива мебошад.

Ногаҳон воқеаи ғайриоддӣ рӯй дод: дар осмон “занбӯри чӯбин” пайдо шуд ва ба қабила тӯҳфаҳо партофт. Лётчик Нейт Сайнт ва рафиқонаш мехоҳанд хушхабари Инҷилро ба қабилаи *аука* расонанд.

Нива аз ин хеле шод аст. Вай хеле мехоҳад бо одамони сафедпӯсти пурасрор дӯст шавад, ва қабилаашро бовар кунонад, ки “занбӯри чӯбин”-и бегона бо мусофиронаш ба онҳо ягон бадӣ намехоҳанд. Лекин вақте ки яке аз аъзоёни қабилаашон дар бораи панҷ хушхабаррасон суханони дурӯғ паҳн намуд, тамоми қабила, ба ғайр аз Нива, марги онҳоро талабиданд.

Оё ӯ метавонад пеши роҳи чунин мақсади бадро гирад?

Барои хонандагони аз синни 12 – сола боло.